**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 3 (41), 2025**

Маҷалла 08 июни соли 2023 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозор Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Қобилҷон Хушвахтзода, Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Комил Бекзода, Маҳмадалӣ Музаффарӣ,.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗУЪҲО

## КОРНОМАИ МИЛЛӢ ВА ВОҚЕИЁТИ ИМРӮЗӢ

*Корномаҳои ҷовидонаи Пешвои муаззами миллат (Дар асарҳои **Саймумин Ятимов**)*............................................................................ 4
**Шарифзода Исомиддин.** *Устод Айнӣ – Волтери Машриқзамин..* 47

## АДАБИЁТИ БАДЕӢ, НИЁЗҲОИ АХЛОҚИЮ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Собириён Меҳр.** *Адабиёти бадеӣ ва ниёзҳои иҷтимоӣ*..................... 64
**Салим Маҷид.** *Алӣ Хуш ва адабиёти тоҷик*....................................... 77
**Зиёева Зебонисо.** *Конфутсий: зиндагинома ва мерос*........................ 90
**Баротзода Сино.** *Иқтисоди рақамӣ ва ниёзҳои иқтимоӣ*....... 98

## ОЗОДАНДЕШӢ ВА МАЙДОНИ ХУДСОЗИЮ ҲУВИЯТМАДОРӢ

**Нурзода Нозим.** *Ҳакими Розӣ ва рисолати файласуфӣ*..................... 104
**Шозедов Хуршед.** *Озодандешӣ ҳамчун раванди фикрию иҷтимоӣ дар баробари чолиши радикализми динӣ (гузориши масъала)*.......................................................................................... 127
**Нуров Нодир.** *Ҳунари театрӣ – минбари ҳувиятмадорию худсозӣ (гузориши асъала)*.......................................................................................... 134

## ТАҚРИЗ ВА БАРДОШТ

**Шаҳобиддинов Нуриддин.** *Романи "Нони шарикӣ" ва ташхиси мушкилоти замонӣ (Бардоштҳо аз романи Мирзо Саидзода (Мирзонасриддин) "Нони шарикӣ" (Сад сол бо Русия). -Душанбе, 2025. -415 саҳ.)*…………………………………………………………….. 142

## КОРНОМАИ МИЛЛӢ ВА ВОҚЕИЁТИ ИМРӮЗӢ

# КОРНОМАҲОИ ҶОВИДОНАИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ
# (*ДАР АСАРҲОИ САЙМУМИН ЯТИМОВ*)

## ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ АЗ ДИДГОҲИ ПЕШВОИ МУАЗЗАМИ МИЛЛАТ

«Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат падидаи истиқлоли давлатиро армуғони тақдир намешуморад. Ба ин рӯйдод аз чаҳорчӯбаи таърихи беш аз панҷҳазорсолаи миллати тоҷик менигарад. Таъкид месозад, ки ормони истиқлолият аз нахустин лаҳзаҳои шаклгирии миллати тоҷик арзи ҳастӣ кардааст. Шароити мушаххаси таърихи пайдоиш ва рушди ҷаҳонбиниеро, ки мустақилияти сиёсии миллатро дар назар дошт, ёдрас менамояд» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 11)***

«Масъалаи соҳибихтиёрӣ барои Роҳбари давлат хусусияти танҳо хуқуқӣ, ифтихорӣ, декларативӣ ва идеявӣ надорад. Чунин мафҳуми муқаддасро ӯ дар ҳамоҳангӣ бо алоқаи диалектикии моҳиятӣ мебинад. Ҳидоят менамояд, ки маънии онро бояд ҳамагон омӯзанд ва андеша кунанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 12)***.

«Мафҳуми «истиқлолият» дар фармудаҳои Пешвои миллат маънии фароҳамсозии «имконият»-ро дорад. Имконият ба давлат, ба ҳукумат, ба зиёиён, ба табақаҳои гуногуни ҷомеа – аз хурд то бузург, ба ҳар фарде, ки зарфият, қобилияти фикррониии комил ва тафаккури солим дорад ва сарфи назар аз вазъи иҷтимоӣ, ҷаҳонбинии сиёсӣ, мансубият

ба дину мазҳаб, худро соҳибватан мешуморад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 13).***

«Дар андешаи Сарвари давлат истиқлолият аз бузургтарин муқаддасоти моддӣ ва маънавии миллати тоҷик тафсир карда мешавад. Мантиқи сохтории ин истилоҳ посух гуфтан ба ниёзҳои созгор ба манфиатҳои миллиро дар бар мегирад. Барои дарки амиқи масъала Пешвои миллат арзишҳои умумимиллӣ ва умумибашарии «Ватан», «миллат» ва «ваҳдат»-ро, ки аз ҷиҳати семантикӣ ҳамрадифи «истиқлол» мебошанд, истифода менамояд. Чунин тарзи изҳори назар илман асоснок аст» ***(Ҳамон ҷо. – С. 15-16).***

«Агар муҳимтарин офаридаҳои табиат обу ҳаво бошанд, ки бе онҳо дар рӯйи замин ҳаёт вуҷуд дошта наметавонад, дар суханҳои ҳикматомӯзи Сарвари давлат истиқлол барои миллат айнан ҳамин ҷойгоҳро дорад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 16).***

«Сарвари давлат ҳимоя ва таъмини ҳадафҳои истиқлоли миллиро аз вазифаҳои муштараки, пеш аз ҳама, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ тавассути ба эътибор гирифтани воқеияти моддӣ, маънавӣ, амалкарди давлатдории миллӣ ва таҷрибаи фарҳанги сиёсии сатҳи байналмилалӣ мешуморад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 18).***

«Сарвари давлат дар масъалаҳои таҳким ва ҳифзи истиқлол, пеш аз ҳама, ба ҷаҳонбинӣ, маърифати баланд, нангу номус ва сатҳи масъулиятшиносии мардуми бофарҳанги Тоҷикистон такя мекунад. Ҳидоят менамояд, ки миллат марҳалаҳои ҳассосу мушкили хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро дар амал ва сарбаландона паси сар кунад. Ҳар фард дар алоҳидагӣ моҳияти Ватан ва масъулияти ватандориро эҳсос намояд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 21).***

«Сарвари давлат ба мафҳумҳои «Ваҳдат» ва «Истиқлол» маънои низомсоз медиҳад ва онҳоро бо ҳамдигар зич, вобаста медонад. Дар ҳамин асос муътақид аст, ки ин арзишҳои

муқаддас дӯстиву бародарии тамоми сокинони Ватани азизамонро таҳким мебахшанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 26).***

«Таълимоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат решаҳои амиқи гносеологӣ дорад. Ҳангоми асоснок кардани муҳимтарин масъалаҳои мавҷудияти халқи тоҷик мекӯшад, ки мардум, алалхусус ҷавонон қонунмандиҳои ба истиқлоли давлатӣ расидани миллати тоҷикро фаҳманд. Донанд, ки чунин дастоварди бузург чӣ асоси таърихӣ дорад. Марҳалаҳои аслии таърихи навтарини миллати тоҷик – ҷанги шаҳрвандӣ, расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ, рушди устувори иқтисодӣ аз чиҳо иборатанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 27).***

«... истиқлолияти давлатӣ дар таълимоти Сарвари давлат аз мавзуъҳои меҳварӣ мебошад. Ин мафҳум тавассути истилоҳоти «таърихи панҷҳазорсолаи миллат», «забони тоҷикӣ», «мероси илмӣ, таърихӣ, адабӣ», «ёдгориҳои таърихӣ», «ҳокимияти сиёсӣ дар давлати Сомониён», «ҳувияти миллӣ», «хештаншиносӣ», «худшиносии миллӣ», «мубориза ҳои озодихоҳонаи миллати тоҷик» ва монанди инҳо асоснок ва тафсир карда мешавад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 58).***

## ТАЪРИХ ВА ТАШАККУЛИ МИЛЛАТ

«Ҳангоми таҳлили паҳлуҳои зуҳуроти раҳбарии сиёсӣ дар таҷрибаи давлатдории миллати тоҷик, ду намунаи барҷаста, мондагори таърих ва фалсафаи сиёсат намудор мегардад: корномаҳои шоҳ Исмоили Сомонӣ ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон. Боиси таваҷҷуҳи махсуси илмӣ аст, ки соҳиби қудрати давлатдорӣ ва давлатсозӣ шудани ду шахсияти бузург омил ва хосиятҳои фавқулода *(the situational factors)* дорад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 7).***

«Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вақте зимоми сиёсиро ба даст гирифт, ки қувваҳои худхоҳ, воқеан, низоми мутамарказонидашудаи давлати тоҷиконро, ки бо амри тақдир истиқлол касб карда буд, пора-пора карда буданд. Дар Тоҷикистон давлат ҳамчун мафҳуми ҳуқуқӣ вуҷуд надошт» ***(Ҳамон ҷо. – С. 8).***

«Дар мантиқи баёни Пешвои миллат мазҳари омӯхтан, аз худ кардани арзишмандтарин дастовардҳои моддӣ ва маънавии таърихи беш аз сеҳазорсолаи миллат ҳамеша дар мадди назар аст. Он дар амалияи сиёсии давлатдории навин бо масъулияти бузург мавриди истифода қарор мегирад. Таъкид мешавад, ки дастовард ва мероси ниёгон бояд чун сарчашмаи маънавии худшиносии миллӣ хизмат кунад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 14).***

«Дар фармудаҳои Сарвари давлат аз замони вакили Маҷлиси Олӣ будани ӯ (солҳои 1990-1992) то ба имрӯз, ҳам дар қавл ва ҳам дар амал мантиқи такя кардан ба илм, маориф, истифода аз роҳу усулҳое, ки дар таҷрибаи сиёсии давлатҳои мутамаддини олам санҷида шудаанд, барҷаста ба назар мерасад. Роҳи муборизаи ӯ ба хотири пешравӣ, рӯз ба рӯз беҳтар кардани сатҳи зиндагии мардуми одӣ аст» ***(Ҳамон ҷо. – С. 15).***

«Дар таълимоти Сардори давлат таърихи миллат аз ҷузъиёти сифатии эҳсоси ҳастӣ – забон, адабиёти пурғановат, хештаншиносиву худогоҳӣ ва ваҳдат иборат мебошад. Дар ин истилоҳот кӯшиши ба тарзи амалӣ нишон додани таҷрибаи таърихӣ – дастовардҳои муайян ҳамчун далели раднопазирии ҳастии миллати тамаддунсози мо возеҳ мушоҳида мегарданд ва онҳо ҳамчун арзишҳои эътирофгардидаи сатҳи ҷаҳонӣ ёдоварӣ мешаванд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 28).***

«Раҳбари давлат ҳангоми тафсир ва муаррифӣ кардани таърихи миллат эътиқодмандона ва бо ифтихор сухан мегӯяд. Дар роҳи расидан ба ормонҳои миллӣ ва истиқлолият худкифо будани онро таъкид месозад. Сарчашмаи аслии рушд, аз як давра ба давраи дигар гузаштан, аз лиҳози сифат, маънавиёт ба мақоми таърихӣ расидани миллатро аз табиати ботинии худи ӯ медонад. Тақдири таърихии халқро аз лиҳози диалектикӣ шарҳ медиҳад. Инкишофи онро натиҷаи рақобат, зиддиятҳо, шикасту рехтҳо, эҳё ва дар набарди ҳастӣ пирӯз гаштанҳо мешуморад. Андешаи се даҳсолаи ахир ба амри тақдир, ки ӯ раҳнамои халқ аст, барои таърих, имрӯз ва оянда далели кофии чунин натиҷагириҳо мебошад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 33).***

«Мантиқи ҷолиби таваҷҷуҳи истифодаи принсипи таърихият дар таълимоти Пешвои миллат ноил гаштан ба дарки воқеият – сарнавишти миллӣ ва натиҷаи он – худшиносии миллӣ аст. Таҳқиқоти ӯ дар ин маврид халқӣ, огоҳона, дастрас ва барои ҳамагон фаҳмо мебошанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 33).***

«Мантиқи бузурги таълимоти Пешвои миллат аз воқеияти ***«Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад»*** сарчашма мегирад. Сарвари давлат дар амри равшангарӣ ва маърифатнокии миллат ба масъулияти таърихии аҳли донишу маърифат – зиёиён такя мекунад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 39).***

«**Баҳои Пешвои миллат нисбат ба шахсияти бузурги таърихӣ – Имоми Аъзам фавқулода муҳим аст. Тавассути ибрози чунин эҳтиром ва эътиқод Сарвари давлат ба ходимони дин намунаи олии миллатдӯстӣ ва ватанпарварии як мутафаккири тоҷикро дар шароити ниҳоят мураккаби таърихӣ муаррифӣ мекунад**» *(Ҳамон*

*ҷо. – С. 42).*

«Мувофиқи таъкиди Пешвои миллат, зарур аст, ки насли ҷавон ба омӯхтани таърих, адабиёт ва фалсафаи қадими худ фаро гирифта шавад. Хотиррасон менамояд, ки панду ҳикмати гузаштагони мо на танҳо барои миллати тоҷик, балки дар ғанӣ гардонидани афкори пурҳикмати умумибашарӣ саҳми босазои худро гузоштаанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 47).***

«Сарвари давлат таърихи миллатро бо диққати хосса омӯхтааст. Сабабҳои бурду бохти онро таҳлил, баррасӣ ва арзёбӣ намудааст. Аз онҳо хулосаҳои барои миллат ҳаётан ибратбахш ва шоистаи пайравиро гулчин кардааст. Принсипҳо, меъёрҳоеро муайян намудааст, ки тавассути амалӣ кардани онон фарзандони бонангу номуси халқи тоҷик дар тули таърих барои манзалат пайдо кардан, устувор гаштан, оламиёнро шиносонидан ва моил намудани онҳо барои эътирофи миллат, инчунин ҳимояи халқи тоҷик хизмати сазовор кардаанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 47-48).***

«Принсипи таърихияти тадқиқот дар таълимоти Сарвари давлат мавқеи калидӣ дорад. Тавассути он мехоҳад алоқамандии воқеият – тақдири миллати тоҷикро дар вобастагии пурра – бурду бохти ҳадди ақал ҳазорсолаи ахир амиқтар таҳлил, баррасӣ, арзёбӣ кунад, хулосаи асоснок барорад. Ба дигарон, ба мардум фаҳмонад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 60).***

«Имкони таърихӣ ба миллати тоҷик инқилоби бузург – Истиқлоли давлатиро ато намуд. Тавассути заҳматҳои шабонарӯзии Қаҳрамони миллати тоҷик пояҳои давлатдории миллӣ гузошта шуданд. Кишвар рӯ ба инкишоф ва тараққӣ ниҳод. Ҳамасрони мо шоҳиди ин таҳаввулоти куллӣ мебошанд. Чунин дигаргуниҳо ва пешрафт дар шароити ниҳоят мураккаби зиддиятҳои дохилӣ ва берунӣ ба вуқӯъ пайвастанд. Онҳоро нодида гирифтан мумкин нест» ***(С.***

***Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 6. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 5).***

«Роҳбари давлат ба қаҳрамониҳои фарзандони халқи тоҷик ҳамеша арҷгузорӣ мекунад. Кӯшиш менамояд, ки хотираи онҳоро ҷовидон гардонад. Тавассути овардани далелҳои таърихӣ ба ҳамватанон, махсусан зиёиён − шоирон, нависандагон, олимон, кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муаллимони мактабҳои оливу миёна, донишҷӯён, касоне, ки мансуб ба табақаи андешаву эҷод ҳастанд, маъниву мантиқи арзишҳои тоҷикиятро гаштаву баргашта ва возеҳу равшан фаҳмонад ва бузургони гузаштаи миллатро ҳамчун намунаи пайравӣ муаррифӣ намояд» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми I. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 19)..***

«Роҳбари давлат ҳамчун эҳёгари воқеии арзишҳои шукӯҳманди таърихӣ замони салтанати Сомониёнро бо ифтихори бузург ёдовар мешавад. Рушду нумӯи забони тоҷикиро натиҷаи истиқлоли давлатӣ мешуморад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 21).***

«Дар таълимоти Пешвои миллат нақши сиёсатмадорон, олимон, шоирон, нависандагон, мутафаккирон ва умуман зиёиён дар ташаккули халқи тоҷик, ҳифзи арзишҳои миллӣ, мубориза барои истиқлоли давлатӣ ва бунёди давлати тоҷикон дар тули таърих – аз давраҳои қадим, асрҳои миёна, замони нав ва муосир ба таври хосса таъкид мегардад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 31-32).***

«Роҳбари давлат симоҳои таърихии бузургони миллатро ҳамчун намояндаи фардии ҷомеаи замони худ мавриди таҳқиқ қарор дода, ҳамзамон бо ин, нобиғагӣ ва иродату садоқат ба халқ, мардонагӣ, ҷасурӣ, ташаббускорӣ дар роҳи амалӣ кардани идеалҳои пешқадами ҷомеа, истодагарӣ карда

тавонистани онҳоро дар ҳифз ва пешбурди манфиатҳои миллӣ махсус таъкид кардааст» ***(Ҳамон ҷо. – С. 32).***

«Ангезаи аслии ризоият додан ва расидан ба қудрати сиёсӣ дар мушкилтарин лаҳзаҳои ҳаёти ҷомеа барои Сарвари давлат хизмат ба мардуми кишвар буд. Зеро дар он замони мудҳиши террори ҷисмонӣ ва маънавӣ, қатлу ғорат, бесарусомонӣ, парешонӣ, яъне беқонунӣ касе ҷуръат ва ғайрати ҳокимият карданро надошт. Сиёсатмадорони ботаҷриба худро ба ҳар баҳона канор мегирифтанд. На танҳо қисмати зиёди мамлакат, балки пойтахти он ҳам наметавонист вазифаи конститутсионии худро адо намояд. Ҳадафи аслии Раиси тозаинтихоби Шӯрои Олӣ, ки ҳамзамон Сарварии давлатро ба ухда дошт, пеш аз ҳама, ҳифзи манфиатҳои миллат, халқи азияткашида – оммаи васеи мардум буд. Хотираи некиҳо доимо кӯтоҳ аст. Аммо на танҳо ин насл, балки ҳадди ақал, ҳазор соли дигар набояд ин қаҳрамонии умумимиллӣ фаромӯш гардад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми II. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 213).***

«Ба ҳамин хотир, садои марғуладори ватанхоҳонаи Пешвои муаззами миллат: **«Дӯст бошед! Тифоқ бошед! Ватани худ – Тоҷикистони азизро дӯст доред!»** на танҳо барои ин насл, балки ҳазор соли дигар барои ҳама касоне, ки қобилияти шунидан доранд, ҳамчун мантиқи бузург – маҳсули таҷрибаи таърихи фоҷиабори миллат равона гардидааст. Ин нидо бояд бо сифати абадият, садсолаҳо бо ҳамин овози ҷавонмардонаи даъваткунанда, ҳар шому саҳар дар ҳар хонадон, дар ҳар макону хиёбон садо бидиҳад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 236).***

«Тамоми таълимоти Пешвои муаззами миллат ва моҳияти воқеии онро принсипҳои ба вазъи имрӯзаи халқи тоҷик фақат аз нигоҳи таърихӣ ва дар алоқамандӣ бо ҳодисаҳои таърихӣ баҳо додан, дар муносибат бо таҷрибаи таърихие, ки ин

миллат аз сар гузаронидааст, дар бар мегирад. Ин мантиқи комилан илмӣ аз лаҳзаҳои аввале, ки мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба манзалати роҳбари давлат интихоб гардид, ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам амалӣ, баръало ба чашм мерасад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 248).***

«Пешоҳанги Эҳёи миллати тоҷик Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки аз рӯзи аввали зимоми ҳокимиятро ба даст гирифтан дар ин роҳ собитқадамона, ҷоннисорона, қаҳрамонона мубориза мебарад. Ин далели таърихӣ аст» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 12. Эҳёи миллат – бақои давлат. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – С. 40).***

«Рӯзи 2-юми ноябри соли 1992, дар шароити ниҳоят мушкили вазъи сиёсӣ-ҳарбӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ дар шаҳри Кӯлоб сессияи вилоятӣ гузашт. Дар он вакилони халқ мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба вазифаи раиси вилоят интихоб карданд.

Мардум медонист, ки ин вазифа мушкилтарин, хатарноктарин ва масъулиятноктарин дар шароити онрӯзаи Тоҷикистон аст.

Раиси вилояти Кӯлоб бо вуҷуди вазъи сангини иқтисодии минтақа, гуруснагӣ, қаҳтӣ, нодорӣ, бесарусомонӣ, паҳншавии касалиҳои сироятии марговар, адами имконоти пурраи ҳарбӣ дар муқобили терроризм ва ҷанги хонумонсӯз, ҳамакнун масъулияти роҳбарии ғайрирасмии Ҷабҳаи миллии мубориза барои барқарор кардани сохти давлатдорӣ ва қонуниятро бар уҳдаи худ гирифт» ***(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – С. 280).***

«Бо интихоб шудани мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи раиси вилояти Кӯлоб ва заҳматҳои шабонарӯзии ӯ бо мардум, сафарҳои пайдарпай ба маркази вилояти Қурғонтеппа, ки тақдири давлатдории тоҷикон дар он ҷо, дар

мубориза ба муқобили терроризми байналмилалӣ ҳаллу фасл мешуд, дар кӯтоҳтарин муддат вазъ ба манфиати барқарор кардани сохти конститутсионӣ тағйир меёфт» *(Ҳамон ҷо. – С. 281-282).*

**«... дар дунё миллате вуҷуд надорад, ки худ ба худ соҳибдавлат гашта, мустақилият ва рушду нуму пайдо кунад, агар доҳиёни сиёсӣ, пешравони ҷонфидо ва қаҳрамононе надошта бошад, ки ҳамин ҳаракат, ҳамин ҷараён, ҳамин нияту мақсад ва ҳамин ормонҳоро бо сифатҳои бузурги шахсияти худ таъмин карда тавонанд.**

Аммо дар бораи шахсияти бузург ҳамон вақт сухан мегӯянд, ки ӯ барои миллати худ хизматҳои бузург кардааст.

**Дастоварди Иҷлосияи XVI-ум, нуктаи бунёдии барои сарнавишти миллати тоҷик таъйинкунандаи он, бозёфт ва интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати Роҳбари давлати тоҷикон буд.**

**Ва баръакс, бузургии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки бо ҷонфидоӣ ва корнамоиҳои дар тули таърихи ҳазорсола нотакрор, манзалати ин Иҷлосияро ҳамчун ифодаи хиради азалии миллати тоҷик абадӣ гардонд»** *(Ҳамон ҷо. – С. 282-283).*

«Бо гузашти даҳсолаҳо дар бораи нақши аввалин поягузори давлатдории миллии тоҷикон дар ҳазораи ахир, ки бидуни шак, ба номи Эмомалӣ Раҳмон мансуб аст, бояд изҳор дошт: **«кам аст, ки андеша ба ифода кардани воқеият кӯшиш намояд, бояд худи воқеият ҳам ба муҳтавои тафаккур тамоюли мутассил дошта бошад»** *(Ҳамон ҷо. – С. 283).*

«Эътиқодмандии Президент ба ормону орзуҳои худ аз асоси воқеӣ бархӯрдор мебошад. Он бар шуурнокии ҳақиқӣ, дарки реалии вазъ дар дохили мамлакат, минтақа ва кишварҳое, ки тақдири Тоҷикистон бо онҳо алоқамандӣ дорад, асос ёфтааст.

Аз диди Роҳбари давлат, офарандаи таърих инсон аст. Ҳар шахс бояд масъулияти худро дар назди ҷамъият барои имрӯз ва оянда эҳсос кунад. Вазифаҳои худро донад. Онро бо дарки масъулият ва кулли имконоти руҳиву равонӣ ва ҷисмонӣ ичро намояд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 653).***

«Эҳёи миллат барои Роҳбари давлат аз масъалаҳои муҳимтарин ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, бо супориши ӯ китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров нашр ва ба ҳар як хонадони тоҷик тухфа карда шуд. «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсиро чун қуръони Аҷам эътироф ва китоби рӯимизии ҳар фарди ватанпарвар эълон кард» ***(Ҳамон ҷо. – С. 655).***

## НАҚШИ ШАХС ДАР ТАҚДИРИ МИЛЛАТ

«Боиси ифтихор аст, ки даврони Истиқлол сабк, шева ва усули давлатдории миллати тоҷикро воқеият бахшид. Он тамоми паҳлуҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва мудофиавиро дар бар мегирад. Мактаби давлатдории миллӣ усулан созмон ёфт. Бунёдгузори он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Зарур аст, ки ин мактаб ба таври фарогир мавриди таҳқиқоти илмӣ, таҳлил, омӯзиш ва баҳрабардорӣ барои имрӯзу фардо қарор бигирад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 8. Аристотел: давлат ва сиёсат. –Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 4-5).***

«Хиради азалӣ, интихоби ягона роҳи дурусти раванди сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат, қобилияти бузурги ташкилотчигӣ, иродаи қавии сиёсӣ, кордонӣ, ҷавонмардӣ, қудрати дар атрофи худ сарҷамъ кардани қишрҳои гуногуни ҷомеа, сарфи назар аз ҷаҳонбинӣ ва манзалати иҷтимоӣ, ба як мақсад сафарбар карда тавонистани оммаи мардум аз

омилҳои асосии обрӯ, эътироф, эътимод ва ба маҳбубияти умумимиллӣ сарфароз гаштани Раҳбар ва Пешвои миллати тоҷик мебошад. Дар ин вазъият, Пешвои миллат ва мардум дар якҷоягӣ ба қувваи бузурги умумихалқӣ мубаддал гаштаанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 67).***

«Асарҳои офаридаи Пешвои муаззами миллат «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Сарнавишти миллати соҳибтамаддун», «Забони миллат – ҳастии миллат», «Чеҳраҳои мондагор», «Уфуқҳои Истиқлол» ва монанди инҳо, ки дар солҳои гуногун ба табъ расидаанд, намунаҳои олии таҳлили паҳлуҳои ҳаётан муҳимми зиндагии миллати тоҷик дар тули ҳазорсолаҳо ва замони муосир мебошанд.

Асарҳои Пешвои миллат таҳқиқи ҳамаҷонибаи воқеият ва таҷрибаи таърихии ташаккулёбии миллати тоҷик, дастовард, мушкилот ва бурду бохтҳои онро дар гузашта ва даврони мо дар бар мегиранд. Дар паёмҳо, суханрониҳо, муколама бо мардум самтҳои гуногуни ҳаёти мамлакат, минтақа ва ҷаҳон мавриди таҳлил, арзёбӣ, хулосабарорӣ ва раҳнамоӣ қарор гирифтаанд» (Ҳамон ҷо. – С. 67).

«Таълимоти Пешвои миллат – таҳлили илмиву назариявии таҷрибаи таърихии миллати тоҷик ва ҷараёни амалии бунёди давлати миллии тоҷикон дар замони Истиқлол аз ниёзҳои воқеии иҷтимоии давлатдории мо барои имрӯз ва фардо аст.

Ҳангоми чунин таҳқиқ бори дигар муайян мегардад, ки чӣ гуна ин назария ва амалияи давлатдорӣ – ҳамчун ганҷинаи бебаҳо ва дастоварди таърихии мо – на танҳо хоси заковатмандии миллати тоҷик аст, аз таърихи илм ва тамаддуни ҷаҳонӣ сарчашма мегирад, балки илм ва тамаддуни ҷаҳониро бо сифатҳои арзишманди худ ғанӣ мегардонад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 68).***

«Бар асари ҷанги хонумонсӯз, ки онро дӯсткушони душманпарвар бо сад маккорӣ ва ҷилваю ҳилагарӣ рӯйи кор

овардaнд ва имрӯз ҳам аз кардаи худ изҳори пушаймонӣ надоранд, садҳо ҳазор хона вайрон, сағиру кабир ҳайрон, мардум саргардон шуданд. Сарвари давлат – сарвару сарпарасти бепарасторон гашт» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 8. Достони ҷавонмардӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 299).***

«Таҳлили сифатии фаъолони ба саҳнаи сиёсии солҳои навадуми асри гузашта воридшуда – яке аз фоҷиабортарин давраи таърихии миллати тоҷик, нишонгари он аст, ки бидуни чунин шахсияти бузурге мисли Эмомалӣ Раҳмон, расидани миллати парокандагашта ба сулҳу субот ва таъсиси давлати ягонаи соҳибистиқлол ва ба пайроҳаи рушд раҳнамун сохтани он, ғайриимкон буд» ***(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – С. 655).***

«Ҳамзамон бо ин, мо ҷонибдори он ақида ҳастем, ки зуҳуроти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун шахсияти фавқулодаи сиёсӣ дар таърихи миллати тоҷик, падидаи ғайриинтизор нест. Ӯ ифодакунандаи рушду камол, хираду андешаи таърихии миллати тоҷик дар роҳи Истиқлоли давлатӣ, маҳсули асрҳост, ки дар нақши ин абармарди сиёсат таҷассум ёфт. Эҳёгари ормону орзуҳои миллат дар ҳазораи ахир гашт» ***(Ҳамон ҷо. – С. 655).***

«Насли охири асри XX ва оғози нимаи аввали асри XXI мушоҳидачии фаъоли заҳматҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати амалии давлатдорӣ – ташкил ва раҳбарии ҳукумат, пешбурди кори соҳаҳои ҳаётан муҳим ва тақдирсози сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат, коркард ва роҳандозии соҳаҳои ҳаётан муҳимми давлатдорӣ – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, амниятӣ, мудофиавӣ, илм, маориф ва фарҳанг мебошад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 656).***

«Нобиғагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он аст, ки дар натиҷаи тадқиқи мавод ва таҷрибаи таърихӣ, махсусан, воқеияти талхи солҳои аввали мустақилият дар ҳаёти халқи тоҷик, муборизаҳои шадиди геополитикии муосир ва зарурати ҳаётии ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон, бо таълифи асар ва суханрониҳои андешамандонаи дар умқи фикр сайқалдида, консепсияи Истиқлоли давлатӣ, масъалаҳои хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро илман коркард ва ба ҳамватанон пешкаш кард» ***(Ҳамон ҷо. – С. 657).***

**«Эҷоди асарҳои илмӣ, ибрози мавқеи сиёсӣ дар шакли паём, баёния, суханронӣ, гуфтугӯи мустақим бо халқ аз ҷониби Сарвари давлат аввалин таҷриба дар таърихи давлатдории тоҷикон ист.** Дар ин ҳуҷҷатҳо ва ибрози ақидаҳо муҳимтарин сабк, усул, роҳ ва воситаҳои давлатдорӣ, раҳбарии ҷомеа дар лаҳзаҳои мураккаб ва тақдирсози миллати тоҷик ифодаи худро ёфтаанд.

**Ҳаётан зарур аст, ки барои наслҳои имрӯз ва оянда ин хирадсолорӣ ва оини давлатдории Пешвои миллат дар асоси методологияи илмӣ мавриди тадқиқ қарор бигирад. Чунин омӯзиш фарогири тамоми соҳаҳои давлатдорӣ – сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар бошад»** ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 62).***

## ДУРАХШОН АСТ БО РАФТОР, БО КИРДОР, БО ГУФТОР

**«Дар рафтор, гуфтор ва зиндагии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчун инсон ман шахсияти поктинат, одӣ, хоксор, фурӯтан, хушсуҳбат, нектабиат, ҳимматбаланд, фарди доно ва роҳбари тавоно, фасеҳгуфтор, марди худогоҳу ватандӯст, эҳёгари анъана ва бузургии ниёкон,**

**таърихофарин, пайвандгари тоҷикон, ангезандаи руҳи миллӣ, муҳофизи Ватан, масъулиятшинос, руҳбахш, пуркору накукору пурсаъйу қарин ба одамони меҳнатӣ ва дардошноро дарёфтам.**

**Ӯ воқеан, меҳнатдӯст ва заҳматқарин аст.**

**Дар шоҳидӣ ва пеши назари мо садҳо, ҳазорҳо амале ба намоиш гузошт, ки ӯро ҳамчун ҷавонмард, фарзанди баруманди ин сарзамин, ҷонфидо ба хотири сулҳу субот, ваҳдат, якпорчагии Ватан, обрӯ, манзалат ва тақдири таърихии миллат ва давлати тоҷикон муаррифӣ кард»** ***(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – С. 657-658).***

«Аз таълимоти Сарвари давлат бармеояд, ки фард дар замони худ ҳамон вақт узви фаъоли муносиботи ҷамъиятӣ шуда метавонад, ки аз лиҳози объективӣ ҷонибдори асили манфиатҳои миллӣ бошад ва аз лиҳози субъективӣ – ҷаҳонбинӣ, тарзи тафаккур ва муҳокимаронӣ аз худ амалҳои созгор ба рушди миллӣ нишон диҳад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми I. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 32).***

«Дар нигоштаҳои Пешвои миллат фарзандони содиқи халқи тоҷик ҳамчун мардоне тасвир ёфтаанд, ки дар лаҳзаҳои барои миллат ҳассос ва басо хатарнок ба майдон омада, ҳаёту мамоти худро ба хотири ҳимоя, пойдорӣ, бардавомии давлати тоҷикон бахшидаанд. Шахсият, рӯҳи ботинии онҳо ба пуррагӣ ба мақсадҳои бузург ва тақдири таърихии миллат тавъам омадааст» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 59-60).***

## ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ХЕШТАНШИНОСӢ – ПОЯИ ДАВЛАТДОРӢ

«Дар баёни маъниҳои худшиносӣ ва ваҳдат Сарвари давлат андешаи миллиро дар ҷойи аввал мегузорад ва таъкид мекунад, ки чунин тасаввурот вақте зуҳур меёбад ва аз худ қотеона дарак медиҳад, ки мафҳумҳои «замини аҷдодӣ», «Ватан», масъулияти шинохт ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба ҷузъиёти муҳимми ҷаҳонбинии шаҳрвандон мубаддал гардад, яъне дарки воқеияти маънавӣ бошад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 23).***

«Пешвои миллат ҷаҳонбинӣ ва андешаи миллиро бо далелҳои эътироф ва эҳтироми урфу одат ва анъанаҳои деринаи мардумӣ омили муҳим барои худшиносии миллӣ мешуморад. Дар ин лаҳза на танҳо қудрати истодагарӣ карда тавонистани фарҳанги миллати тоҷик ба бегонагон, балки ба маънавиёти истилогарон таъсир расонидан, бар онон пирӯз гаштан ишора карда мешавад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 24-25).***

«Дар таълифи Сарвари давлат масъалаи меҳварӣ, яъне хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ дар ҷойи аввал меистад. Ӯ гаштаву баргашта хотиррасон мекунад, ки инсон бояд қувва ва имконоти худро дар вобастагии кулл бо доираи манфиатҳои миллӣ дарёбад, таърихи миллатро донад, худро нисбат ба тақдири Ватан масъул шуморад ва худкифо бошад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 26).***

«Дар таълимоти Пешвои миллат таърихи халқ маҷмуи равандҳо ва натиҷаҳое мебошад, ки худи фарзандони миллат офаридаанд ва ба онҳо муваффақ шудаанд. Ҳамзамон бо ин, шахсиятҳои бузурги таърихӣ, ки худро ҳамчун қаҳрамон ва номбардорони миллат муаррифӣ кардаанд, ба некӣ ёдоварӣ карда мешаванд. Аз ин лиҳоз, зарурати аз онҳо ибрат

гирифтан ва ба онҳо пайравӣ карданро таъкид месозад» *(Ҳамон ҷо. – С. 26).*

«Панду андарзҳои Сарвари давлат дар масъалаи тақвияту таҳкими ваҳдати миллӣ ва пояҳои давлатдорӣ дар Тоҷикистон решаҳои боэътимоди илмӣ доранд. Муттаҳидии мардум, пойдории сулҳу субот, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва худогоҳиву худшиносӣ ҳамчун шартҳои ҳифзи манфиатҳои кишвар ва афзоиши неруи иқтисодии мамлакат ҳамчун омилҳои муҳимтарини рушди давлатдории миллӣ эътироф гардидаанд» *(Ҳамон ҷо. – С. 26-27).*

**«Нақди ганҷинаи идеяи Пешвои миллат сохтани давлати миллӣ аст. Ғарб маҳз тавассути фарзандони бонангу номусаш ҳанӯз чорсад сол қабл ба чунин хулоса омада буд. Ва ин шакли давлатдориро пазируфт. Онро бунёд кард. Афзалият ва самараи ин сохт дар олам маъруф гашт. Ба чунин ниҳоди сиёсии дар таҷрибаи пешқадами инсоният санҷидашуда бо заҳмат ва ҷонбозиҳои Сарвари давлат дар сарзамини тоҷикон асос гузошта шуд. Он аз лиҳози ҳуқуқӣ ва воқеӣ бунёд гардид»** *(Ҳамон ҷо. – С. 29).*

«Агар суханони Сарвари давлат дар бораи ин фидоиёни халқи тоҷик гаштаву баргашта мавриди омӯзиш қарор дода шаванд, намунаи олии ватандорӣ, сифати комили шахсият, ки барои сохтан, рушд кардани давлати миллӣ, ҳифз кардани манфиатҳои он зарур аст, баръало намудор мегардад» *(Ҳамон ҷо. – С. 48).*

«Дар таълимоти Сарвари давлат масъалаи тарбияи инсон характери муназзам, сохторӣ ва амалӣ дорад. Он тамоми ҷанбаҳои ташаккули инсонро дар бар мегирад. Аммо тарбияи ахлоқиву маънавӣ дар он мавқеи марказиро ишғол мекунад. Тавассути заҳматҳои бедареғу шабонарӯзӣ Пешвои миллат мекӯшад дар ботини ҳамватанон, ки ӯ ҳаёту мамоти худро ба

онҳо бахшидааст, ҳиссиёти баланди арзишҳои меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ташаккул ёбад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 51).***

«Дарки амиқи амалӣ намудани рукнҳои маънавиёти миллӣ дар партави корномаи Пешвои миллат, аз аркони ниҳоят аҳаммиятноки худшиносии миллӣ мебошад. Мағз андар мағзи онро садоқат ба Ватан, манфиатҳои миллӣ, ташаккули тафаккури илмӣ нисбат ба воқеоти олам, минтақа ва ҷомеаи мо ташкил мекунад. Моҳияти чунин муносиботро мақсадҳои воқеан ҳаётӣ – зарурати ногузири ба инобат гирифтани таносуби вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва он вазифаҳои ҳаётан муҳимме, ки барои сохтани давлати миллӣ, рушди иқтисодиёт, таъмини амнияти миллӣ хос мебошанд, дар бар мегирад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 8. Достони ҷавонмардӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 308-309).***

«Ҳамасрони мо шоҳиданд, ки хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва дар ҳамин замина сохтани давлати миллӣ, ки ормони ҳазорсолаи мардуми тоҷик буд, аз мақсадҳои меҳварии Роҳбари давлат маҳсуб мегардад. Суханони дар дили ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон сабтшуда ва умедбахши Роҳбари нав интихобгардидаи миллати тоҷик – **«Ман ба шумо сулҳ меорам!»** азми таърихӣ ва амалҳои ҷонфидоёнаи ӯ, навиди созандагӣ ба ҳар хонадони мамлакати ҷангзадаи дур аз маъмур ва мардуми хастаи ранҷур нур бахшид» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми I. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 27).***

«Садоқатмандӣ ва эътиқоди бепоёни ӯ ба халқ, собитқадамӣ дар роҳи иҷрои паймон, истодагарӣ дар масири пешгирифта, таъмини сулҳ, ваҳдат, рушди устувори миллӣ, сарфи назар аз мушкилот, таҳдид ва хатарҳои ҷонӣ, омилҳои аслии хештаншиносӣ ва худшиносии миллии қишрҳои асосии

ҷомеа гардид. Ҳаммаром будани иқдомҳои Пешвои миллат бо ормонҳои мардум ба иҷро гаштани нақшаҳои барои мамлакат созгор такони ҷиддӣ бахшиданд» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми II. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 224).***

«Роҳбари давлат ҳанӯз дар рӯзи аввали расидан ба қудрати сиёсӣ, масъалаи эҳёи миллиро эълон ва давоми се даҳсолаи ахир онро аз лиҳози назариявӣ коркард, тасдиқ ва дар таҷрибаи амалӣ ҷонфидоёна роҳандозӣ намуд» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 12. Эҳёи миллат – бақои давлат. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – С. 5).***

«Ҳақиқати эътирофгардида аст, ки Даврони Эҳёи миллати тоҷик дар марҳилаи навин аз аввалин суханони Роҳбари тозаинтихобгаштаи давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Қасри Арбоб оғоз гардид. Минбаъд Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханрониҳои барномавӣ, Паёмҳо, таълифот ва таълимоти бунёдии худ барои ҳар фарди тоҷик ҳаётан муҳим будани Эҳёи миллатро асоснок кард. Принсипҳои асосӣ, сарчашма, роҳ, восита ва усулҳои ба он ноил гаштанро фаҳмонд. Ин равандро дар сиёсати амалӣ, бо азму разми ҷавонмардӣ тавассути бузургтарин чорабиниҳои дар таърихи миллати тоҷик беназир собитқадамона тасдиқ намуд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 28-29).***

«Таҳлили назария ва амалияи сиёсии Сарвари кишвар аз он шаҳодат медиҳад, ки идеали асосии ӯ сохтани давлати миллӣ тавассути тарбияи ҳисси хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ, таъмини ваҳдати миллӣ бар пояи баланд бардоштани некуаҳволии мардум аст» ***(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – С.* 652).**

**«Ман, ҳамчун шаҳрванд шоҳиди воқеӣ ва иштирокдори раванди сиёсати амалӣ зери раҳбарии**

**Қаҳрамони миллати тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳастам.**

**Аз ин лиҳоз, барои мо арзишмандии табиат ва нақши шахсияти Раҳбар дар тулуи мушкилнафаси давлатдории миллӣ, шароити ниҳоят сангини гирдоби таърихӣ, даврони тақдирсоз, қонунмандии ҷараёни тараққиёти ҷамъиятии замон чун оина равшан аст»** ***(Ҳамон ҷо. – С. 649).***

«Яке аз самтҳои омӯзиши сифати шахсияти раҳбар, инъикоси фаъолияти ӯ дар ҳолати динамикӣ – қудрати пешрафт, ҳалли мушкилот ва сарнавишти сиёсии ҷомеа, ки новобаста аз иродаи зимомдори мамлакат арзи вуҷуд кардааст, маҳсуб мегардад.

Насли мо шоҳиди сиёсати амалии Сарвари кишвар дар мушкилтарин даврони давлатдории тоҷикон, охири асри XX ва нимаи аввали асри XXI аст» ***(Ҳамон ҷо. – С. 649).***

## СУХАН ҶОН МЕГИРАД АНДАР КАЛОМАШ

«Қудрати суханварӣ, маъниофаринӣ, ифодаи бурро ва шевои Пешвои миллати тоҷикон ниёз ба таҳлил, тадқиқ, омӯзиш, арзёбии дақиқ ва пайравиро дорад.

Ҳангоме ки Сарвари давлат дар боби муҳимтарин масъалаҳои давлатдорӣ, ватанпарварӣ, истиқлолият, хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ҳарф мезанад, аз перояи нангу номус ва ҷавонмардӣ баҳс мерояд, аз маъниҳои барҷаста, калима ва таркибҳои суфтаву дилчаспу форам ва муассиру ҷозибадор устодона истифода мекунад.

**Пешвои миллат ба тани сухан ҷон ва ба дили пурармони мардуми азиятдида ва меҳнатқарини кишвараш дармон мебахшад»** ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019.– С. 9-10).***

«... **суханҳои Пешвои миллат шакли мансури Суруди миллии мо мебошанд: Ватан модари ягона аст. Бақои он бақои хонадони мо мебошад. Ҳама ҷаҳон ҳабиби мост, дар сурате ки мо соҳибватан бошем»** ***(Ҳамон ҷо. – С. 16).***

«Дар масъалаи тарбия мантиқи суханҳои Сарвари давлат дар он ифода меёбад, ки ахлоқи ҳамида, масъулиятшиносӣ ва донишҳо аз насл ба насл намегузаранд. Падару модар, мактаб, маориф, васоити ахбори воқеан миллӣ, муҳити атроф бо такя ба таҷрибаи таърихии халқи мо, намунаҳои олии қаҳрамонӣ, ҷавонмардии фарзандони он ва мероси адабӣ, бояд бикӯшанд, ки насли ба ниёзҳои имрӯза ва оянда посухгӯи давлатдории миллиро тарбия кунанд» *(Ҳамон ҷо. – С. 49).*

«Маҳсули эҷоди Пешвои муаззами миллат ганҷинаи суханҳои пандомӯз аст, ки ***«гарди баёнаш ба сад рисола барояд»***. Мутолиаи гаштаву баргаштаи ин хазинаи маънӣ, бешубҳа, натиҷаи таҷрибаи воқеияти зиндагии Қаҳрамони миллат – аз овони ҷавонӣ, камолот, бурду бохти раҳи ниҳоят мушкил ва озмудани бахти хеш дар уқёнуси пурталотуми сиёсат ба манфиати сарҷамъ кардани миллати парешони худи ӯ мебошад. **Гавҳар аз баҳр баровардан – гузаштан аз ҷон аст. Дар олам ҳақиқати номуайян нест. Ҳақиқат доимо мушаххас аст. Давлат сохтан аз сарзамине, ки аз он амалан ва танҳо номи ҷуғрофӣ боқӣ монда буд, ҳамин мантиқро дорад.** Ҳарорат ва ҷозибаи маъниҳои ифодакунандаи Пешвои миллат чунин воқеиятро тасдиқ мекунад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 61).***

«Воқеан, сухандонӣ, суханшиносӣ, суханварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат барои ҳар нафаре, ки тоҷик аст, ба лафзи дарӣ, форсӣ ҳарф мезанад, худро тахассусманди соҳаи забоншиносии тоҷик ва донишманди меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик мешуморад, ибратомӯз ва намунаи олӣ аст.

Суҳбати қаҳрамони асар бо табақаҳои гуногуни ҷомеа – кӯдакон, наврасон, куҳансолон, ҷавонон, кишоварзон, коргарон, аҳли фарҳанг, илму адаб, сиёсатмадорон ва муҳофизони Ватан, бо интихоби мавзуъ, мазмун, мундариҷа, муҳтаво, тарзи масъалагузорӣ, ҳидоят ва маслиҳат оид ба ҳаллу фасли онҳо, аз якдигар фарқ мекунанд. Захираи бойи луғавӣ, донистани руҳияи қишрҳои гуногун – аъзо ва авзои ҷомеа, шароити воқеии зисту зиндагӣ, кору фаъолият, муваффақият ва мушкилоти онон, ҳисси ниҳоят баланди масъулият, сидқу сафо, ҳусни ният нисбат ба имрӯзу фардои халқу миллати сипосгузораш, мададгори аслии фаъолияти рӯзмарраи ӯ бо мардуми кишвараш мебошад. Барояш муяссар мегардад, ки дар ҳар маърака барқосо чун ***«муродбахши дили беқарори мардум», «аниси хотири умедворон» ва «гамгусор»***-и (таъбирҳо аз Ҳофиз) миллати дар роҳи маслакаш мисли ӯ ва дар пайравии ӯ ҷонфидо, ҳамчун гӯшту нохун дар тамос ва дарки маънавӣ бошад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 8. Достони ҷавонмардӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 306).***

«Пешвои миллат дар китобу мақолаҳои илмӣ, суханрониҳои сиёсӣ, гуфтугӯҳои мустақим бо аҳли зиё ва мардум муҳимтарин масъалаҳои забоншиносии тоҷикро мавриди омӯзиши дақиқ, таҳлилу арзёбии амиқ қарор дод. Боиси ифтихор аст, Роҳбари давлат дидгоҳи хешро бо забони шево, лаҳни гуворо, барои омма фаҳмо, бо истифода аз далелҳои раднопазири таърихӣ ва санъати бузурги сухандониву суханварӣ иброз медорад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми I. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 8).***

«Баҳраварии дараҷаи аъло аз захираҳои бойи луғавии забони модарӣ, сабки ороиши сухан бо дарназардошти фазо ва муҳити сухангӯӣ аз муҳимтарин омилҳои нишонрас будани мусоҳибаҳои Пешвои миллат аст. Ҳамчунон, бо мантиқи муъҷаз, муассир ва фасеҳ, бо ҷобаҷогузории намунавии задаҳои ҳиҷоӣ ва мантиқӣ, ки аз донистани нозукии тобишҳои семантикӣ ва семасиологии лексикаи забони модарӣ шаҳодат медиҳад, таваҷҷуҳи мардум ба суханрониҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беихтиёр ҷалб мегардад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 66).***

«Пешвои миллат аз камтарин роҳбарони озмудашудаи сиёсии олам аст, ки дар доираи матни гузориш ва гуфтугӯи озод, бо такя ба далелу рақам ва мисолҳои баҳснопазир, бо қудрати маънавӣ ва фарҳанги волои суханварӣ сомеонро тасхир мекунад. Ва моҳияти давлатдории хешро ба дилу дидаи омма мерасонад. Иқрор бояд гашт, ки ин кори чандон саҳл нест» ***(Ҳамон ҷо. – С. 66-67).***

«Забон ва тарзи баёни муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба ҳайси мактаби бузурги фарҳанги муколамаи сиёсӣ, бояд дар доираи мавзуи махсуси таҳқиқоти илмӣ ҳамчун ҷузъи санъат ва оини давлатдории миллии тоҷикон омӯхта ва ба наслҳо пешкаш гардад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 67).***

«Услуби таҳқиқоти илмӣ, таҳлилу баррасии мураккабтарин зуҳуроти таърихӣ ва олами муосир, ҳаёти рӯзмарраи ҷомеа, хулосаҳои ниҳоят муҳим, бомулоҳиза ва усули суханварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кулли соҳаҳои давлатдорӣ нишонгари дарки воқеият ва тавони барҷастаи истифодаи имконоти забони модарӣ аст. Чунин сатҳи донистани забони модарӣ бо тамоми ҷузъиёт ва назокати семантикӣ, семасиологӣ, орфоэпӣ, фонетикӣ, морфологӣ, синтаксисӣ на танҳо барои кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, устодони донишгоҳҳо, муаллимони мактабҳои миёна, кормандони васоити ахбори умум, балки

барои тамоми нафароне, ки умуман бо мардум, махсусан бо ҷавонон сару кор доранд, шахсоне, ки забони адабии ҳозираи тоҷикро аз худ карданианд, намунаи омӯзиш, мактаби суханварӣ – дарси мантиқии давлатдорӣ аст» ***(Ҳамон ҷо. – С. 67-68).***

«Аввалин суханронӣ ва муколамаи Роҳбари давлат бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ моро дар мубориза барои барқарор кардани тартиботи конститутсионӣ дар мамлакат дилпур намуд.

Мо, дафъатан, эътимоди пурра пайдо намудем, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамон шахсиятест, ки зери роҳбарии ӯ метавонем тамоми мушкилоти ҷомеаро паси сар созем. Тартибот ва волоияти қонунро дар давлат барқарор кунем. Ба терроризм ва ифротгароӣ хотима бахшем. Душманони миллати тоҷикро ҳам дар дохил ва ҳам дар берун дасткӯтоҳ намоем» ***(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – С. 284).***

«Руҳу қавииродагии Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон, бо суханронии буррову ҷавонмардона, масъулиятшиносии огоҳона, дар тасаввури мо эҳсоси таҳамтани мубориз ва фидоии ҳақиқии Ватан, эҳёкунандаи давлати миллии мо, тоҷиконро ба вуҷуд овард» ***(Ҳамон ҷо. – С. 284).***

«Мо бошем, бояд вазифаи худро иҷро мекардем. Мо дастпарварони Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон будем, ки доимо таъкид мекард: «Мо давлатдор ҳастем! Мо бояд миллати худро сарҷамъ кунем. Онҳоро парасторӣ намоем. Миллати мо ғайр аз худи мо дар ягон гӯшаву канори дунё пуштибони дигар надорад. Таъмини ваҳдату ягонагӣ – вазифаи ҷонии мост»» ***(Ҳамон ҷо. – С. 340-341).***

«Аз ҷумлаи сифатҳои инфиродии Роҳбари давлати Тоҷикистон, ки мавриди эътирофи умум гаштаанд, волотарин мақом дар байни аҳли сухан дорад. Болотарин манзалат дар

иҷрои қавлу амал ӯрост. Ба ҳамин васила, шуҳрату шарафу обрӯ касб кард. Мардум ӯро Пешво хонд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 654).***

## БА ДИЛҲО РОҲ ЁБАД ҲАР ПАЁМАШ

«Омӯзиши таърихи навтарини миллати тоҷик нишонгари он аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон маҳз тавассути Ақл, Хирад, Тадбир ва тавоноии Сухан, ки аз ҷавҳари маънавиёти бузурги ӯ сарчашма мегиранд, тавъам бо рафтори ҷавонмардонааш тавонист дар дилу дидаи мардум ҷо шавад, ба кишвар сулҳ биёрад ва суботу амниятро дар Ватани азияткашидаи мо барқарор созад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 9).***

«Ҳар як муколамаи Пешвои миллат, тавре ҷомеа шоҳиди он аст, озод, бо салоҳият ва масъулияти бузурги давлатдорӣ, бо таҳлил, далелнокӣ, муқоиса, арҷгузорӣ ба меҳнати деҳқонон, коргарон, соҳибкорон, зиёиён, серталабӣ нисбат ба мақомоти иҷроияи ҳокимият ва дигар сохторҳои давлатӣ сурат мегирад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми II. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 206).***

«Муҳимтарин нуктае, ки дар оини раҳбарии Сарвари тоҷикон ҳамчун сабк, шеваи барҷаста ва услуби муошират бо мардум ба назар мерасад, ифодаи маъниҳои тақдирсоз бо забони шево, оммафаҳм ва дилчаспу ҷозибадор мебошад. Хиради азалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки тавассути сидқан аз бар намудан ва ба тарзи хастанопазир сайқал додани донишҳои энтсиклопедӣ, такрор ба такрор дар таҷрибаи зиндагӣ санҷидани онҳо исбот гардидааст, мактаби махсуси давлатсозӣ ва раҳбарии муваффақона аст. Онро ҳамчун намунаи пайравии рӯзмарра

ва стратегияи давлатдорӣ бояд омӯхт. Қонунмандиҳои аз нестӣ раҳонидан, ҳаст кардан, ба масири тараққиёти устувор расонидан ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани як миллати куҳанбунёди бо тақдири фоҷеабор борҳо рӯбарӯшударо барои наслҳои имрӯз ва оянда ҳамчун сабақ манзур сохт» ***(Ҳамон ҷо. – С. 206-207).***

«Дар баробари чунин сабки муоширати сиёсӣ, яке аз муҳимтарин шакли муколама – Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намояндагони халқ мебошад. Омӯзиши паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат нишонгари он аст, ки дар ҳуҷҷатҳои зикргардида вазъияти давлат таҳлил ва арзёбӣ мегардад. Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва берунии мамлакат на танҳо дар муддати як сол, балки барои даҳсолаҳои минбаъда коркард ва эълон карда мешаванд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 207).***

«Паёмҳои Пешвои миллат хусусияти моҳиятӣ доранд. Дараҷаи алоқамандии диалектикии тамоми бахшҳои низоми сиёсиро бо субъекти марказии ҳокимияти давлатӣ муайян мекунанд. Самаранокии онро тафсир ва баҳогузорӣ менамоянд. Камбудиҳоро ошкор месозанд. Роҳҳои ислоҳи он ва уфуқҳои рушди миллиро дарояндаи наздику дур нишон медиҳанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 207).***

«Бори сеюм буд, ки барои таъйинот ба дафтари кории Сарвари кишвар даъват шуда будам. Ҳар дафъа аз муносибат, кордонӣ ва хирадмандии шахсияте, ки аз хокистари сӯзон мамлакати шукуфон сохтааст, бо таҳаммул ва давлатсолорӣ ҷӯяндаи муваффақи мушкилтарин масъалаҳои дохилӣ ва хориҷии сиёсати мамлакат мебошад, дар шигифт мемондам.

Шахсияти одӣ, фурӯтан, хоксор, ниҳоят масъул, иродатманд, ҳамзамон бо ин, бо тамоюли дарки мусоҳиб, иқтидори фитрии муҳокимаронии тахассусмандона дар мавзуи мадди назари давлатдориро медидам.

Чунин муносибат ба шахс боварӣ мебахшид. Ӯро барои боз ҳам бо сидқу сафо заҳмат кашидан ҳидоят ва дили ӯро ба кор гарм мекард» (***С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – С. 474-475).***

«Солҳо, мутобиқ ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ, ман Сардори давлатро дар сафарҳо ҳамроҳӣ кардаам. Барои донистан, ӯ на танҳо одамонро ба ҳузури худ мепазирад, балки пеши онҳо меравад, то шахсан ба аҳвол ва кору борашон шинос шавад. Ҳар як сухану амалаш барои он такрорнашаванда ва ҷолиби таваҷҷуҳанд, ки натиҷаи таҳлили таҷрибаи зиндагӣ буда, дарбаргирандаи ниёзҳои рӯзафзун ва тағйирёбандаи талаботи ҷамъиятист» ***(Ҳамон ҷо. – С. 652).***

## ЗАБОНИ МОДАРИРО ҲОМӢ БОШАД

«Агар Исмоили Сомонӣ ҳамчун асосгузори аввалин давлати тоҷикон ва ҳомии забон, илм, маърифат, маданият, фарҳангу адаби миллати тоҷик маъруф гашта бошад, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз бузургтарин абармардони таърих аст, ки на танҳо давлати навини тоҷиконро дар шароити ниҳоят мураккаб ва фоҷиабори ҷанги таҳмилии дохилӣ, парокандагии миллӣ, рақобати шадиди геополитикӣ асос гузошт, балки дар роҳи эҳё ва ҳифзи арзишҳои миллӣ – таърих, забони модарӣ, маданият, фарҳанг, фидокориҳои бемисл нишон дод. Бо ибораи дигар, баробар бо наҷоти миллат нақши наҷотбахши забони ӯро низ ба ҷо овард» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми I. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 7).***

«Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳои шахсӣ тавассути Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, дигар меъёрҳои ҳуқуқӣ ва иқдомоти баробар ба онҳо мақом ва нуфузи забони модариро

дар баландтарин поя гузошт. Донистан ва дар фаъолияти расмии давлатдорӣ, муносиботи байналхалқӣ афзалият бахшидан ба онро аз муҳимтарин вазифаҳои хизматчиёни давлатӣ, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон кард» ***(Ҳамон ҷо. – С. 7).***

«Дар замони раҳбарӣ – давлатдории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ ба манзалати фарогиру устуворе соҳиб гардид, ки дар тули таърихи чандҳазорсолаи мардуми тоҷик забони модарии мо дар чунин манзалат намеистод ва истода ҳам наметавонист» ***(Ҳамон ҷо. – С. 7-8).***

«Дар таҳқиқоти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин масъалаҳои забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ, омилҳои иҷтимоии пайдоиш, ташаккул ва рушди забони модарӣ, муносибати забон ба сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, нақши он дар хештаншиносӣ, худшиносии миллӣ ва пешрафти ҷомеа, таъмини ваҳдат, амнияти миллӣ, забон ва ҳусни баёни адибони классик ва муосир мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 8).***

«Дар афкори муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши фарзандони баору номуси миллат, ки ба ивази ҷони худ забон, фарҳанг, таърих, маданият ва анъанаҳои миллиро ҳифз кардаанд, мақоми хосса дорад. Омӯзиши китобу мақолаҳои илмии Пешвои миллат аз он шаҳодат медиҳанд, ки зуҳуроти камназири таърихӣ – зинда мондани забони тоҷикӣ дар замони истилои араб ва ҳазорсолаи ҳукмронии бегонагон ҳамчун мавзуъ ва ҳадафи илмӣ муайян шудаанд. Роҳбари давлат дар ин маврид ба ҳамаи саволҳо бо далелҳои эътимодбахш посух медиҳад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 17-18).***

«Бовар кунонидани халқ ба асолати хеш, эҳсоси масъулияти бузург дар назди таърих, фарҳанг ва тамаддуни гузашта ва арҷгузорӣ ба онҳо аз муҳимтарин вазифаҳое буд, ки Роҳбари давлат онро боисрор ва пайгирона таъкид мекард.

Дар ин маврид, забони модарӣ – забони тоҷикӣ нақди барҷастаи яқин барои муътақид кардани мардум ба асолати хеш буд. Ҳамин тариқ, дар таълимоти Пешвои миллат худшиносии миллӣ ҳамчун мафҳуми иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангиву маънавӣ натиҷаи ташаккули ҷаҳонбиниест, ки аз маҷмӯи мураккаби мафҳум ва категорияҳои сохториву функсионалӣ иборат мебошад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 27-28).***

«Бо қотеияти том изҳор бояд кард, ки дар адабиёти сиёсӣ, таърихӣ ва бадеии имрӯза возеҳтар аз таълимот ва таҷрибаи давлатдории Пешвои миллат, нуқтаи назари санҷидашуда ва бо далелҳои илмӣ собитгардида, ки асолати миллӣ ва худшиносии миллиро дар иртибот бо илми забоншиносӣ нишон дода бошад, мавҷуд нест» ***(Ҳамон ҷо. – С. 29).***

«Сарвари кишвар бо истифода аз неруи тавонои забони модарӣ расидан ба умқи хештаншиносӣ ва худшиносиро ба хотири сохтани давлати миллӣ дар асоси арзишҳои волои тамаддуни башарӣ аз муҳимтарин вазифаҳои наслҳои имрӯзу фардои мамлакат меҳисобад.

Дар таълимоти Пешвои миллат эҳтиром гузоштан ба забони модарӣ – эҳтиром гузоштан ба Ватан, ба модар, ба миллат, ба фарҳанг ва тамаддуни хеш аст» ***(Ҳамон ҷо. – С. 30-31).***

«Пешвои миллат ба мавзуи адабиёти бадеӣ, мундариҷа, моҳият ва забону услуби шоирону нависандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Маҳз тавассути нишон додани амалҳои ҷонфидоёнаи бузургони миллат мехоҳад, симои ҳақиқии қаҳрамонони худро ба хонанда муаррифӣ намояд. Онҳоро дар муқоиса бо дигарон гузорад. Афзалияти воқеии шахсияти мавриди таҳқиқ қарордодаашро ба оммаи мардум фаҳмонад. Ӯро ҳамчун намунаи олии ватандорӣ, ҷавонмардӣ, муҷассамаи меҳру садоқат ба армонҳои миллӣ дар муқобили хатарҳои ҷонӣ ба сифати намунаи ибрат пешниҳод кунад. Омӯзиши

китоби «Чеҳраҳои мондагор» тасдиқи ин гуфтаҳост» ***(Ҳамон ҷо. – С. 40).***

«Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи қудрати забони модарӣ сухан ронда, ба нақши байналмилалии он ишора мекунад. Таъкид месозад, бо вуҷуди он ки забони тоҷикӣ дар таъсири мутақобил бо дигар забонҳои минтақа қарор дошт, ҳувияти функсионалии худро ҳимоя карда тавонист ва бегазанд монд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 47).***

«Масъалаҳои забоншиносии тоҷик дар таълимоти Пешвои миллат мавқеи калидӣ доранд. Ӯ таърихи забонро бо таърихи миллат тавъам медонад. Бо далелҳо исбот менамояд, ки чӣ тавр ҳаёти мардум дар ҳаёти забон таҷассум меёбад. Таъкид месозад, ки забони модарии мо аз ду ҷиҳат омӯхта шавад: аз лиҳози таърихиву муқоисавӣ ва фалсафӣ – дар муносибат бо тафаккур» ***(Ҳамон ҷо. – С. 61).***

«Пешвои миллат забони модариро бо беҳтарин сифатҳо тавсиф мекунад. Барҳақ, онро баробар бо номҳои муқаддаси Модар, Ватан, Миллат медонад. Бо далелҳои таърихӣ исбот месозад, забони тоҷикӣ буд, ки аз забони гурӯҳӣ қавмӣ, аз қавмӣ нажодӣ, аз нажодӣ забони халқ ва аз забони халқ забони миллатро ба вуҷуд овард ва билохира омили аслии истиқлоли миллӣ гардид» ***(Ҳамон ҷо. – С. 62).***

«Роҳбари давлат таъкид мекунад, забони модарӣ ягона нишонаест, ки маҳз тавассути он мансубияти инсон ба миллат муайян карда мешавад. Ва то ба имрӯз илм бештар аз ин, далели муътамади мансубияти шахсро ба фардияти инсонӣ, падару модар, сарзамини аҷдодӣ, таърихи пайдоиш, ташаккул ва рушди миллӣ, урфу одати шоистаи дар тули ҳазорсолаҳо шинохташуда надорад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 62).***

«Дар таълимоти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон назарияи илман асоснок дар бораи қонунҳои пайдоиш, рушд ва инкишофи забони тоҷикӣ, моҳияти забон ҳамчун воситаи

муносиботи ҷамъиятӣ, ифодакунандаи фарҳанг, маданият, маънавиёт ва таърихи миллат, нақши забон дар истиқлоли давлатӣ, роҳу усулҳо ва воситаҳои ҳифз кардан, инкишоф додан, ба забони воқеан умумиллӣ ва посухгӯ ба кулли ниёзҳои умумихалқӣ мубаддал кардани он нишон дода шудаанд» ***(Ҳамон ҷо.– С. 64).***

«Дар таълимоти Пешвои миллат забон ҳамчун падидаи нодири ҷамъиятӣ ва натиҷаи ҷараёни таърихии шаклгирии миллати тоҷик тавсиф мегардад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 34).***

«**Пешвои миллат дар алоқамандӣ бо бузургӣ ва тавонмандиҳои забони тоҷикӣ решаҳои қадимии онро хотиррасон карда, ҷанбаҳои амиқи таърихӣ доштан, воситаи асосии ба ин лафз нигоштани бузургтарин шоҳасарҳои ҷаҳониро аз ҷониби фарзандони барӯманди халқи мо бо ифтихор таъкид менамояд**» ***(Ҳамон ҷо. – С. 36).***

«Сарвари давлат дар масъалаи омӯхтан, ҳифз кардани таркиби луғавӣ, сохти грамматикӣ, системаи фонетикии забони тоҷикӣ, тибқи меъёрҳои забони адабии ҳозира нигоҳ доштани забони модарӣ кӯшишҳои мунтазам ва муассир ба харҷ медиҳад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 38).***

«Сарвари давлат бо такя ба маъхазҳои илмӣ, дар бораи ҷойгоҳи таърихии забони тоҷикӣ сухан ронда, хотиррасон месозад, ки бо вуҷуди мушкилоти сиёсӣ, гузаштагони мо дар тули асрҳо бузургтарин асарҳои илмӣ, бадеӣ, ҳамосаҳои сатҳи ҷаҳониро маҳз ба ҳамин забон офаридаанд. Бо захираи бойи луғавӣ, қудрати маъноӣ, дараҷаи суфтагии грамматикӣ, таровиши гуворои лафзӣ он аз марзҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҳимолой то соҳили баҳри Миёназамин – нақши

байналмилалӣ дошт. Забони мукотиба ва муоширати қавму миллатҳо буд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 38).***

«Роҳбари давлат дар сатҳи аъло донистани забони давлатиро вазифаи ҳар шаҳрванд мешуморад. Дар баробари ин, донистани забонҳои хориҷӣ ва воситаҳои техникии истифодаи онҳоро дар ҳаёти имрӯза шарти зиндагии муваффақона меҳисобад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 39).***

«Истилоҳоти «Ватан», «миллат», «забони модарӣ», масъулият дар назди таърих, яъне эмин нигоҳ доштани ин арзишҳо ва гузоштани саҳми босазо дар рушду тараққии онҳо аз ҷониби насли имрӯза ва оянда аз ҳидоятҳои аслии Сарвари давлат мебошанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 40***).

«Сарвари давлат дар асарҳояш нобиғаҳои миллати хешро, ки бо тамоми имконот дар ҳифзу густариши забони модарӣ ва ҳувияти миллӣ корнамоиҳо кардаанд, бо некӣ ёдовар мешавад. Доир ба асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҳамчун мубориз дар роҳи истиқлолияти адабиёти тоҷик бо ифтихор сухан мегӯяд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 41-42).***

«**Сарвари давлат умри миллатро ба умри забон вобаста медонад. Онро чароғи раҳнамои худшиносиву худафрӯзӣ меҳисобад. Ҳифзи забони модарӣ, аз насл ба насл мерос мондани онро вазифаи муқаддаси соҳибзабонон мешуморад**» ***(Ҳамон ҷо. – С. 42).***

«Маҳз бо ташаббус, ҳидоят ва дастгирии Роҳбари давлат масъалаи дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат истифода бурдани меъёрҳои адабии забони давлатӣ роҳандозӣ гаштааст. Фарогирии истилоҳоти мураккаби илмиву техникӣ, эҷоди асарҳои сирф илмӣ бо забони тоҷикӣ имконоти луғавӣ ва мавқеи истифодаи забони модариро боз ҳам васеътар мегардонад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 43).***

«Пешвои миллат дар баробари ғамхорӣ нисбат ба забони давлатӣ ба омӯзиш ва рушди забони миллатҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагонӣ мекунанд, таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, онҳоро «миллатҳои бародар» ном мебарад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 44).***

«... маъниофаринӣ, сухандонӣ ва санъати суханварии Сарвари давлат ҳамсони шахсияти ин инсони воқеан таърихӣ, бесобиқа ва нотакрор аст. Агар устод Садриддин Айнӣ, ҳамчун алломаи даврон, бо амиқ донистани нозукиҳои адабиёти беш аз ҳазорсола ва нақди забони зиндаи гуфтугӯӣ аз созандагони забони адабии ҳозираи тоҷик бошад, Пешвои миллат бо эҷоди асарҳои илмӣ, муҳимтар аз ҳама, истифодаи олимонаи забони модарӣ онро машҳур ва ҷаҳонӣ гардонд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 61-62).***

## РУШДИ ФАРД ДАР ИЛМ ҲАСТУ МАЪРИФАТ

«Асосгузори давлати тоҷикон, ки бо дастони худ аз хокистар шуъла офарида, сарзамини кӯҳистони худро бо нури он мунаввар сохтааст, тавассути таҳқиқоташ худро бузургтарин донандаи таърихи миллат, омилҳои бурду бохт, садоқату хиёнат, рушду рукуди миллӣ муаррифӣ кардааст» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 40).***

«Дар асарҳои Пешвои миллат ҷаҳонбинии сиёсии ҷомеа мавқеи калидӣ дорад. Ба хотири он ки ин навъи шуур дар шароити муайяни иҷтимоӣ шакл мегирад ва нақши худро ҳамчун фарҳанги сиёсӣ ба намоиш мегузорад. Аз ин лиҳоз, ҷаҳонбинии сиёсӣ аҳаммияти рӯзмарраи амалӣ дорад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 28).***

«Сардори давлат ба маърифатнокӣ, тахассусмандӣ, маънавиёти ба манфиатҳои миллӣ созгор, яъне дараҷаи сифатии миллат таваҷҷуҳи бузург зоҳир мекунад. Ин хосиятро

дар чаҳорчӯбаи муносибат ва муқоиса бо равандҳо ва рақобатҳои мураккаби ҷаҳони муосир мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Бар он аст, ки муаррифгари миллат – ақл, заковат ва дараҷаи маърифатнокии ӯст, на шумораи аҳолӣ ва захираҳои табиии мамлакат» ***(Ҳамон ҷо. – С. 46).***

«Дар ҳидоятҳои Сарвари давлат таълим ҳамчун қисмати ҷудоинопазири тарбия тафсир мегардад. Меафзояд, ки падару модар, мактаб дар зеҳни ҷавонон ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтироми калонсолон, падару модар зарурати омӯзиши илму донишро ҷой кунанд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 47).***

«Сарвари давлат даъват мекунад, ки дар баробари омӯхтани осори адибони бузург, ба илмҳои дақиқ ва ҷомеашиносӣ таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад. Онҳоро ҳамчун илми мафкурасоз арзёбӣ мекунад. Хотиррасон месозад, ки омӯзонидани таърих, адабиёт, илмҳои ҷамъиятӣ барои баланд бардоштани сатҳи маънавиёти ҷавонон хизмати босамар мекунанд. Дар ҷодаи ташаккули шахсият, аз худ кардани арзишҳо, самтгирӣ дар роҳи тайкардаи абармардони миллат, тибқи принсипҳои ватандорӣ, ватанпарастӣ ва манфиатҳои миллӣ зиндагӣ кардан ҳидоят менамояд» ***(Ҳамон ҷо. – С. 49).***

«Сарвари кишвар воқеиятро дарк карда, таъкид менамояд, ки имконоти тараққиёт ва пешрафти Тоҷикистон танҳо дар канданиҳои фоиданок ва мавқеи ҷуғрофиёии он нест. Аз захираҳои маънавӣ, ақл, фаросат, дониш, тахассусмандӣ ва дараҷаи рушди илму маърифат – захираҳои инсонӣ, иродатмандии саросарии миллӣ вобастагӣ дорад» ***(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – С. 653).***

«Роҳбари давлат ба хирад ва касбият чун муҳимтарин воситаҳои истеҳсолот ва такомули давлатдории миллӣ муносибат мекунад. Неруи аслии инсонро на дар мавҷудияти одии ҷисмонӣ, балки дар моҳияти ҷаҳонбинӣ ва руҳи ӯ ба инобат мегирад. Баҳо мегузорад. **Борҳо ман шоҳиди он**

**будам, таъкид мекард, ки ягона маҳаки шинохти инсон – дарки манфиатҳои миллӣ, мувофиқати кору амали ӯ дар лаҳзаҳои барои давлат ҳалкунанда ва ҳаётан муҳим аён мегардад. На дар сухан ва шиорпардозӣ»** ***(Ҳамон ҷо. – С. 653-654).***

## НОМИ МИЛЛАТ ҶОВИДОН БО НОМИ ӮСТ

«Аз он дастовардҳое, ки миллати тоҷик дар муддати се даҳсолаи ахир ба даст овард: оташи ҷангро хомӯш ва миллатро сарҷамъ кард. Давлати миллиро асос гузошт. Онро бунёд кард. Иқтисодиёти мамлакатро барқарор ва кишварро сарсабзу обод намуд. Тоҷи гумшудаи тоҷикро бозгардонд. Миллатро дар ҷаҳон ифтихорманд кард. Кишварро ба Ватани Адолат ва Сулҳу Амният табдил дод. Инҳо намунаи корнамоиҳои бемисли Қаҳрамони миллии мардуми тоҷик мебошанд» (***С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 6. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 18-19).***

«Даст болои сина иқрор бояд гашт: ин тухфаи осмонӣ набуд ва нест. Ҷонбозиҳо, сарсупурдагӣ, матонат, ҷасорат, рӯинтанӣ ва дар набардҳои бисёр вақт нобаробар ба майдон баромада ҷоннисориҳо кардан, садҳо бор бо хасм рӯ ба рӯ гаштан ва пирӯз омадани Шахсияти бузург – фарзанди миллати тоҷик аст. Аз оне ҳам, ки ин Абармарди таърих бо фурӯтании ҷавонмардона дастовардҳоро мансуби миллати бузургаш медонад, ҳақиқат ҳаст. Ҷасорат, Мардонагӣ, баҳри хушбахтии Миллат худро дар обу оташ андохтан, ҳамчун намуна, падидаи беназири миллӣ дар симои як Фард, ба миллат ва андешаи миллӣ бетаъсир намонд. **Мардум дар атрофи Ӯ ҷамъ омаданд. Домони Ӯро гирифтанд. Бо Ӯ ҳамсаф шуданд. Пайравӣ карданд. Ва пирӯз гаштанд»** ***(Ҳамон ҷо. – С. 19).***

«... сарфи назар аз он ки дар минтақаи бузург забону адаби мардуми тоҷик мавриди эътирофу истифода қарор гирифта буд, номбар кардан, ҳамчун намунаи волои рафтори ҷамъиятӣ ҷилвагар намудани қаҳрамонони миллии тоҷик ба манфиати доираҳои сиёсии роҳбарони давру замон набуд. Пешвои бузурги миллат эҳёгари корномаи миллати хеш, ба хотири намунагузории рафтори ватанпарастонаи ин бузургон дар назди халқу миллат мебошад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 8. Достони ҷавонмардӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 303).***

«Иқдоми ҷавонмардонаи Пешвои миллат барои эълони соли бузургдошти Имоми Аъзам, ҳамчун чеҳраи баргузидаи миллӣ, аз ҷасорати ин пири тариқат барои ҳимояи забони модарӣ, ҳувият ва асолати миллии тоҷикон сарчашма мегирад. Маводи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки ӯ бо дониш, ақлу заковат, далерӣ ва матонат ғосибонро маҷбур кард то бо эътироф кардани забон ба миллаташ низ эҳтиром гузоранд. Маҳз бо чунин сифатҳо забон ҳамчун организми зинда ва субъекти муносибот шинохта мешавад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми I. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 5-6).***

«Хосияти гениалии инсон аст, ки меҳнати пурмашаққат ва тафаккури нерумандро ба самти муайян сафарбар намояд» (И. Нютон). Чунин тафсирро метавон ҳамчун намунаи ҳидояткунандаи сифатҳои олии ватанпарастонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хотиррасон намуд, ба ин равшангари орзуву ормонҳои ҳазорсолаи халқи тоҷик дар кору пайкор содиқона пайравӣ кард ва аз насл ба насл чун руҳи шикастнопазири миллӣ пайғом расонид» ***(Ҳамон ҷо. – С. 68).***

«Дар тамоми давраҳои мавҷудияти давлатдории миллати тоҷик, аз ҷумла, дар таърихи асрҳои миёна, таърихи нав, таърихи навтарин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ягона шахсияти эътирофшуда − раҳбарест, ки қавитарин робитаро бо мардум доштаву дорад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми II. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 206).***

«Ҳамасрони мо гувоҳи онанд, ки Сарвари давлат, новобаста аз мавқеи ҷуғрофиёӣ, хатарнокии масир ва шароити ниҳоят сахту номусоиди иқлим, борҳо ба дурдасттарин деҳа, ҷамоат, ноҳия – манзили сокинони мамлакат ташриф оварда, бо зиндагӣ, ҳолу аҳвол, кору бори мардумони касбу ҳунари гуногун шинос шудааст. Бо онҳо вохӯрӣ ва суҳбату мулоқотҳо доир намудааст» ***(Ҳамон ҷо. – С. 206).***

«Пешвои муаззами миллат даҳҳо, садҳо маротиба дар нишасту анҷуманҳои муътабар, сатҳи баландтарин ва суҳбатҳо бо миллати миннатпазири хеш, аз бузургвории қаҳрамонони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ, аллома Бобоҷон Ғафуров ва дигар фарзандони сарсупурдаи ин миллат боифтихор мисолҳо меоварад. Аз корнамоиҳои онон бо эҳсоси баланди ватанхоҳона, ҳамчун намунаи асили рафтори фидокорона ба хотири тоҷикон ва ин сарзамин ёдовар мешавад. Тамоми мардуми Тоҷикистонро ба пайравӣ аз кору пайкори онон даъват менамояд.

**Аммо мардум медид ва мебинад, ки худи Қаҳрамони миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар лаҳзаву ҳар рӯз даҳҳо ва садҳо чунин қаҳрамониҳо кардааст ва мекунад»** ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми II. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 252-253).***

«Бо ҷашн гирифтани 1100 - солагии давлати Сомониён (соли 1999), эълони Соли тамаддуни Ориёӣ (соли 2006), навиштани асарҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих» (1996, 2002, 2006), «Чеҳраҳои мондагор» (2016) ва чандин таълифоти илмӣ – таърихӣ, сохтмони иншоотҳои бунёдии аср Пешвои муаззами миллати тоҷик худро ҳамчун эҳёгари анъана, суннат ва азамати ниёкон, зиндакунандаи маънавиёти Зардушт, Курушу Доро, раҳбари забардаст, масъулиятшинос ва худогоҳ, бунёдгузори таърихи навини миллати тоҷик муаррифӣ намуд ва мардумро ба истифода аз ин ганҷи бепоён, санадҳои худшиносиву меҳанпарастӣ, истиқлолхоҳиву меҳанпарастӣ даъват кард. Яъне Сарвари давлати тоҷикон амалеро, ки дар доираи тавони як раҳбари камназир ва ватанпарвари таърихофарин аст, иҷро намуд» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 12. Эҳёи миллат – бақои давлат. – Хуҷанд: Ношир, 2024. – С. 29).***

«Бояд эътироф намуд, ки Роҳбари давлат ҳангоми баррасӣ, таҳлил ва арзёбии маълумот дараҷаи баланди истеъдоди фитрӣ, тавони расидан ба моҳияти масъала, дарк кардани тазоде, ки аз аломатҳои зоҳирии маълумот ба қонунмандӣ ва умқи падидаи ҷолиби таваҷҷуҳ мебарад, муносибат мекунад» ***(Ҳамон ҷо. – С. 658).***

«Хирад ва таҳаммулпазирии Роҳбари давлат бо вуҷуди серталабӣ, дар муносибат бо аъзои Ҳукумат, роҳбарони дараҷаҳои гуногуни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, дар лаҳзаҳои ҳассос, мураккаб ва гоҳо нобарории иҷрои вазифаҳои хизматӣ, барои ҳама гуна сатҳҳои мақомот намунаи барҷастаи омӯзиш, таҷрибаандӯзӣ, арзёбӣ ва хулосабарорӣ аст» ***(Ҳамон ҷо. – С. 658).***

«**Дар бораи роҳ, усул, маърифат, назокат, муоширaт ва фарҳанги волои идории муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон месазад тадқиқоти тахассусмандонаи академии шоистаи илмӣ ба анҷом расад. Ва он ҳамчун мактаби раҳбарии**

**давлатдории миллии намунаи ибрат, мавриди истифодаи наслҳо қарор гирад»** ***(Ҳамон ҷо. – С. 658).***

## МАОРИФРО БАҚОИ МИЛЛАТУ ДАВЛАТ БИДОНАД

«Барои таҳкими истиқлолият ва таҳкурсии давлат Пешвои миллат нақши тамоми қишрҳои зиёиро муҳим мешуморад. Ба олимон, шоирон, нависандагон, муаллимони мактабҳои олӣ, миёна, журналистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунад. Чун дар замони муосир эҷоди корҳои илмӣ, адабӣ, бадеӣ ва публитсистӣ ҳамаро фарогир шудааст, Сарвари давлат бо эҳтиром ва назокати баланд ҳидоят менамояд: он намунаеро бояд эҷод ва ба хонанда (бинанда, шунаванда) пешниҳод кард, ки давлатдории миллии мо ба он ниёз дошта бошад. Дармони дарди ҷомеа бошад. Зиндагии воқеиро, инсонро такмил диҳад. Ба осонии рӯзгор мусоидат намояд» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 56).***

«Замони Истиқлол, сарфи назар аз мушкилоти ниҳоят сангини ба таври сунъӣ эҷодгашта, бо кӯшишу эҳтимоми бемисли Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон давраи воқеан таърихии рушди мактабу маориф, мукаммалгардонии инфрасохтори соҳа маҳсуб мегардад. Замони шӯравӣ бо ҳазорон афзалияти воқеӣ дар риштаи маориф, чунин собиқаи тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои давлатдории миллиро дар дохил ва хориҷи мамлакат надошт. Дошта ҳам наметавонист. Таъкиди ҳамарӯзаи Сарвари давлат, ки илм, маориф, касбомӯзӣ, ягона воситаи раҳоии миллати тоҷик аз мушкилоти рӯзмарраи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии имрӯзу оянда мебошанд, ба дилу дидаи мардум ҷо гаштааст» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 8. Достони ҷавонмардӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 301-302).***

«Бузургии Пешвои муаззам, хиради волои созанда ва ғамхор ба тақдири неки имрӯзу ояндаи миллат мебошад, ки мактаб, донишгоҳ, муассисаҳои илмиро пояи асосии давлатдории миллӣ эълон намудааст» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми II. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 219-220).***

«Роҳбари давлат вазифагузорӣ мекунад, ки ҳар фард аз калима ва ибораҳои «миллат», «таърихи ташаккул ва рушди миллӣ», «андешаи миллӣ», «асолати миллӣ», «ҳувияти миллӣ», «истиқлоли миллӣ», «ватандориву ватанпарастӣ», «ифтихори ватандорӣ», «арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, илмиву маданӣ», «урфу одат ва анъанаҳои миллӣ», «тафаккури таърихии миллӣ», «дифоъ аз фарҳангу тамаддуни миллӣ», «худогоҳӣ», «таҳкими ваҳдату ягонагии миллӣ», «бунёдкорӣ» ва монанди инҳо бояд баҳравар бошад. Онҳоро фаҳмад. Дарк намояд. Тафсир карда тавонад. Дар рафтори иҷтимоии худ амалӣ созад» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми I. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 28).***

«Хизмати таърихии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла иборат аз он аст, ки дар баробари таъсис додани давлати миллӣ, барқарор кардан ва таъмин намудани рушди устувори иқтисодиёти мамлакат, ба инкишофи илм, маориф ва фарҳанг низ асос гузошт» ***(Ҳамон ҷо. – С. 65).***

«Ворид кардани таълимоти Пешвои миллат дар соҳаи забоншиносии тоҷик, таҳқиқоти илмӣ дар соҳаҳои таърих ва фалсафа, ғояҳои марказии адабиёти бадеӣ, мантиқи китобҳои дарсӣ – маънои ворид кардани низоми арзишҳои миллӣ, маънавиёти хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ ба хотири

тарбияи одам дар рӯҳияи тоҷикият, ватанпарастӣ, ҳимояи сохти давлатдорӣ ва амнияти миллӣ мебошад» *(Ҳамон ҷо. – С. 68).*

## НИЗОМИ ИҚТИСОДӢ ТАРҲ БИНҲОД

«**Маълум аст, ки маҳз тавассути кӯшишҳои шабонарӯзии Қаҳрамони миллии мо фаъолияти низоми иқтисодии мамлакат эҳё гашт. Рушди бемайлони он таъмин гардид. Симои шаҳру деҳот ба куллӣ тағйир пазируфт. Ба ибораи дигар, Сарвари давлат иҷрои бузургтарин уҳдадориҳоеро, ки ба дӯши худ гирифта буд, таъмин намуд**» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 5. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 53-54).***

«Маълум аст, ки муҳимтарин масъалаи ҷаҳони мутамаддину пешрафта ва яке аз омилҳои аслии рушду тараққии он таъмини аввалиндараҷаи озодии иқтисодӣ мебошад. Гардиши озоди қувваи корӣ, мол, пул ва хизматрасонӣ хусусиятҳои дохилӣ ва берунӣ – минтақавӣ ва глобалӣ дорад. Кӯшиш ва натиҷаи самараноки сиёсатҳои собитқадамонаи Сарвари давлат доир ба самтҳои муҳимми ба якдигар алоқаманд шароитро барои рушду нумӯи иқтисодиёти мамлакат фароҳам овард» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми II. Паёми Пешвои миллат ва масъалаҳои рушди маърифат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – С. 213).***

«Яке аз нишонаҳои хирадмандии Роҳбари давлат ҷиддан ба инобат гирифтани пешомадҳои фавқулода ва ғайриинтизори иқтисодӣ, иҷтимоии дохилӣ ва омилҳои берунии хосияти табиӣ ва геополитикидошта маҳсуб мегардад.

Муносибати Сарвари давлат дар ин маврид, аз дидгоҳи диалектикӣ бархӯрдор аст. Ӯ ба воқеият аз мавқеъ ва вусъати

тағйирёбӣ, дигаргуншавӣ, инчунин, эҳтимоли таъсиррасонӣ ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистон менигарад. Ба ақидаи ӯ, инсон дар ҷаҳони бесарусомонӣ ва пешгӯинашаванда, бояд низоме коркард ва роҳандозӣ кунад, ки манфиатҳои миллат ва давлатро ҳимоя карда тавонад. Ҷомеаро дар ҳолати рушд ва ҷавобгӯ ба талаби замон нигоҳ дорад» ***(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – С. 651***).

## САРВАРИ ДОНО ВА БА ГУФТАН ДАЛЕРУ ТАВОНО

«Муколамаи Пешвои миллат дар самти муносиботи байналмилалӣ, расидан ба моҳияти масъалаҳои мавриди муҳокимаи тарафайн, бо навъи аҳсант ҳимоя намудан ва пеш бурдани манфиатҳои миллӣ − мактаби бузурги дипломатияи тоҷик мебошад. Ин ҳама афзалиятҳо ба қавли Абулқосими Фирдавсӣ аз сифатҳои бузурги «доно ва ба гуфтан далеру тавоно будан»-и Сарвари давлат шаҳодат медиҳанд» ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 11. Қисми I. Масъалаҳои забоншиносии миллӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 66).***

«Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистонро нисбат ба Шоҳигарии Белгия, Иттиҳоди Аврупо, ЮНЕСКО як-як бо таҳлили масъулияти намояндагӣ тафсир намуд. Баҳогузорӣ кард. Дар охир супоришҳои мушаххас дод.

Ман мисли ҳамешагӣ ба масъулиятшиносӣ ва касбияти устодонаи Роҳбари давлат – бо ҷузъиёт донистани нозукиҳои дипломатӣ дар самтҳои асосии сиёсати хориҷии мамлакат, сарчашмаҳои ҳуқуқии муносиботи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бо мамолики Аврупо, дафъатан, сари таъзим

фуруд овардам» *(С. Ятимов. Ёддоштҳо. Қисми II. – Душанбе: Эко принт, 2024. – С. 474-475)*.

***

**«Воқеият шаҳодат аз он медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар роҳнавардони сиёсӣ, ки таърих ёд дорад, рӯинтани аслии миллат ва давлатофарини тоҷикон дар ҳазор соли ахир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар байни бузургтарин қаҳрамонони асарҳои илмӣ – таърихӣ, симои Пешвои миллат ифтихори ҳамасрони ӯст. Ҳамчунон, намунаи пайравӣ ва меҳроби давлатдории миллӣ барои ҳазорсолаҳост»** ***(С. Ятимов. Асарҳо. Ҷилди 8. Достони ҷавонмардӣ. –Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 306).***

**Бознашр аз рӯзномаи «Ҷумҳурият»,**
**№ 141-142 (25 257), 22 июли соли 2025**

**Шарифзода ИСОМИДДИН**
*ходими пешбари илмии Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати АМИТ*

# УСТОД АЙНӢ – ВОЛТЕРИ МАШРИҚЗАМИН

*(чанд андеша дар ҳошияи мақолаи профессор С.Ятимов «Садриддин Айнӣ ва инқилоби маданӣ» -- ниг.: Ятимов С. Садриддин Айнӣ ва инқилоби маданӣ. //Илм ва Ҷомеа. Маҷаллаи академии илмию оммавӣ, №2 (40), 2025. С.5-29)*

Дар ҳар мароҳиле аз рӯзгори башар, ки шебу фарозҳо ва шикасту бархостанҳоро дорад, ин хирадмандонанд, ки роҳнамову роҳкушоянд ва ба масобаи нур худафрӯзӣ мекунанд, то фардои дигаронро рушаноӣ бахшанд. Маҳз нақши муҷаллои ҳамин нафарон аст, ки тавассути офаридаҳояшон вобаста аз сатҳу авзоъи рӯзгор ба зиндагии инсоният маънӣ ва моҳият мебахшанд ва ё ҳадди аққал зиндагии пурталотуму пур аз мушкилу фалокатро қадре саҳлу содда менамоянд ва ба инсонҳо умед мебахшанд. Ҳамин хирадмандонанд, ки дар миллатсозиву тамаддунофарӣ нақши калидӣ доранд ва дар як вақт се марҳиларо фаромегиранд: гузашта, ҳол ва ояндаро. Гузаштаро медонанд, ҳолро дарк мекунанд ва ояндаро пешбинӣ менамоянд. Ин нафаронанд, ки мушкили замонро дарк мекунанд ва дар пай ҷустори роҳи ҳалланд. Хирадмандон асиланд, шабаҳ нестанд. Онҳо бохираду заковат ва ақлу ҳуши худ такя мекунанд ва чун суръати даркашон бештар аз афроди ҷомеаи вақтаст, назди оқилшабаҳҳои вақт девонаанд ва назди ояндагон нобиғаанд. Ҷасорат доранд ва дар баробари ҳазорон хатар қарор

мегиранд, то пардаҳои нодониву хурофот ва ҷаҳлу тассубро бишкофанд ва нури хираду ҷовидонагиро воруди зиндагии инсонҳо намоянд. Маҳз маҳсули андешаву хиради ҳамин нафарон аст, ки барои рушду инкишофи ҷомеа чун ҷавҳар гардида, зиндагиро шукуфо ва ҳаётро хуррам мегардонад. Агар ба таърихи миллатамон назарафканем, хоҳем дарёфт, ки дар ташаккулу рушду он саҳми садҳо тан аз чунин хирадмандонаст, ки нақши муҷаллои хешро бо офаридаҳояшон дар пайкараи он гузоштаанд.

Дар ин навиштор то ҷое имкон даст дода бошад, кӯшиш ба харҷ хоҳем дод, то нақши муҷалло ва рӯшангаронаи устод Айниро, ки бо нақши рушангаронаи Волтери фаронсавӣ хеле шабоҳат дорад, дар шакли иҷмолӣ баррасӣ намоем.

Ҳарчанд Волтер ва Айнӣ саду панҷоҳ сол бештар тафовути замонӣ доранд, вале умумиятҳое ба назар мерасад, ки онҳоро метавонад ба ҳам тавъам созад. Ин умумиятҳоро метавон аз чанд зовия таҳлил намуд.

1.**Аз назари руҳияи замон ва шеваи давлатдорӣ** Фаронсаи охири қарни 17 ва ибтидои қарни 18 бо Бухорои амирсолори қарни 19 ва ибтидои асри 20 хеле ба ҳам монандӣ доранд. Шеваи идоракунӣ дар ин кишварҳо чунон аст, императорон ва подшоҳони кишварҳои аврупоӣ ва дар Бухорои амирсолор бо мушти оҳанин ва истибдоди комил ҷомеаҳои худро идора мекунанд. Шоҳон бар ҷону моли мардум фармонравоии бечунучаро доранд ва императорон худро қонун ва ҳукумат медонанд. Сарватмандони бузург, моликони умда ва сардорони сипоҳ, ки бар гирди дастгоҳи салтанат ҳалқа задаанд, ҳукумати аъёну ашрофро ба вуҷуд овардаанд. Гурӯҳе андак бахши бисёр бузурге аз савати ҷомеаро аз они худ кардаанд ва бо тамоми тавон ва неруяш аз манофеъи худ дифо мекунад. Қудрати такмлми ҷомеа дар ихтиёри ин гурӯҳи андак аст. Дастгоҳи дин, ки ба навбаи худ

қудрати азиме аст, ба бозуи қудрати аъёну ашроф табдил шуда, дар воқеъ, худ аъёну ашрофе ҳастанд, ки либоси хосе бар тан доранд. Сарватмандон ва руҳониёни бузург «ҳукумати баргузидагон» ё «ҷомеаи аристократӣ»-ро падид овардаанд. Чунин ҷомеае бар асоси истибдоди заминӣ –осмонӣ идора мешвад. Тӯдаҳои мардум бардагоне беш нестанд ва бузургтарину бартарини онҳо бояд ин бошад, ки аз фармонҳои подшоҳ- сояи худо пайравӣ кунанд. Нодонӣ, фақр, хурофот ва беадолатӣ бедод мекунад.

Дастгоҳи ҳукумат, ки бузургтарин унсурҳои он хонадони салтанат, сарватмандон, моликони бузург ва роҳбарони руҳонӣ аст ғарқа дар хушгузаронӣ, айшу нуш, таҷаммулпарастӣ, танпарварӣ, зулму ситам, шайёдӣ ва риёкорӣ аст. Подшоҳон лақаб ва унвон мефӯрашанд ва роҳбарони руҳонӣ коххои биҳиштро. Дарбориён ва ҳокимон ба айшу нуш рӯзгор мегузаронанд. Руҳониён ҷуз гирдоварии сарвату риёкорӣ ҳунари дигаре намешиносанд.

Дар ин ҷомеаҳо аз озодиҳои фардӣ, мадорои мазҳабӣ ва ҳукумати порлумонӣ камтарин асар ва ё нишоне нест. Раҳбарони руҳонӣ ба мисли раҳбарони сиёсии ҷомеа, аммо ба равиши дигаре бар ҷону моли мардум фармон меронанд. Хушкандешии динӣ ва тассуби мазҳабӣ бедод мекунад. Раҳбарони руҳонӣ мухолифони андешаҳои худро ба унвони кофар, бе дин ва зидди худо месӯзонанд, қитъа қитъа мекунанд ва касеро тобу тавони истодагӣ дар баробари онон нест. Миллатҳо ва мардумон дар тиҳидастӣ, дармондагӣ ва фақру беморӣ ба сар мебаранд.

Ҳамчунин замон замони бархурдҳост, чи дар аврупои асри 18, ки инқилоби бузурги Фаронса ё қарни модари инқилобҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад ва чи дар Бухорои амирсолор, ки инқилоби Рус ва бо таъсири он инқилоби Бухоро сурат мегирад. Даврон дар воқеъ, даврони тазодҳо, таноқузҳо ва

бархурдҳои сангин аст. Дар чунин даврон аст, ки нобиғагоне ба дунё меоянд, яке дар Аврупои қарни 18, ки ин Волтери фаронсавӣ аст ва дигаре дар Бухрои қарни 19 устод Айнӣ аст. Ҳар ду бузург мешаванд ва даст ба қалам мебаранд. Рисолати инсонии худро дар озодиву саодати инсонҳо мебинанд.

**2.Умумияти дигар ин ин аст, ки ҳам Волтер ва ҳам Айнӣ** дар хонаводаи миёнаҳол ва таҳсилкарда таваллид шуда, таҳсаили ибтидоиро дар макотиби динӣ пушти сар кардаанд. Вале баъдан дар муқобили таълимоти гирифтаи хеш ва нақду баррасии таноқузоти он пардохтаанд.

Волтер пас аз ёд гирифтани навииштану хондан ба сурудани шеър мепардозад. Падараш аз алоқаи шадиди фарзанд ба шеър сурудан ғарқ дар шигифтӣ мешавад ва мегӯяд: «Ин писар дар оянда ҳеҷ кора ва фақир хоҳад шуд». Писарбачаи шоир аз 9 то 17 солагӣ таҳсилоти расмии худро дар дабистон ва дабиристони ясваъиҳо ки фирқае аз масеҳиёнанд ба поён мерасонанд. Дар ин мадорис бо фарзандони бузургтарин аъёну ашрофи Фаронса ошно мешавад ва ба шиддат ба адабиёт театр ва махсусан ба сурудани шеър алоқа нишон медиҳад. Пас аз поёни даврони дабиристон падар аз ӯ мехоҳад, ки дар риштаи ҳуқуқ ба таҳсилоташ давом диҳад, аммо писар адабиётро бармегузинад ва бо падар дармеафтад. Дар ин замон ҳадафи бузургтарин шоири ҷавон ин аст, ки саре дар миёни сарҳо дар биёварад ва аз худ шоири номдор бисозад. Аммо ин шоири номдор бояд яке аз сарватмандони бузург низ бошад. Дар ин замон Волтер чунин меандешид, ки истеъдод бепул дарднок ва пул беистеъдод низ бемаъно аст, ӯ мехоҳад, ки номдори сарватманд бошад. Марде, ки ба Волтери ҷавон асари бузург ба ҷо мегузорад яке аз устодони ӯст бо номи Шотунуф ин мард худро худошинос аммо бе дин меномид ва бар андешаҳои шоириҷавон нақши пойдор бар ҷо мегузорад.

Ҳамин манзара ва шабаҳатро метавон дар зиндагии Устод Айнӣ мушоҳида намуд, бахусус дар китобҳои «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» ва «Ёддоштҳо» он бармало равшан аст.

**3.Аз назари ҳуввиятӣ шахсияти** Айнӣ бо шахсият Волтер дорои шабаҳоти ҷузъӣ аст. Нависандагони таърихи тамаддун аз Волтер ба унвони яке аз пуркортарин, пурнавистарин ва бе боктарин нависандагони ҷаҳон ном мебаранд. Волтер дар далерӣ, хатарҷӯӣ, густохӣ ва муборизаҷӯӣ камназир буд. Хофизаи бисёр неруманд дошт ва мағзи нобиғаосояш бо суръати хиракунанда илм, дониш, огоҳӣ, фалсафа ва тамоми омухтаҳоро ба худ ҷазб мекард. Дар баёни навиштани он чӣ ба назараш ҳақиқат мерасид ҳаргиз диранг намекард. Мағзи пуркор, шафоф ва тавоно дошт. Яке аз саргузаштнависонаш чунин навиштааст: «Дар даруни ҷамҷамааш оташе рушан буд, ки то вопасин дами зиндагӣ забона мезад».

Айнан ба ҳамин монанд шахсияти устод Айнӣ низ дар ҷасорат, бебокӣ, хатарҷӯӣ, ҳақиқатнигорӣ беназир аст. Шояд сабаби пазируфта шудани тахаллуси адабии Айнӣ барои мутафаккир маҳз ҳамин хислати ҳақиқатнигориаш буда бошад, ки мо онро дар саросари эҷоди мутафаккир ба осонӣ мушоҳида карда метавонем.

Дар шахсияти Волтер ҳозирҷавобиҳо, латифаҳои кубанда, танзҳои газанда ва такҷумлаҳои такондиҳанда намудори хислатҳо ё маниши ӯ ба шумор мерафт ва ҳамин хисол низ дар шахсияти устод Айнӣ ва махсусан дар навиштаҳояш ба навъи аҳсант ифода ёфтааст.

Нубуғи шахсияти Волтер нубуғи чандҷонибааст: дар нависандагӣ, шоирӣ, таърихнигорӣ, истидлол, шеваи баён, кордонии иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва тавоноиҳои бузурги мағзӣ будааст. Нубуғи Волтер дар воқеъ «нубуғ дар ҳунари зиндагӣ» будааст.

Нубуғи устод Айнӣ низ чандбуъдист: дар шоирӣ, нависадагӣ, рӯзноманигорӣ, забоншиносӣ, таърихнигорӣ, омӯзишу парвариш, адабиётшиносӣ ва ғ. беназир аст.

Ин вижагиҳо аз мағзи пуртавон, ҳофизаи нерӯманд ва тавоноиҳои фикрӣ, ки дар ҳадди нубуғ будаанд ҳикоят мекунад.

4.**Аз назари ҳунар ва офаринандагӣ шабоҳатҳои зиёде байни ин ду нобиғ аст.** Маҷмуаи навиштаҳои Волтер дар 99 унвон дар Фронса интишор ёфтааст. Мизони навиштаҳои ин нависанда аз назари миқдор он чунон зиёд аст, ки вайро пуркортарин нависандаи қарни 18 лақаб додаанд. Аз Волтер ба унвони намоишноманавис, достоннавис, мунақиди театр, таърихнавис, файласуф, шоир ва яке аз бузургтарин номанависони таърих ёд шудааст. Волтер ба беш аз 1200 нафар мукотиба дошт ва ҳудуди 1700 нома аз вай ба ёдгор мондааст. Ин номаҳо ба забонҳои фаронсавӣ, англисӣ, олмонӣ, итолиёӣ, испониёӣ ва лотинӣ навишта шудаанд. Номаҳои Волтер саршор аз нуктабинӣ, зарифгӯӣ ва нукоти танзолуданд.

Дар фарҳанги миллии мо низ устод Айи яке аз пуркортарин мутафаккирони чадбуъдӣ маҳсуб аст, ки феҳрасти навиштаҳояш ва нашру тарҷума ва пажуҳиши онҳоро дар маҷмуъ, то соли 1961 дар асари «Феҳрасти асарҳои С.Айнӣ ва адабиёт оид ба ӯ» (С. Азизқулов, З.Муллоҷонова. - Душанбе: Нашриёти академияи фаҳои РСС Тоҷикистон, 1963. -326 саҳ.) 1322 номгӯй нишон додаанд.

Дар бештар навиштаҳо ва достонҳои Волтер ва Айнӣ қаҳрамонон одамҳо нестанд, балки бозигарони аслии андешаҳо ва назарияҳо ҳастанд. **Ноогоҳиҳо ва хурофот дар нақши табаҳкорон ва илму мантиқ дар нақши қаҳрамонони дустоштанӣ намоён мешавад**. Рӯйдодҳои достонҳо ҳамон бархурди афкор ва андешаҳост. Набарди афкори нодуруст ва мавҳум бо андешаҳои илмӣ ва мантиқӣ.

5.**Дигар монандӣ дар он ифода меёбад, ки ҳарду ҳам эҷоди хешро сараввал аз шеър шуруъ намуданд**.

6. Ҳам Волтер ва ҳам устод Айнӣ тарафдори инқилоби фикрӣ буданд, онҳо ҳар ду бо ин андешаанд, ки то дар мағзҳо инқилоби маънавӣ нашавад, ҷомеа пеш намеравад. Волтер дар мавриди барҳамзании тассубу хурофот мегӯяд: **«Вақте тӯдаи мардум шурӯъ ба истидлол кунад ҳама чиз аз миён меравад». Устод Айнӣ бошад, таърихи инқилоби фикрӣ менависад. Ҳар ду озодандешанд**

7. **Ҳаммонандӣ дар он ифода мегардад, ки ҳар ду дар муқобили хурофот ва вопасгарой қарор гирифтаанд**. Ҳар ду паёми озодиро ба мардум мерасонанд. Ҳар ду дониш мантиқ ва истидлолро асли саодати башарӣ медонанд. Ҳар ду ба хотири озоданешӣ зиндонӣ шудаву дар табъиз қарор гирифтаанд.

Ин ҷо барои далел мухтасаре аз муборизоти Волтерро бар алайҳи хурофот ва тассубу нодонӣ меоварам.

**Дар даврони зиндагонии тулонии Волтер камтарин нишоне аз оштипазирӣ бо руҳониён дида намешавад. Ин андешаманди озода дар саросари умр бо хашму ғазаби девонавори руҳониён рӯ ба рӯ буд ва ранҷу тавони фарсоиши кашидани бори сангини ин мубориза буд. Волтер дар тамоми навиштаҳояш роҳбарони руҳониёнро шарлатан, дурӯғгӯ, авомфиреб ва кулоҳбардор хитоб мекунад.**

**Решаи пайдоиши аксар аз боварҳоро ноогоҳӣ ва бехабарии мардуми оммӣ медонад ва мегӯяд: «То замоне, ки аблаҳон ва шайёдон ҳастанд динҳо ҳам хоҳанд буд».**

Ин адешаманди озода ба ин бовар буд, ки руҳониён дастгоҳи дину мазҳабро ба дукони бузурге дигаргун сохтаанд. Дар ин дӯкон хурофот мефурушанд. Бо гирифтани пул гуноҳонро мебахшанд. Коххои биҳиштро ба аблаҳони

дастпарвардаи худ мефурӯшанд ва дар поён на танҳо ба сарватмандон, моликон ва заминдорони бузург мубаддал шудаанд, балки ба далели нуфузи азими худ дар байни тудаҳои мардум он чунон қудрате ба даст овардаанд, ки тоҷ бар сари императорон мегузоранд ва тоҷ аз сари подшоҳон бармедоранд. Волтер мегӯяд бузургтарин рамзи муваффақияти рӯҳониён дар ин нукта нуҳуфта аст, ки тавонистаанд мардумро аз Худо битарсонанд ва дар натиҷаи пайдоиши чунин тарс мардум на танҳо бар руҳониён эҳтиром мегузоранд, балки ба шиддат аз онон метарсанд. Вай мегӯяд роҳбарони рӯҳонӣ бо парокандани хурофот ва ҷилавгирӣ аз густариши огоҳӣ ва дониш тамаддуни инсониро олудаанд. Вай дар номае бар Фридрихи Кабир императори Пруссия чунин менависад: «Дини мо бетардид чарандтарин, масхаратрин ва хунинтарини ҳамаи динҳо аст, ки сабаби олудагии дунё шудааст».

**Волтер чунин меандешид, ки боварҳои ба истилоҳ осмонӣ ақл, шуур, мантиқ ва фаҳми инсонро ба шиддат костаанд.**

**Раҳбарони бовармандӣ, ки пайваста ба ситоиши фақр қаноат, парҳезкорӣ ва соддагӣ дар зиндагӣ мепарзоданд худ дар амал сарватмандони бузурге ҳастанд, ки дар ниҳояти осоиш ва таҷаммул зиндагӣ мекунанд. Аз маҳсул ва дастранҷи мардум суиситифода мекунанд ва ба ҳоли онон механданд.**

**Ин нависандаи озода ба озодии дину мазҳаб эътиқод дошт ва аз асли мадорои динӣ ҳамзистии мазҳабӣ ё шикебоӣ дар баробари андешаҳои дагарон бо ҳамаи тавонаш ҳаводорӣ мекард. Вай мегуфт миллати Фаронса бояд аз миллати Инглис ибрат биёмӯзад ва хушунати динӣ, носозгории мазҳабӣ, таасубу курдилӣ ва дигар андешаҳоро канор бигзорад. Ба илму дониши даврони худ**

**даст ёбад. Ба хондани назарияҳои илмии Коперник, Кеплер, Галилей ва Нютон пардозад. Илму донишро ҷонишини андешаҳои куҳнаи дин ва ақоиди фарсудаи мазҳаб кунад.**

Волтер бузургтарин таблиғкунандаи мубориза ба диктаторҳои осмонӣ буд ва бар асли кубидани истибдодҳои динӣ по мефишурд. Волтерро баландгӯи бузурги қарни 18-ум ва мубаллиғи бемонанд ба шумор овардаанд. Ин нависандаи пуршур дар навиштаҳояш меғуррид ва бо фарёдҳои қалами нерӯмандаш ҷаҳони фикрии Фаронса ва Урупоро ба ларза андохта буд.

Устод Айнӣ низ чун як нобиғаи озодандеш ва равшангар дар ҳамаи осори бадеии хеш ва махсусан дар повести «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам», повести «Одина», повести «Ҷаллодони Бухоро», повести «Марги судхӯр», повести «Аҳмади девбанд» ва романҳои «Дохунда», «Ғуломон», «Ятим» ва чаҳор қисмати «Ёддоштҳо» вазъи тираву тори ҷомеаи Бухороро аз нигоҳи осебшиносии иҷтимоӣ ба бадеиёт кашидааст. Осори номбурда на танҳо ба ҳайси осори бадеанд, балки шинохти дуруст ва воқеии ҷомеаи амирсолри вақтро, ки ба бӯҳрони маънавиву иқтисодӣ ва инсонӣ гирифтор буд, чун таҳлилгар ва ҷомешинос мавриди пажӯҳиши дақиқ қарор медиҳад. Устод Айнӣ низ ба мисли Волтер бадбахтии ҷомеа ва мардуми сарзаминашро дар нодонӣ таассубзадагӣ, хурофапарастӣ медонад ва дар тамоми осораш аз шайёдон ва дукондорони динӣ, ки мардумро дар фақру нотавонӣ ва дармондагиву нодонӣ қарор медиҳанд, маззамат мекунад.

Устод Айнӣ дар Ёддоштҳо дар қисмати набераи Файзи Авлиё аз номи мулло Амон чунин меорад: «Мулло Амон аз илмҳои мадраса бештар ба мантиқ ва ҳикмат машғулӣ мекард, илмҳои диниро Қуръон-ҳадис ва фиқро инҳо илм нестанд, инҳоро ҳар касс метавонад омӯзад. Чунки ҳамагӣ дар китоб

навишта шудааст. Илм он аст, ки ақл дар вай кор куна два майдони фикрдавонӣ кушода бошад. Дар илмҳои динӣ бошад, дар чор тарафат деворҳои баланд ва сахт кашида мондаанд. Агар аз он деворҳо берун баромадан хоҳӣ туро ин бетамизон дар ҳол кофир мегӯянд мегуфт» (Айнӣ С. Ёддоштҳо. (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009, саҳ. 492).

Дар бахши ҷанги муллоён бо аробакаш устод Айнӣ вазъиятеро баён мекунад, ки панҷ нафар мулл очи гуна аз ҳиллаҳои шаръии худ истифода бурда сараввал нархи аробакашро нимтангагӣ кам карда пас аз баҷои даркорӣ расидан пулро нима ҳисоб карда ба аробакаш дуним танга медиҳад ва вақте аробакаш аз онҳо пули хешро талаб мекунад онҳо ӯро худоношинос иттиҳом мезананд. «Ту дубора ба дуо ва худо шаккофӣ кардӣ моро ҳам ҳақорат карда истодаӣ мо аз арроба намефароем ват уро бо аробаи худат ба пеши ҷаноби шариатпаноҳ бурда даъвои ҳақорат мекунем, зудтар аробаатро ҳай кун…»

Дар кофир будани ин аробакаш ҳеҷ шакку шубҳа намонд-гуфтааст яке аз муллоён. Дар ҳамин ҷо дасту пойи ӯро баста зада-зада ба қозихона бурдан даркор аст гӯён ба тарафи он панҷ нафар аробасаворе дигари дар оқиб нишаста нидо мекунад. Бачаҳо шумо дар ин кор ба мо ёрӣ дитҳетон ва ба қозихона ҳароҳи мо рафта гувоҳ шуда чиҳо гуфтани ин кофирро ба шариатпаноҳӣ гӯетон, ки шумо ҳам ба савоб дохил шаветон. (Муфассал нигаред: Айнӣ С. Ёддоштҳо. (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. С. 498-500).

Дар идомаи ин ҳикоя, ки интизорӣ бо сангсор шудани аробакаш аст, устод Айнӣ нақл менамояд, ки ин чор нафар мулло дар тамоми кӯчаҳои Бухоро гашта дар сари дӯконҳои

ошнаю бегона нишаста, воқеаро ба тарзи худ баён мекардаанд. Махсусан яке аз он муллоёни даъвогар, ки Ҷунбулмахтум ном дошт, чунин даъво пеш меовард, ки агар ӯ дар вақти кофир шудани аробакаш ҳозир намешудааст, он кори бади аробакаш монанди об ба хошок номаълум шуда мерафтааст, чунки ба сабаби «охир шудани замон» на танҳо авомҳо, ҳатто муллоҳо ҳам беаҳамият шуда рафта будаанд, чун ӯ бо ҳамин нияти исломӣ ки «Худо дар табиати ӯ сиришта будааст ба ғайрат омадааст. Он чор нафар ҳамроҳони дигараш ҳам аз дунболи ӯ рафта ин корро ба шариат ороста кардаанд».

Ҳамчунин устод Айнӣ дар ҳамин ҳикоя воқеаро чунон ба тарзи худ тавсия намудаанд, ки асли вазъро на ба пардохт кардани пули аробакаш, балки гӯё аробакаш калимаҳои куфрро такрор ба такрор таъкид кардааст ва ин нафарон вақте ӯро насиҳат кардаанд, онҳоро низ таҳқир намудааст ва дар охири ин қисса чи гунна ин панҷ нафар мулло як нафарро ба хотири даъвои пули пардохти ҳаққи аробааш то ба дараҷаи сангсор кардан ва аз байн бурдан бо шеваи қабеҳтарин кушта шудани як нафрро ба хотири даъвои ҳаққи худ тасвир намудааст. «Оре онҳо аз ҳайвоноти дарранда ҳам бадтар шуда буданд, зеро ҳайвони дарранда барои сер кардани шикам ё мудофиаи ҳаёти худ ба одам ва ё ягон ҳайвони дигар ҳам ҳуҷум кунад аз ин кори худ шодмон шуда намехандад ва ҳатто аломати хурсандӣ нишон намедиҳад, аммо ин одамон бадтар аз ҳайвон дар вақте ки бо ваҳшонияти тамом як одами дасту по бастаро сару рую гушту пусти ӯро пора-пора карда истодаанд чунон ки дар маросими домодбарӣ ё арусбиёрӣ иштирок карда истода бошанд, шодмонӣ мекарданд». Ин ҳолати ваҳшиёна ва ин намоиши фоҷеабор чунон ба устод Айнӣ ва ҳамраҳонаш таъсир мерасонад, ки аз идомаи дидани ин намоиш даст кашида ба хонаи худ меравад ва охири қиссаи аробакашро устод Айнӣ аз номи Абузоҳир ном ҷавон чунин

нақл мекунад, ки сангсоркунандагон мурдае ба болои шутур овезон кардашудаи аробакашро аз кӯчаҳои Бухоро гузаронида мурдаи аробакашро берун аз шаҳр мебароранд ва дар қатори лошаҳои ҳайвоноти худмурда барои хуроки сагон мепартоянд. Ба қавли устод Айнӣ он қадар ин манзара тоқатфарсо будааст, ки мардум ба дидани ин манзараи нафратангези фоҷаангез тоб наоварда аз сари роҳ мегурехтанд ё ба дасти худ чашмонашонро то дур рафтани он манзара пӯшонида меистоданд. (ниг.: Айнӣ С. Ёддоштҳо. (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. –Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. С. 520).

Дар ҳамин қиссаҳо устод Айнӣ вазъи умумӣ ва тираю тори Бухорои амириро чунон дар риштаи тасвир мекашад, ки ҳар касе ё ҳар нафаре, ки каме аз афкори динӣ бохабар буд, бо ҳар роҳе ба хотири ҳимоят аз манфиатҳои хеш ва тарсонидани чашми мардум аз дурӯғгуӣ, шайёдӣ, тавтеапардозӣ истифода намуда, аз ин роҳ худро доно, олим ва шариатпаноҳ эълон карда буданд.

Устод Айнӣ на танҳо чунин ҷаҳолатро ба гирифтор шудан ва азобу ваҳшониятро ба афроди дигар, балки онро ба хуну пусти худ эҳсос намудааст. Махсусан дар воқеиёти соли 1917, ки ҷадидонро боздошт намуданд, устод Айниро ҳам боздошт намуда, ӯро ба обхона мепартоянд ва бо 75 чӯб задан маҳкум мекунанд ва танҳо ба сабаби аз тарафи аскарони рус озод шудан ва 52 рӯз дар беморхона хобидану 25 бор амалиёти ҷарроҳӣ дидан зинда мондааст ва пас аз ин устод Айнӣ маҷбур мешавад Бухороро тарк карда ба Самарқанд равад ва пас аз 2 моҳи беморӣ дар Самарқанд қуввате пайдо мекунад, ки ба кӯча барояд ва гоҳе ки ӯро муллоёни Самарқанд мебинанд ба ӯ чунин ҳукмро раво мебинанд «Касе ки ба подшоҳи ислом теғ кашида, аз он ҷо ронда шудааст, дар шаҳри мусалмонон истиқомат кардани он аз рӯи шариат ҷоиз нест» (Муфассал

ниг.Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон. Соли 1958. бахши Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. саҳ 88). Ин ҳодисаро ӯ ба воситаи яке аз дӯстони худ фаҳмида дар пайи мудофиаи худ меафтад. Ҳарчанд ин гунна ривоят натиҷаи амалии расмӣ надошта бошад ҳам сабаби ягон натиҷаи ғайрирасмӣ буданаш мумкин буд, ки одамони он муллоён ба он ривоят такя карда дар куча бо издиҳом ба ман ҳуҷум намуда талаф кунад. Ман ба софдепи Самарқанд рафта ин ҳолро хабар додам. Софдеп калони муллоҳоро ҷеғ зада бурда аз забони онҳо хат гирифта ки агар ба фалонӣ зараре рассад онҳо ҷавобгаранд. Баъд аз он муллоҳо ба ман руирост ҳуҷум накарданд аммо таъқиби махфиёнаи онҳо давом мекард. Ман барои мудофиаи худ ҷои хобби худро дигар мекардам.

Шояд ҳамин сабаб гардида бошад, ки устод Айнӣ аввалин асари насрии худ ки повести «Ҷаллодони Бухоро» аст, онро дар соли 1920 иншо намуд ва минбаъд тамоми осори ӯ бар муқобили режими Бухорои Амирсолор ва хурофазадгию таассубгарой ва нодонию ҷаҳолат нигаронида шуда буд. Дар асари Ҷаллодони Бухоро устод Айнӣ фоҷиаи бе мислу монанди замони амириро, ки аз тарафи аҳли шариат ва бо тасдиқи амир ба роҳ монда шуда буд, сахт фоҷеаангез ва ғайриинсонӣ тасвир менамояд. «Азбаски аз 2 март то 5 март бо қувваҳои шӯришгар ҷанг давом дошт амалдорони амир ва муллоён барои ба арк бурдани дастгиршудагон фурсат наёфта, бештарини онҳоро дар ҷойи дастгиршудаашон зада мекуштанд. Гушу бинии мурдагонро мебуриданд, чашмонашонро мекофтанд рӯйҳошонро чок мекарданд, шикамҳошонро мекафониданд. Дар аъзои бадани баъзе дастгиршудагон ин амалиётро дар ҳолати зиндагии онҳо иҷро карда пас аз он мекуштанд, ки маҷруҳ бо азобу уқубатҳои

шунида ношуда ҷон медод» (ниг.: Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. С.105).

Ҳамчунин устод Айнӣ татбиқи усули нави одамкуширо ки аз тарафи қозикалон Бурҳониддин, Низомиддинхуҷаи урганҷи ва Абдурауф корвонбошӣ ки ихтироъ ёфта аз тарафи амир тасдиқ шуда буд шарҳ медиҳад, ки мақсади асосии ин усули нав кушташавандаро ба қадри имкон бештар азоб дода хуни уро нарехта куштан будааст, ки тавассути ба дор кашидан ба роҳ монда шудааст. Дар ин повест устод Айнӣ бераҳмии ин гурухро то ҳадде нишон медиҳад, ки онҳо ҳатто ба бачагони 14-16 сола раҳм надоштаанд. Ба қиссаи Боқӣ ва Маҳмудро меорад ки писарони мулло Нозими тотор будаанд ва гуноҳи ин бачагони хурдсол он будааст, ки падари онҳо тарафдори мактаби нав будааст. (ниг.: Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. С. 112).

Дар идомаи он устод Айнӣ хаёлоти Усмонбек Қушбекиро дар роҳи таъмини истиқболи мансаби худ чунин меорад: Табии қисми ин гунна нақшаҳоро моддаҳои аз худ хушнуд кардани амир ва муллоён ташкил мекард. Бинобар ин барои расидан ба ин мақсад барои худ тақрибан ин гуна хатти ҳаракат таъин мекард. «Аз ҳар ҷо ки ба даст дарояд бачагони амрад ва духтарони зеборо ёфта ба амир пешкаш кардан барои пур кардани хазинаи амир фуқароро бо кадом роҳе бошад тороҷ кардан ва тороҷкунондан, агар муллоҳо касеро ҷадид аст ё ин ки болшевик ҳаст инро куштан даркор аст гӯянд, ҳо тақсир инро худам ҳам мешиносам рост истода шошидани инро ба чашми худ дидаам ин мутлақан кофир аст. Бо куштани муқаррарии ин дил сард ва тасаллиёт намешавад, балки инро пора-пора карда, ё ин ки ба дор овехта, даҳҳо бор буғ карда, сардода куштан даркор аст. Аз дарбори амир ба муллоён мансабҳои калон гирифта додан ва онҳоро ҳам ба болои фуқаро ва барои тороҷ кардани онҳо ба амалдорони

амир баробарҳуқуқ карда монданд. Қушбегӣ ана ба ҳамин хаёлот гирифтор буд».

Кушта шудани ду бародарашро устод Айнӣ ба дасти мансабдорони амир чунин зикр менамояд: «Натиҷаи ин ҳаракати провакатсионӣ ин шуд, ки амир одамони бисёреро дар Бухоро ва вилоятҳои вай бо шубҳаи болшевикӣ револютсионерӣ ё бо тухмати алоқа доштан бо онҳо ба як сурати ваҳшиёна кушт. Бародари ман Сироҷиддинро ҳам аз қишлоқи тағоҳомо, ки дар он ҷо пинҳон шуда буд, дастгир карда оварда дар обхонае, ки ман хобида будам, хобонда баъд аз 15 рӯзи азобҳои тоқатгудоз дода дар он ҷо куштанд» (ниг.: Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. С. 90).

Ҳамчунин устод Айнӣ марги бародари бузургашро ки ба дасти мулло Қаҳҳори қурбошӣ дар баҳори соли 1922 сурат гирифтааст, чунин тасвир мекунад: «Соати дуи рӯз буд, акаам дар мадрасачаи деҳа буд, ӯро аз он ҷо кашолакунон баровcovered ва ба як дарахт бастанд ва тирборон карда куштанд, ҳавлиро тамоман тороҷ карданд, молҳои ҷондор ва беҷонро бурданд, ҳатто либосҳои занонро аз танашон кашида гирифтанд» (ниг.: Садриддин Айнӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. С. 93).

Устод Айнӣ дар осораш дуо, фолбинӣ ва ҷодугарии эшону муллоҳоро ба ришханд тасвир мекунад ва ҳар беморе, ки ба онҳо муроҷиат мекард, онҳо ҳатман ӯро аҷина асар кардааст гуфта, бо ин роҳ пулу ашёи ӯро гирифта чизу чораи онро ба тороҷ мебурданд (ниг.: Садриддин Айнӣ. Дохунда. Душанбе: Ирфон , 1984. С. 40. С.180-185).

Ҳамчунин чораҳои ҳукумати амирӣ дар баробари вабоаро ба истеҳзо кашида чунин тасвир менамояд: «Ҳукмати Бухоро дар муқобили вабо чорае дид, ки хеле хандаовар буд. Вай ба воситаи қозикалон фармон баровад, ки муаззинҳои гузаргоҳ ва

қориҳои хушовоз чор чор ва панҷ –панҷ ба гуруҳҳо тақсим шуда ҳар шаб баъд аз хуфтан то саҳар кучаҳои шаҳрро гардиш карда дар сари гузаргоҳ ва дуроҳаҳо ба як овоз азони бемаҳал гуфта гарданд, то ки худованди карим ба шарофати он азонҳои бемаҳал ваборо аз сари мардум бигардонад» (ниг.: Садриддин Айнӣ. Дохунда. Душанбе: Ирфон , 1984. С. 317).

Ин ҷо иктифо мекунем, зеро ин масъала метавонад як пажуҳиши густурдатаре бошад, ки тамоми ҷузъиёти рӯзгори ин ду бузургмарди таърихи равшангариро муқоиса намуд.

Бо ҳама омӯзишу пажуҳишҳое, ки то ба ҳол дар бораи шахсият ва осори устод Айнӣ сурат гирифтааст, гумон мекунам ҳанӯз паҳлуҳои гуногуни шахсият ва эҷодиёти ӯноравшананд. Набояд ба осори насрии устод Айнӣ, танҳо ба як навъ асарҳои бадеӣ муомила намуд. Онҳо ҳар кадоме дардҳои ҷомеаи моро дар дарозои асрҳо ифода мекунанд. Сабабҳои бадбахтӣ, вобастагӣ, ғуломӣ, бебандуборӣ, вопасгароӣ ва дармондагии ҷомеаи шарқро дақиқназарона нишон медиҳанд. Ба мо роҳи саодату озодандеширо нишон медиҳанд. Ин осори ҷовидона тамоми Шарқро такон доаанд. Дар шароити имрӯзаи таҳдиду хатарҳои таассубу хурофот ва ифротгароӣ ба ҷомеа ва давлати дунявии тоҷик осори устод Айнӣ позаҳре дар баробари ин заҳри кушандаанд. Ин осори ҷовидона ва озодандешона арзиши умумибашарӣ доранд ва шахсияти устод Айнӣ, на танҳо шахсияти миллӣ, балки шахсияти фарҳанг ва озодандешии ҷаҳонӣ аст.

Адабиёт

1. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 1. Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958.
2. Айнӣ С. Куллиёт. Ҷилди 1. Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958.
3. Айнӣ С. Дохунда. Душанбе: Ирфон , 1984.

4. Айнӣ С. Ёддоштҳо. (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009.
5. Айнӣ С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. – Теҳрон, 1381.
6. Волтер – равшангаре, ки Аврупоро дигар кард. Таҳия ва тадвини И.Шарифзода. //Илм ва ҷомеа, № 5 (13), 2018. С. 185-208.
7. Дюрант Вилям Ҷеймс. Торихи фалсафа. Тарҷумаи Аббоси Зарёб. Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ ва фарҳангӣ, 1387. -501 с.
8. Феҳрасти асарҳои С.Айнӣ ва адабиёт оид ба ӯ. С. Азизқулов, З.Муллоҷонова. -Душанбе: Нашриёти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, 1963. -326 саҳ.
9. Эронӣ Аҳмад. Волтер файласуфи кӯбандаи дин. Лос-Анжелес, 1991. -45 с.
10. Эронӣ Аҳмад. Шаш инсони мубориз. Сатр, Рассел, Маркс, Волтер, Ленин, Ганди. Чопи севум. Лос- Анҷелес: Нашри Корун, 1375.

# АДАБИЁТИ БАДЕӢ, НИЁЗҲОИ АХЛОҚИЮ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

**Меҳр СОБИРИЁН**
*ходими пешбари илмии*
*Шуъбаи таҳқиқоти стратегии*
*назди Раёсати АМИТ*

## АДАБИЁТИ БАДЕӢ ВА НИЁЗҲОИ ИҶТИМОӢ

*(бардоштҳо дар заминаи маҷмуаи ҳикояҳои таҳиянамудаи шарқшиноси муосири миллӣ, профессор Ҳабибулло Раҷабов зери унвони “Ҷиҳози арӯс”)*

Дар рушду пешрафти ҳар кишваре мардуми бофарҳанг, меҳанпараст ва соҳибтахассуси он нақши калидӣ дорад. Захираҳои зеҳнии ҳар миллат пояи асосии ба иҷро расонидани ҳадафҳои бузург мебошанд. Дар ин миён, адабиёти бадеӣ дар тарбияи мардуми бофарҳангу соҳибтахассус ва худшинос мақоми арзанда дорад. Ба воситаи ин абзор корҳои тарбиявӣ дар ҷомеа амалӣ гашта, шаҳрвандон дар руҳияи инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ, ҳалолкорӣ, масъулиятшиносӣ ва зиндагидӯстӣ тарбия меёбанд. Аз ин ҷост, ки адабиёт дар баробари театру синамо ва Васоити ахбори омма дар ростои зеҳниятсозӣ дар ҷомеа хизмат намуда, ҳувияти миллиро боло мебарад ва таъсири падидаҳои манфие ба монанди хурофоту бегонапарастӣ ва ифротгароиву нафратпароканиро кам мекунад.

Миллати тоҷик низ адабиёти оламшумулеро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ пешниҳод намуда, дар ростои тарбияи инсонҳо дар руҳияи инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ, ҳалолкорӣ,

масъулиятшиносӣ ва зиндагидӯстӣ саҳми арзандаи худро гузоштааст. Адабиёти чандҳазорсолаи мо дар тули қарнҳо ба миллати мо хизмати шоиста намуда, тариқи тарҷума ба дигар забонҳо ба миллатҳои дигар низ таъсири худро гузоштааст. Дар баробари ин, тарҷумаи асарҳо аз дигар забонҳо ба забони порсӣ-тоҷикӣ дар таърих зиёд ба мушоҳида мерасид, ки таъсири онҳо низ ба ҷомеаи кам набуд. Тарҷумаи асарҳои юнонӣ, ҳиндӣ, чинӣ ва ғайра дар рушди илму адаби мардуми ориёӣ ва ба ин васила ба кулли ҷомеа таъсир расонида, ҷомеаи моро ба зинаҳои болотари пешрафту тараққиёт мерасонд ва ҳоло ҳам расонида метавонад. Махсусан, адабиёти Ҳиндустон, ки мардуми он ҳам аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ва ҳам аз ҷиҳати нажодӣ ба мо наздик мебошанд, дар ҳама давру замон барои мардуми мо диққатҷалбкунанда буд ва ҳоло ҳам мебошад. Имрӯз ҳам олимону донишмандони мо бо ҳадафи тарбияи неки мардум, махсусан насли наврасу ҷавон, беҳтарин асарҳоро аз забонҳои ҳиндиву урду ба порсӣ-тоҷикӣ тарҷума намуда, пешкаши хонандагон мегардонанд. Яке аз чунин донишмандони муосири тоҷик ҳиндшиноси маъруф, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳабибулло Раҷабов мебошад.

Устод Ҳабибулло Раҷабов дар муддати зиёда аз 58 соли фаъолияти илмӣ-эҷодии хеш чандин асари нависандагони Ҳиндустонро ба забони тоҷикӣ тарҷума намуда, пешкаши хонандагони тоҷик гардонидааст. Мо пештар як монографияи илмии арзандаи ӯро, зери унвони "Тасвири воқеаҳои фоҷеавии тақсимшавии Ҳиндустон дар асарҳои адибони Ҳинд" (-Душанбе: ЭР-граф, 2022. – 272 с.) мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода будем (ниг.: https://gundishopur.tj/blogs/меҳр-собириён/Тақриз/uviyati-mill-be-tarin-guzinai-rushdu-osudag). Ин асари ҳадафнок ва ба мушкилоти доғи давраи муосир нигаронидашуда, ҳамчун воситаи хубе дар ростои мубоиризаи давлату миллати тоҷик

бар зидди ифротгароиву хурофотпарастӣ ва таблиғи ҳувияти миллӣ дар ҷомеаи мо хизмат мекунад. Дар воқеъ, ҷамъоварии маълумот дар бораи ҳодисаҳои даҳшатноки бархоста аз бадбиниву адовати мазҳабӣ ва огоҳ намудани мардум аз оқибатҳои мудҳиши ин ҷудоисозиҳову нафратпароканиҳо, таъсири мусбати худро ба ҷомеаи тоҷик расонида метавонад ва китоби номбурда, бешак дар ҳалли мушкилоти ифротишавии ҷомеа ва коҳиш додани буҳронҳои фикрию ҳувиятӣ нақши худро гузоштааст. Дар ин навиштор мо китоби дигари устодро зери унвони "Ҷиҳози арӯс" (ниг.: Ҷиҳози арӯс, Маҷмуаи ҳикояҳо, -Душанбе, ЭР-граф-2023, 272 саҳ.) мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки он маҷмуаи ҳикояҳои беҳтарин адибони тараққипарвари Ҳиндустон мебошад, ки аз ҷониби ҳиндшиноси ватанӣ ба забони порсӣ-тоҷикӣ тарҷумаву таҳия шудаанд.

Маълум аст, ки ҳикоя яке аз жанрҳои адабие мебошад, ки ба воситаи он метавон як мушкили муайяни ҷомеаро бо матни нисбатан кутоҳу фаҳмо тасвир намуд. Устод Ҳабибулло Раҷабов низ дар муқаддимаи "Ҷиҳози арӯс" мегӯяд: "...жанри ҳикоя беҳтарин воситае аст, ки бисёр ба осонӣ ва самимона дар дили мардум эҳсоси ватандӯстӣ, донистани қадру қимати худ, чашм кушода ба ҳақиқат нигоҳ кардан, барои озодиву беҳбудӣ далерона мубориза бурдан, ё ҳеҷ набошад то андозае кӣ будани худро дуруст дарк кардан ва мисли ин андешаҳоро ҷой медиҳад". Ин жанр дар Ҳиндустон хеле маъруфияти зиёд дорад, ки дар ду садсолаи охир ҳазорҳо ва шояд даҳҳо ҳазор ҳикоя дар ин кишвар навиштаву нашр шудаанд. Барои як маҷмуа интихоби ҳикояҳо аз ин осори бешумор хеле мушкил ба назар мерасад. Вале таҳиягари маҷмуаи мазкур дар ин кори худ, пеш аз ҳама, ҳадафҳои миллиро пайгирӣ карда, ҳикояҳоеро интихоб намудааст, ки ба мушкилоти ҷомеаи мо ҳам иртибот доранд. Ин аст, ки дар интихоби 8 нависанда ва 20

ҳикоя аз онҳо таҳиягар хато накардааст ва бештари онҳо ба мушкилоти имрӯзаи ҷомеаи тоҷик рабт дошта, аҳамияти маҷмуаро боло мебаранд. Ин ҳикояҳо масъалаҳои суйистифода аз мавқеи иҷтимоӣ, кинаву нафрат, интиқомҷӯйӣ, ифротгароӣ, муқобилият бо навоварӣ ва амсоли инҳоро мавриди муҳокима қарор медиҳанд.

Ҳикояи "Судя" аз Равиндранатҳ Тҳакур(1861-1941) суйистифода аз мақоми болотари баъзе инсонҳо ва ба табоҳӣ кашидани рӯзгори инсонҳои камдонишу зудбовар қисса мекунад. Судя Моҳит Моҳан Датт занеро, ки баъди тамоман муфлис шудан худро бо кӯдаки хурдсолаш ба ҷоҳи об мепартояд ва худи ӯро наҷот медиҳанду фарзандаш мемирад, ҳукми қатл медиҳад. Баъдан, вақте ба зиндон меравад, дармеёбад, ки он зан ҳамон духтари 14-солае мебошад, ки 24 сол қабл ба бовари худ дароварда аз хонаашон мегурезонад ва беобирӯ карда сар медиҳад. Дар ҳамин лаҳза виҷдонаш чунон азоб медиҳад, ки худро нокас ва он занро ҳамчун "ҳайкали тиллоии олиҳа" мебинад. Ин ҳикоя ба хонандагон огоҳӣ медиҳад, ки ҳеч гоҳ набояд аз вазъияти бад ва ё нофаҳмии дигарон суйистифода намуд. Чунки дер ё зуд аз карда пушаймон ва ба азоби виҷдон гирифтор хоҳед шуд.

Далия қаҳрамони ҳикояи дигари Равиндранатҳ Тҳакур мебошад, ки бо ҳамин ном дар маҷмуа оварда шудааст. Ин писари роҷаи Аракан аст, ки тавассути меҳру муҳаббат ва муносибати баланди инсонӣ дилҳои пур аз кинаву нафрати духтарони Шоҳ Шуҷоъро пок намуда, эҳсоси интиқомҷӯии онҳоро аз байн мебарад. Вақте Шоҳ Шуҷоъи мағлубшуда аз тарси Аврангзеб бо се духтари худ мегурезад, маҷбур мешавад, ки аз роҷаи Аракан паноҳ талабад. Роҷа мехоҳад духтарони ӯро ба писарони худ диҳад, вале Шоҳ Шуҷоъ Розӣ намешавад ва дар натиҷаи муқобилият нишон додан худи шоҳ ва як духтараш ба ҳалокат мерасанд. Духтари хурдӣ Аминаро об

мебарад ва ба тӯри як моҳигир афтида, дар хонаи ӯ бузург мешавад. Духтари мобайнӣ Ҷулекҳаро як хизматгори падараш наҷот дода буд. Вақте Ҷулекҳа пас аз ҷустуҷӯҳои зиёд Аминаро меёбад, мебинад, ки ҳамарӯза як ҷавоне бо номи Далия ба хонаи моҳигир назди Амина меояд ва дар ҳама корҳо ба ӯ кӯмакҳои холисона мекунад: меваю гул мечинад, шикор мекунад, ё ягон кори дигареро барои Аминаву моҳигир анҷом медиҳад. Амина ӯро оҳуи ҷангалӣ меномад. Хоҳарон бо дили пуркинаву нафрат роҳи интиқомҷӯӣ аз роҷаро меҷӯянд. Инро ба Далия низ мегӯянд. Дар ин давра роҷаи қотил вафот карда буду писараш ба тахти ӯ нишаста буд. Дере нагузашта хабар мерасад, ки "роҷаи нави Аракон бохабар шудааст, ки дар кулбаи моҳигире ду хоҳарон ҳастанд. Яке аз онҳо, яъне Аминаро дар танҳоӣ роҷа дида ошиқ шудааст ва ҳоло дар дарбор тайёрӣ ба тӯйи роҷаю Амина рафта истодааст". Хоҳарон инро фурсати беҳтарини қасосгирӣ шуморида, нақша мекашанд, ки дар шаби аввали баъди тӯй ҳадафи худро нобуд мекунанд. Вале, вақте ба утоқи роҷа медароянд, дар он ҷо ҳамон оҳуи ҷангалӣ, ҳамон Далияи кумакрасону меҳрубонро мебинанд ва ҳама нақшаҳои қасосгириро канор мегузоранд. Ин ҳикоя нишон медиҳад, ки дӯстиву муҳаббат ва амалҳои шоистаи инсонӣ ҳама буғзу кинаҳоро мешиканад ва ба ҷомеа ба ҷойи куштору хунрезӣ оромиву саодат меоварад.

Ҳикояи "Ҷиҳози арӯс" масъалаи доғи ҷомеаҳои суннатии шарқӣ, яъне хароҷоти вазнини расму русуми оиладоршавиро ба миён мегузорад. Ин як қиссаи кӣ кам доду кӣ зиёд набуда, вазнинии молиявии бар сари оилаҳо овардаи расмҳои нодурустро ба тасвир мекашад. Нишон медиҳад, ки талаботи зиёди хонахаробкунанда чӣ тавр ҷавононро бадбахт месозад, мардонро сархаму маъюс менамояд ва билохира барои афроди дигаре ба фоҷеа анҷом меёбад. Ин қисса ба фоҷеаи арӯс Нирупома (ба тоҷикӣ Беназир) ва бадбахтшавии аҳли

оилаи ӯ анҷом меёбад. Вақте тарафи домод аз ҷониби арӯс даҳ ҳазор рупия ва бисёр чизҳои дигар ҳамчун тухфа талаб мекунад, падари Нирупома Рамшундор розӣ мешавад. Вале ин маблағ дар замони онҳо хеле зиёд буд ва Рамшундор онро ёфта наметавонад ва шаш-ҳафт ҳазори дигар намерасад. Дар рӯзи тӯй падари домод Райбаҳодур инро шунида ғавғо мебардорад ва иброз медорад, ки то пулро наёред, домод ба хаймаи никоҳ намедарояд. Вале домод дар миён даромада талаб мекунад, ки никоҳ сар шавад ва арӯсро гирифта баранд. Пас аз тӯй аҳволи арӯс дар хонаи домод бад мешавад ва падар кӯшиш мекунад, ки боқимондаи маблағро ёфта диҳад. Вақте се ҳазор рупияи дигар дарёфт намуда ба Райбаҳодур мебарад, ӯ намегирад ва Рамшундорро таҳқир мекунанд. Чанде пас Рамшундор хонаи худро фурӯхтанӣ шуда пешакӣ пул мегирад ва ба хонаи духтараш меравад, вале духтараш онро қабул намекунад ва илова бар ин, пас аз вай фарзандони дигараш ҳам мерасанд ва илтиҷо мекунанд, ки хонаро нафурӯшад, вагарна дар кӯча хоҳанд монд. Падар ночор пулҳоро бармегардонад, вале аҳволи духтараш дар хонаи Райбаҳодур бадтар мегардад. Ин рӯзҳои сахт ва бепарвоӣ нисбат ба саломатӣ оқибат Нирупомаро бемор мекунад. Шавҳараш дар он замон ба дигар шаҳр рафтааст. Вақте аз беморӣ шикоят мекунад, хушдоманаш ӯро сарзаниш мекунад, ки ин ҳама нозу нуз ва баҳона аст. Ҳатто ба хонаи падараш рафтан намемонанд. Оқибат аз ин беморӣ Нирупомаи ҷавон мемирад. Ин ҳикоя нодуруст, ғайриинсонӣ, фоҷеаовар ва миёншикан будани хароҷоти ҳангуфт намудан ва ё талаб намудани он аз таборшавандагон ҳангоми издивоҷи фарзандонро ба хонандагон нишон дода, ба танзим даровардани онро тарғиб менамояд. Дар ҷомеаи мо низ чунин мушкил ҷой дошту дорад ва адабиёт бо чунин ҳикояҳо метавонад то дараҷаи муайян онро коҳиш диҳад. Эҳтимолан

ҳаминро дар назар дошта, муаллиф номи маҷмуаро бар мабнои ҳамин ҳикояи Равиндранатҳ Тҳакур "Ҷиҳози арӯс" ном ниҳодааст.

"Муаллим" ҳикояест аз Премчанд(1880-1936), ки аз аҳамияту ифтихороти касби муаллимӣ қисса мекунад. Пандит Чандрадҳар муаллими мактаби ибтидоӣ мебошад. Чун дигар муаллимони кишварҳои рӯ ба рушд даромади зиёде надорад ва ба зӯр бори зиндагониро мекашонад. Дар ҳамсоягии ӯ Тҳакур Атибалсинҳ-сардори шуъбаи политсия ва Муншӣ Байҷанатҳ-ҳисобчии ноҳия зиндагӣ мекарданд, ки ҳарчанд расман маоши тақрибан баробар бо муаллимро мегирифтанд, вале зиндагии бамаротиб хубтар доштанд. Пандит зиндагии камбағалонаи худро бо онҳо муқоиса намуда, борҳо эҳсоси пушаймонӣ аз касби интихобкардаи худ карда буд. Аммо як сафари якҷояи се ҳамсоя ин бардоштҳои муаллимро тағйир дод. Вақте ду ҳамсояи пулдор бо аҳли оилаи худ қасди зиёрати шаҳри муқаддаси Айёдҳия мекунанд, муаллимро низ даъват менамоянд ва ҳамаи хароҷоти сафари ӯро ба зимма мегиранд. Ҳангоме ки онҳо ба поезд мешинанд ва ба купеи худ ворид мешаванд, дар он чор нафар аллакай ҷой гирифта, ҳамагӣ ба роҳат дароз кашида буданд. Сардори полис Тҳакур аввал талаб ва баъдан хоҳиш ҳам мекунад, ки хеста дуруст шинанд то барои дигарон ҳам ҷойи нишаст шавад. Аммо онҳо Тҳакурро маломат карда, яке ришвадиҳӣ ба ӯ ва дигаре бо чӯбдасти полисӣ латукуб шуданашро аз ҷониби вай ёдовар шуданду бо як беҳурматӣ талабу хоҳишашро рад карданд. Муншӣ Байҷанатҳ дар вагони дигар ҷойи нишаст наёфта буд ва хеле ранҷ кашида, тамоми шаб хоб накарда буд. Аз як истгоҳ кола харида менӯшад, ки аҳволашро хеле бад мекунад. Дар истгоҳи дигар онҳо маҷбур мешаванд фароянд. Муншии беморро ба зӯр ба як бунгоҳи тиббӣ мебаранд ва аз табиб хоҳиш мекунанд, ки ҳарчи зудтар ба доди вай расад.

Вале табиб хеле хунукназарӣ намуда, аз онҳо пули зиёд талаб мекунад ва ҳеч шитобе намекунад. Мунши ба хашм омада мепурсад, ки чаро ман мурда истодааму шумо ин тавр хунукназарӣ карда истодаед. Табиб мегӯяд, ки ман дар ноҳияи шумо камтар замин дорам ва ҳар сол лозим меояд, ки ба он ҷо рафта, онро нигоҳубин кунам ва андозҳояшро супорам. Дар вақти андозсупорӣ ин ҳисобчӣ маро таҳдид намуда, ҳаққи худро меситонад. Агар надиҳам, маҷбур мешавам то шаб дунболи вай гардам. Мунши дигар хомуш монда, маҷбур мешавад, ки барои табобат пули зиёд диҳад. Вақте ҳамсафарҳо ба Айёдхия мерасанд, дармеёбанд, ки ҳамаи меҳмонхонаҳо пурра банд ҳастанд, ҳатто дар зери дарахтон ҷойи холӣ ёфта наметавонанд. Маҷбур мешаванд дар дашти кушод ҷой гиранд. Аммо дере нагузашта, борони шадид ва раъду барқ мехезад. Бачаҳо мегиристанду занҳо аз тарс меларзиданд. Дигар дар он ҷой ҳам истодан ғайримумкин буд. Дар ҳамин лаҳзаҳои ноумедӣ муаллим як шогирдашро мебинад. Шогирд муаллимро шинохта бо як хушҳолӣ ва ҳурмату эҳтироми зиёд онҳоро ба хонаи худ бурда ҷою обу хӯрок медиҳад ва дар рӯзҳои дигар роҳбаладӣ намуда ҳама ҷойҳои муқаддаси шаҳрро гардонда нишон медиҳад. Ҳикоя бо ин ҷумла ба охир мерасад: "Вақте ки Пандит ба хонааш баргашт дар фикру андешааш дигаргуниҳои зиёд ба амал омаданд. Акнун вай дар ягон ҷойи дигар ҳаваси кор кардан надошт". Яъне вай дар як сафар бо ҳамсояҳояш дарёфт, ки қадру қимати як муаллим метавонад дар вазъияти муайяне аз дигарон баландтар бошад.

Дар ҳикояи "Бемории хушиовар" Премчанд масъалаи навоварӣ дар фаъолияти иқтисодӣ ва муқобилияти кӯҳнагароёнаи зиёновар ба онро баррасӣ мекунад. Лала Ҳарнамдас осиёббони куҳансоле буд, ки аз ҷавонӣ осиёби худро гардон мекард. Акнун ки вазъият дигар шудааст ва чандин осиёби дигар дар минтақаи онҳо пайдо шудаанд ва

кори ӯро хеле заиф намудаанд, вақти он буд, ки даст ба навоварӣ зада ҳам мудирият ва ҳам таҷҳизотро наву беҳтар намояд. Писари колеҷхондааш Ҳаридас, ки бо ӯ кор мекард, инро хуб медонист ва пешниҳодҳои зиёде дошт. Вале ҳар вақт ки фикрҳои навоваронаи хешро бо падараш дар миён мегузошт, гап мешунид ва маъюс мегашт. Падараш мегуфт, ки "ту ҳоло кӯдакӣ, дар ин кор мӯйи сари ман сафед шуд, барои ҳамин ба ман ягон хел маслиҳат мадеҳ". Осиёб дар як рӯз тақрибан се соат кор мекарду халос ва дар остонаи муфлисшавӣ қарор дошт. Пирамард асабӣ мешуд ва шабҳо хоби дуруст намекард ва оқибат гирифтори ҳамлаи фалаҷ шуд. Акнун ҳамаи кор ба дасти Ҳаридаси ҷавон афтод. Вай аввал низоми кориро тағйир дода, барои ҳавасмандии коргарон ба иловаи маош ба коргарони сахткӯш иловапулӣ медод. "Усули кории ӯ чунин буд: Аз таҳти дил кор кардан ва музди хуб гирифтан". Ӯ мошини нави ордкунӣ низ харида чанд корманди нави тахассусмандро низ ба кор гирифт. Бо муштариёни худ хеле муносибати хуб мекард. Дере нагузашта кори осиёб аз нав равнақ ёфт. Акнун пурра кор мекарданд ва ҳатто баъзан аз сабаби фармоишҳои зиёд басти шабонаро ҳам ба роҳ мемонданд. Ин ҳама тағйиротро ба Ҳарнамдаси бемор намегуфтанд, то он бемори куҳнагаро асабӣ нашавад. Вақте саломатии ӯ беҳтар шудан гирифт, аз писараш талаб мекард, ки ҳама ҳодисаҳои дар осиёб гузашта баъди беморшавии вайро нақл кунад. Аммо писар фикр кард, ки шояд ҳатто хабарҳои хуби аз забони вай баромадаро ҳам бовар накунад, беҳтар аст, коргари деринаи осиёб Диннадатхро равон мекунам, то аз забони ӯ шунида бовар кунад. Вақте аз Диннадатх ҳама пешравиҳои осиёбро мешунавад, бовар намекунад ва талаб мекунад, ки ароба оварда вайро фавран ба осиёб баранд. Ҳангоми ба осиёб расидан ҳама дигаргунӣ ва пешравиҳои корро мебинад, дарк мекунад, ки ҳама

зиддиятҳои вай ба навгонӣ ва пешниҳодҳои нави писараш ноҷо ва зиёновар будаанд. Аз писараш бахшиш пурсида иқрор мешавад, ки ҳама зиддиятҳои вай ба навовариҳои идорӣ ва моддӣ дар осиёб ғалат будаанд ва кош, иҷозат медод, ки Ҳаридас солҳо пеш ақидаҳои тиҷории худро амалӣ менамуд. Ин ҳикоя мушкили ҳамешагии зиддияти афроди муайян ба навовариҳоро баррасӣ намуда, нишон медиҳад, ки аз навовариҳои илмӣ дар мудирият ва истеҳсолот набояд тарсид.

Масъалаи ворид нашудан ба гурӯҳҳои мазҳабии иғвогар ва дар хизмати миллату давлат будан дар ҳикояи “Писари ман” аз Виншу Прабҳакар (1912-2009) оварда шудааст. Доктор Ҳасани мусалмон ва Шармаи ҳинду дар беморхонаи шаҳрӣ дар замони задухурдҳои ваҳшатноки мазҳабии Ҳиндустон кор мекунанд. Онҳо бо ҳама маҷруҳону беморон, новобаста аз дину мазҳаб, муносибати касбии хубу баробар намуда, фаъолияти табибии худро софдилона иҷро мекунанд. Ҳамарӯза кор аз ҳисоби задухурдҳои бераҳмона ва бемаънои мазҳабӣ чунон зиёд аст, ки табибон хеле кам вақти истироҳату хоб меёбанд. Баъди як рӯзи дарози чунин серкорӣ Ҳасан ба хона барои истироҳат меояд. Вале ҳатто вақти хӯрокхӯрӣ наёфта, боз ба беморхона барои ҷарроҳии фаврии як маҷруҳи овардашуда аз майдонҳои ҷанг бармегардад. Ҷарроҳии он бемор панҷ соат идома меёбад. Вай як ҳиндуе буд, ки аз дигар шаҳр омада буд ва ҳеч кас ӯро намешинохт. Шарма аз кисаи ӯ як ҳуҷҷате меёбад, ки маълум мешавад номи вай Рампрасад буда, аз шаҳри Канпур мебошад. Вақте Ҳасан бо ҳамроҳии Шарма барои як пиёла чой гирифтан ба хонаи худ бармегардад, падараш аз бемор мепурсад. Ҳангоми шунидани ному шаҳри бемор падари Ҳасан асабӣ шуда саволҳои бештар медиҳад. Баъдан бобои Ҳасан ба утоқ ворид мешавад ва маълум буд, ки вай шунидааст, ки Рампрасад аз Канпур омадааст. Баъди шунидани ин ки вай ҷароҳати вазнин бардоштааст, афтида аз

ҳуш меравад. Пас аз ба худ омадан мегӯяд, ки Рампрасад писари ҳиндуи вай, амаки Ҳасан мебошад ва талаб мекунад, ки ӯро ба пешаш баранд. Дар ин қисса Ҳасан бо ҳалол кор кардан ва ворид нашудан ба гурӯҳҳои мазҳабии ҷангҷӯ амаки худро наҷот медиҳад. Қисса нишон медиҳад, ки новобаста аз фарқиятҳои динӣ-мазҳабӣ ҳамаи инсонҳо сазовори ҳурмату эҳтиром ба дастгириву табобат ҳастанд. Набояд дар баробари тақдири касе, ки ба фоҷеа гирифтор шудааст, хунукназарӣ кард. Шояд вай яке аз наздикони худат бошад.

Зиндагии фарққунандаи як эҷодкор ва обирӯву эътибори ӯ дар ҷомеа дар ҳикояи "Бечора" аз Ранҳунандан Триведӣ (1955-2004) ба тасвир кашида мешавад. Қаҳрамони асосии қисса муаллими мактаб аст, ки дар фарқият аз дигар муаллимон дунболи пули иловагиву эътибори муаллимӣ нашуда, ҳама вақти холии худро ба омӯзишу эҷод сарф мекунад. Ин тарзи зиндагии вай ба ҳамкорон ва аҳли оила писанд намеомад. Ҳамсараш низ кӯшиш мекард муаллимро ба як корчалон табдил диҳад ва ӯ ба ҷойи омӯзишу эҷоди зиёде, ки аз нуқтаи назари ҳамсараш беманфиат буд, вақти холии худро ба дигар корҳои манфиатовар ва иштирок дар маъракаҳои хешовандон сарф кунад. Вале муаллим фаҳмиш ва дунёи махсуси худро дошт. Ҳатто баъди нафақа баромадан низ то дами марг аз омӯзишу эҷод даст накашид. Аҳли оила ӯро дуруст намешинохтанд ва фикр мекарданд, вай умри худро беҳуда сарф кардааст. Вале хабари марги ӯ дар рӯзномаҳо мебарояд ва ин ҳамаро ҳайрон мекунад. "Ба хона омадани 20-25 нома низ боиси ҳайронӣ шуда буд. Одамони номанавис ношинос буданд". Баъди якчанд моҳ одами ношиносе омада дастнависҳои мӯйсафедро мехарад. Баъди як сол ба писари пирамард як баста омад, ки дар он як нусхаи китоби тозанашри муйсафед буд. Аммо писар баъдан мехонам гуфта канор гузошт ва фаромӯш карду падари худро дуруст шинохта

натавонист. Баъди панҷ сол дар рӯзномаҳо хабаре паҳн гардид, ки зиёиёни шаҳр пешниҳод намудаанд, ки ба муносибати зодрӯзи муйсафед яке аз кӯчаҳои шаҳр ба номи ӯ гузошта шавад. Ҳамин тавр ҳам шуд ва ин ҳама эътирофи баланди фаъолияти эҷодии муйсафед буд. Писари муйсафед то охири умр бо вуҷуди пешравиҳои зиёди моддӣ аз пушти падараш дар ҷомеа шинохта мешуд. Ин бечора то дами марг падари худро ҳамчун эҷодкор ношинохта монд. Ин ҳикоя нишон медиҳад, ки маҳсули эҷоди як донишманд манфиати фаврӣ метавонад надошта бошад, вале баъди гузашти давраи муайян, ҳам даромад меорад ва ҳам ба ҷомеа таъсир мерасонад.

Ҳикояҳои дигари маҷмуаи "Ҷиҳози арӯз" мавзуъҳои муносибати неки инсонӣ ("Бало", Қасами сеюм"), бекоргардию муфтхӯрӣ("Кафан"), гӯшанишинию мардумфиребӣ("Зиёфат барои Бобоҷӣ", "Маслиҳатҳои Мотерам Шастрӣ"), хӯрдани ҳаққи ятимон("Хоҳари калонӣ"), бадбинии динӣ-мазҳабӣ("Ҳикояи нотамом") ва ғайраро дар бар мегиранд. Ҳамаи онҳо ҳикояҳои ҷаззоб буда, дар сатҳи баланди касбӣ тарҷума шудаанд.

Хулоса, маҷмуаи таҳияву тарҷуманамудаи устод Ҳабибулло Раҷабов ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзи ҷомеаи тоҷик буда, бешубҳа дар тарбияи ҷомеа нақши худро хоҳад гузошт. Хондани ин маҷмуа ба ҳамагон тавсия дода мешавад. Адабиёт маҳз бо чунин асарҳо ба ҷомеа таъсири мусбат расонида, раванди инсонсозиву зеҳниятсозиро таҳким мебахшад. Умедворем, дар оянда чунин асарҳои адабии нигаронидашуда ба ҳалли мушкилоти ҷомеа зиёдтар мешаванд.

Зимнан, дар қолаби жанри хурди "ҳикоя" метавон садҳо мушкилоти миллию фаромиллиро, ки боиси пойин рафтани сатҳи зиндагии мардум мегарданд, баррасӣ кард ва барои хонанадагон дар заминаи рафъи камбуду навоқиси иҷтимоӣ, ахлоқӣ, ақидатӣ, ҳувиятӣ ва фарҳангӣ роҳҳалҳои дурусту

ҳисобӣ манзур сохт. Аз ҷониби дигар, аз тариқи тарҷума ва таҳияи ҳикояҳои дархӯр вазъи маънавию мадании ҷомеа сифатан тағйир меёбад ва сатҳи ҷаҳонбинии мардум боло меравад. Муҳимтар аз ҳама, пахшу нашри маҷмуаҳои ҳикоёте аз қабили “Ҷиҳози арӯс” дар шароити феълии ташаннуҷи хурофоту хушкандешии мазҳабӣ ва боло гирифтани руҳияи худбохтагию беҳувиятӣ роҳро барои шинохти мушкилот, аз як тараф ва ҳалли онҳо, аз тарафи дигар, ҳамвор месозад.

**Маҷид САЛИМ**
*адиб*

## АЛӢ ХУШ ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК

Рӯзгору сарнавишти талхи Алӣ Хуш (Алӣ Хушмуҳаммадзода)-ро солҳост, ки меомӯзам. Рӯзгори нотамомро аз хотираҳо-китобҳои баёдгормондааш борҳо, гаштаву баргашта мутолиа кардам. Ҳар даъфа Алӣ Хушро аз нав меёбам. Хаёлам, ӯ мисли ҳамон очерку ҳикояҳояш, қиссаҳои нотамомаш аз бағали кӯҳҳо, шебу ёнаҳо аз оқибати фоҷиабори шӯриши Усмон ё корномаи Вахш ҳикоят дорад.

Ин даъфа китоби кӯҳнаи фаромушшудае ба дастам афтод. «Туҳфа» ном доштааст ин китоби нодир. Соли 1934 бо хатти лотинӣ ба табъ расида будааст. Аз ин тухфаи тақдир хурсанд шудам. Охир, дар ин китоб дар қатори дигар адибони ҳамон солҳо акси андешаманди Алӣ Хушро дидам. Боз ду ҳикояаш аз повести нотамоми «Ду фронт»-ро ҳам ҷой додаанд. Шодиямро ҳадду канор нест. Охир, ин ҳикояҳо то ин дам бо хатти кириллӣ нашр нашудаанд.

Бешубҳа, ҳикояву қиссаҳои Алӣ Хуш бозгӯи давру замони солҳои 30-юми қарни XX мебошанд. Аз мутолиаи ҳикоёти навёфтшуда пайдост, ки Алӣ Хуш соҳиби силсилаи ҳикояву очеркҳои зиёде будааст, ки то ба замони мо нарасидаанд. Повести «Ду фронт»-и Алӣ Хушро метавон асари фундаменталии адиб номид. Қисмҳои ҷудогонаи ин асар бо номҳои «Ҷӯшони канал», «Шуълаҳои зарфишон» дар матбуоти даврии солҳои 30-юми асри гузашта чоп шудаанд. Дар ин бора муҳаққиқи пуркор доктори илмҳои филологӣ Абдулҳай Маҳмадаминов дар китоби худ «Адиби мубориз» (-Душанбе: «Ирфон», 1988) маълумоти пурарзише додаст. Ва барҳақ, қайд

намудааст, ки повести «Ду фронт», ки баъдҳо порчаҳои он бо номи «Вахши таслимшуда» соли 1935 чоп шудааст, яке аз нахустин китобҳо дар мавзуи азхудкунии водии Вахш мебошад.

Воқеан, ин асарро метавон дар қатори асарҳои беҳтарини ба мавзуи Вахш офаридаи адибони номдор Бруно Ясенский «Одам пӯсташро иваз мекунад», Садриддин Айнӣ «Ҷанги одаму об», Абулқосим Лоҳутӣ «Хар ва трактор», Рашид Абдулло «Вахш», Ғанӣ Абдулло «Водии бахт», Мирсаид Миршакар «Ливои зафар» гузошт.

Алӣ Хуш дар солҳои сиюму чилуми асри гузашта, яке аз фаъолтарин адибон ва рӯзноманигорони давр маҳсуб мешуд. Дар матбуоти даврӣ пайваста очерку мақола ва шеъру ҳикояҳои вай бо имзоҳои «Алӣ Хуш», «Наистонӣ», «Алӣ Хуши Найстонӣ», «Ғармӣ», «А.Хушмуҳаммадзода ва «Тиррончак» ба табъ мерасиданд, ки дар ин радиф асарҳои публитсистии Алӣ Хуш ҳоло ҳам моҳияти илмӣ-иҷтимоии худро аз даст надодаанд. Масалан, ӯ дар очерки «Дар бағали кӯҳҳо» дар бораи андешаи ватандорӣ, худогоҳӣ, худшиносӣ қалам ронда, аз ҷумла чунин нигоштааст: «Дар ҷаҳон ҳар як миллат ва ҳар як синф ба худ таърихи махсус дорад. Тоҷикон, ки ҳамчун як миллати қадимтарин шуда омадаанд, дорои як таърихи бузург ҳастанд, ки омӯхтан ва аз худ кардани ин зарур аст».

Солҳои 1930-1940-и асри гузашта дар таърихи мамлакат давраи хеле вазнину пуртаҳлуқа, замони иғвогариҳои синфӣ, таъқибот, ҷазодиҳии рӯшанфикрон ва зиёиён ба шумор меравад. Дар он солҳо туҳмату хусумат ба дараҷае расида буд, ки ҳатто саромадони адабиёти тоҷик, устодон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутиро низ бо ҳар роҳ мехостанд сиёҳ намоянд.

Ҳамин гуна вазъияти пуртаҳлука ба сари пайравону шогирдони устод Айнӣ низ омада буд, ки рӯзноманигор ва

нависанда Алӣ Хуш аз ҷумлаи онҳо мебошад. Оид ба рӯзгору эҷоди ғании ин адиби ҷавонмарг, ки бешубҳа, яке аз адибони сермаҳсул, муборизи матини солҳои пеш аз ҷанг дар Тоҷикистон маҳсуб меёфт, олими шинохта, адабиётшинос, узви вобастаи Академияи улуми Тоҷикистон Соҳиб Табаров дар китоби худ «Ҳаёт, адабиёт, реализм» мақолаи арзишманде таълиф намуда, ба саҳми Алӣ Хуш дар пешрафту тараққиёти адабиёти сотсиалистӣ, бунёдкорӣ, азхудкунии водии Вахш баҳои баланд додааст.

Аз ҷумла, устод Соҳиб Табаров дар бораи фаровонии маҳсули эҷодии ӯ чунин навиштааст: «Аз осори сершумори Алӣ Хуш «Шестапалов» (1934), «Шӯриши Усмон» (1934), «Дар бағали кӯҳҳо» (1935) ва «Ҷавонони далер» (1937) ва баъди фавташ «Дар бағали кӯҳҳо» (1962) ном асару маҷмуаҳояш аз чоп баромадаанд».

Яке аз муҳаққиқони дигари Алӣ Хуш адабиётшинос, доктори илми филологӣ, Абдулҳай Маҳмадаминов дар роҳи барқарор кардани осори парокандаи адиб ва муайян намудани нақши Алӣ Хуш дар адабиёти аввали қарни XX заҳмати зиёде кашидааст. Баъдтар бо сайъю талоши А.Маҳмадаминов соли 1988 аз тариқи нашриёти «Ирфон» маҷмуаи «Адиби мубориз» интишор мегардад, ки пурра ба ҳаёту фаъолияти Алӣ Хуш бахшида шудааст. Дар ин маҷмуа аз ҷумла омадааст: «10 маи соли 1934 дар хонаи аксарони сурхи шаҳри Сталинобод съезди якуми нависандагони Тоҷикистон баргузор гардид, ва он то 17 май давом кард. Дар съезд 300 нафар вакил иштирок дошт. Раиси комитети ташкилотии Иттифоқи нависандагон С.Носиров маърӯза кард. Дар муҳокимаи маърӯза Алӣ Хуш ду маротиба баромад карда, мулоҳизаҳои қобили таваҷҷӯҳ баён намуд. Алӣ Хуш дар съезд ба ҳайати котибот ва комиссияи тафтишотӣ интихоб мегардад. 19 маи соли 1934 таҳти раёсати Абулқосим Лоҳутӣ пленуми якуми правленияи Иттифоқи

нависандагони советии Тоҷикистон баргузор мегардад, ки дар он Алӣ Хуш раиси комиссияи тафтишотӣ интихоб мешавад». Дар ҳақиқат, солҳои 30-юм ному фаъолияти нооромн Алӣ Хуш дар қатори саромадони адабиёти тоҷик номбар шуда, ӯро дар ҳамаи ҷабҳаи ҳаёт дидан мумкин буд. Вай на танҳо адиби мубориз, балки яке аз ташкилотчиёни шинохтаи ҳизбии ҳамонвақта шумурда мешуд.

Ӯ солҳои дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» фаъолият доштанаш, пайваста бо мақолаҳои танқидӣ, проблемавӣ ва очерку лавҳаҳои рӯзмарааш баромад мекард. Ҳамчунин ба шаҳру деҳоти ҷумҳурӣ сафарҳои эҷодӣ намуда, ҷавононро барои кор ба рӯзномаҳои даврӣ ҷалб месохт. Алӣ Хуш дар корҳои тайёрӣ ва гузарондани съезди якуми мухбирони коргару деҳқон, соли 1931 саҳми арзанда гузошта, ба ин муносибат китоби алоҳидаеро аз чоп баровардааст.

Олими шинохтаи тоҷик Соҳиб Табаров хотироти ҷолиби шоир Абдусалом Деҳотиро дар бораи ҳамкории Алӣ Хуш бо устод Садриддин Айнӣ зикр намуда, қайд кардааст, ки «Алӣ Хуш бо Айнӣ бисёр наздик буд. Вай ҳамроҳи Садриддин Айнӣ кор мекард. Алӣ Хуш бо илтимоси Айнӣ китоби вай «Дохунда»-ро аз рӯи дастхати Айнӣ рубардор намуда буд. Чопи аввалаи китоб низ аз рӯи хатти Алӣ Хуш ба амал омадааст. Айнӣ вайро бисёр дӯст медошт». Ба ғайр аз ошноӣ бо осори парокандаи адиб, бойгонӣ ва омӯзиши дастхатҳо, ман бо яке аз аввалин муҳаққиқони эҷодиёти Алӣ Хуш, инсони хеле ҳалиму бофарҳанг, олим Сайфулло Саидов аз наздик шинос шудам. Маълум шуд, ки С.Саидов ҳанӯз соли 1959 зери роҳбарии адабиётшинос Соҳиб Табаров рисолаи дипломии худро дар мавзуи «Ҳаёт ва эҷодиёти Алӣ Хуш – Найистонӣ» анҷом додааст. Ӯ солҳои 50-ум айёми донишҷӯӣ бевосита ба водии Қаротегин сафар намуда, бо хешону наздикон, дӯстони Алӣ Хуш аз наздик суҳбату мулоқотҳо намуда, хотираҳои

онҳоро ҷамъоварӣ намудааст. Сайфулло Саидов дар рисолаи нахустини хеш паҳлуҳои гуногуни эҷодиёт, усулҳои бадеӣ, публисистӣ ва рӯзноманигории Алӣ Хушро таҳқиқ кардааст.

Аз ҷумла, дар рисола хотираҳои фарзанди фарзонаи миллат, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода оварда шудаанд, ки дар он бори дигар нақши Алӣ Хуш дар рушду нумуъи адабиёти солҳои 30-юм пурра инъикос мегардад: «Алӣ Хушро ман аз солҳои 1930 мешиносам. Ман ҳамроҳи вай дар рӯзномаҳои республикавӣ кор мекардам. Вай дар Самарқанд бо ҳамроҳии Абдусалом Деҳотӣ таҳсил намудааст. Аз соли 1930 то охири умраш дар Сталинобод кор карда буд. Ӯ пеш аз ҳама матбуотчии оташқалам буд. Пас ба навиштани ҳикояю очерк мароқи калон дошт. Як чизро бояд қайд намоям, ки вай хеле ҷавон аз дунё рафт. Ҳар гоҳ ки вай чизеро менавишт, албатта, аввал ба муҳокимаи рафиқон пешниҳод менамуд. Ман ҳамроҳи вай ду сол дар як хона зиндагӣ кардам. Пас аз он вай зан гирифта, ба хонаи дигар ҷойгир шуд. Ӯ ҳамеша дар маҷлису конференсияҳо ба нутқи пурмазмун баромад мекард» (таваҷҷуҳ шавад ба суханронии Мирзо Турсунзода аз 19 марти соли 1959).

Шоири зиндаёд Боқӣ Раҳимзода низ оид ба ҳамкорӣ, дӯстии Алӣ Хуш бо Мирзо Турсунзода дар китоби худ «Офтоби сари кӯҳ» чунин нақл овардааст: «Маро аз кӯҳистони Қаротегин чун директори мактаб барои асбобу анҷом ба комиссариати маориф фиристоданд. Пас аз анҷоми корҳо ба хонаи Алӣ Хуш рафтам. Хонаи Алӣ Хуш дар кӯчаи Комсомол, дар паси театри ҳозираи ба номи Маяковский воқеъ буд. Дар хона ғайр аз Алӣ Хуш як ҷавони миёнақад, лоғару зебо ҳам буд. Мирзо Турсунзода, шинос шавед, - гуфт Алӣ Хуш. Мо ҳолу аҳволи якдигарро пурсидем. Дар хонаи на он қадар калон онҳо муҷаррадона истиқомат доштанд. Алӣ Хуш ва Мирзо

Турсунзода он солҳо дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» кор мекарданд».

Маҷмуаи ҳикояҳои «Дар бағали кӯҳҳо» бошад, баъди чандин соли фавти адиби ҷавонмарг Алӣ Хуш, соли 1962 аз тариқи нашриёти «Ирфон» аз чоп баромадааст.

Бо мутолиаи чакидаҳои хомаи Алӣ Хуш симои ҷавони дарёдиле пеши назар меояд, ки ҳанӯз хумору ормонҳои ҷавонӣ нашикастааст. Ӯ дар пойтахти ҳамонвақтаи Тоҷикистон – Сталинобод (Душанбеи ҳозира) қадам зада, бо дидаи ҳайрату тааҷҷуб ба атроф назар медӯзад. Қалби орзупарвари ӯро биноҳои хуштарҳи замонавӣ, кӯчаҳои нави мумфарш ба ваҷд меоранд. Вай соатҳои дароз ба равуои боисти одамон диққат дода боз ёду хотираи зодгоҳаш – водии кӯҳистони Рашт мекунад. Алӣ Хуш китобашро беҳуда «Дар бағали кӯҳҳо» ном наниҳодааст. Зеро вай умре посдори ин диёру ватан-модар буд. Адиби ҷавонро манзараҳои нотакрори Ҳоит, айёми баҳору мавсими дарав, хониши паррандагони диёр умре илҳомбахшу ангезасоз буд. Алӣ Хуш дар айни ҷӯшу хурӯши эҷодӣ, айёми камолот ба нокомиҳо, тuҳмату буҳтон дучор шуда, ба ҳалокат расидааст.

Кас зиндагиномаи ин фарзанди фарзонаро варақ зада, ангушти ҳайрат мегазад. Ба шигифт меояд, ки як бачаи одии кӯҳистон дар адабиёти ҳамон солҳо чӣ мавқеъ, манзалати хоссае пайдо намудааст. Аммо эҷодиёти ӯ, қиссаву ҳикояҳояшро бахилону ҳасудон қабул надоштанд ва ба ҳар роҳ ӯро сиёҳ мекарданд. Дар бораи ҳаёти нооромн Алӣ Хуш дар «Қомуснома»-и илмии Тоҷикистон омадааст: «Хушмуҳаммадзода Алӣ соли 1912 дар райони Ғарм аз оилаи деҳқони камбағал таваллуд шудааст. Пас аз хатми аввалин мактаби советӣ дар кӯҳистони Қаротегин чанд сол дар ташкилоти советҳои маҳаллӣ хизмат намуда, баъд дар тумани Нусратобод (ҳоло шаҳраки Навобод) ба вазифаи котиби

комитети революционӣ кор мекунад. Соли 1928 ба Самарқанд рафта, дар курси дусолаи таълиму тарбия таҳсил менамояд. Соли 1930 бо тавсияи комитети марказии комсомоли Тоҷикистон ба хизмати матбуот дохил шуда, дар идораи газетаи «Тоҷикистони сурх» вазифаи ходими адабӣ ва мудири шӯъбаи оммавиро ба ҷо меорад. Дар съезди якуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба ҳайати котибот интихоб гардида, пас ба сифати аввалин мудири хазинаи адабӣ (литфонд) кор мекунад.

Нахустин ҳикояи ӯ «Дар палатаи рақами 2» соли 1932 дар газетаи «Тоҷикистони сурх» (12 октябр) чоп мешавад. Муҳимтарин асарҳои ӯ «Шестопалов» (1934), «Шӯриши Усмон» (1934), «Ҷавонони далер» (1937) мебошанд. Баъзе порчаҳои повести «Ду фронт» дар саҳифаҳои газетаву журналҳо дарҷ шудаанд.

Ба гирд овардан ва нашр намудани намунаҳои эҷодиёти даҳанакии халқ низ машғул будааст. Соли 1934 ба узвияти Иттифоқи нависандагон қабул шудааст. Соли 1937 бо тӯҳмату бӯҳтон ба ҳабс гирифта шуда, соли 1942 дар онҷо вафот намуд…».

Фаъолияти эҷодии ин адиби нуктасанҷ асосан аз солҳои таҳсилаш дар шаҳри Самарқанд оғоз ёфтааст. Алӣ Хуш ҳангоми донишҷӯӣ пайваста бо рӯзномаи «Овози тоҷик» ва «Тоҷикистони сурх» ҳамкорӣ дошт. Дар ин давра як силсила мақола, очерку ҳикояҳои вай ба табъ расидаанд, ки аз ҷониби адибон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ баҳои сазовор гирифтанд. Номи Алӣ Хуш аллакай миёни ҳаводорони адабиёт маълуму машҳур буд. Худи устод Садриддин Айнӣ ба навиштаҳои Алӣ Хуш баҳои баланд дода, саҳми ӯро дар инкишофи адабиёти инқилобӣ хосса донистааст.

Ӯ бештар ба интихоби мавзуъ, офариниши қаҳрамонҳои марказии асарҳои хеш диққати ҷиддӣ дода, ба таври ҳаққонӣ меҳнати бунёдкоронаи халқи тоҷикро дар сохтмони колхозӣ, бунёди роҳу хоҷагиҳои шуравӣ инъикос мекунад. Бахусус, очеркҳои Алӣ Хуш конкретӣ-таърихӣ мебошанд ва дар қатори осори Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ аз аҳамият холӣ нестанд.

Муаллиф ин силсила очеркҳоро бо забони соддаю одӣ, услуби хосса тасвиру баррасӣ кардааст. Чуноне ки аз мутолиаи ҳикояҳои Алӣ Хуш пайдост, ӯ ягона адибест, ки мисли Ҳаким Карим муборизаи зидди босмачигарӣ, ҷангу хунрезиҳои дуҷонибаро бисёр нозук, табиӣ ба риштаи тасвир мекашад ва дар ин радиф ҳикояи ӯ «Ҷавонони далер» ба ин мисол шуда метавонад. Аксари очеркҳои Алӣ Хуш заминаи таърихӣ дошта, дар асоси факту рақамҳои аниқ, қаҳрамонҳои воқеӣ ба вуҷуд омаданд. Дар ин бахш, очерки ӯ «Ман аз ҳеҷ ҳар чизам»-ро метавон як дастоварди адиб дар он солҳо номид. Рӯзгор, сарнавишти як чӯпон асоси очеркро ташкил карда, муаллиф равшан собит намудааст, ки танҳо меҳнати ҳалол, иродаи қавӣ метавонад шахсро сарбаланд кунад. Силсилаи очеркҳои Алӣ Хуш оид ба сохтмони Вахш, «шӯълаҳои анҳори Зарафшон», «Ҷанг бо штик», «Шуҷои номдор» хусусияти бадеӣ дошта, аз истеъдоди комили муаллиф гувоҳӣ медиҳанд.

Қиссаи «Шӯриши Усмон»-ро метавон як дастоварди муҳими адиб номид. Қисса оид ба воқеоти вазнини солҳои 20-уми асри XX дар водии Қаротегин нақл мекунад. Рӯзгори сахти оммаи мардум, андозситонӣ ва норозигии аҳолӣ, нисбати сиёсати аморати ҳамонвақтаи Бухоро тору пуди асарро ташкил дода, симои қаҳрамони марказии асар Усмони диловар барҷастаю дилкаш ва самимӣ қаламдод шудааст. Муаллиф дар «Шӯриши Усмон ёдовар мешавад, ки гуруснагию қаҳатие, ки то соли 1921 давом карда буд, ҳанӯз ҳам оташи

қаҳру ғазаби халқро нисбати амалдорон, чи дар шаҳр ва чи дар қишлоқ меафзуд. Ана ҳамин вазъи ногувори мардуми Қаротегин, ҷабру зулм, истибдоди мирохурону амалдорони давр боиси сар задани шӯриши Усмон гардид.

Муаллифи асар дар ин бора чунин ақида дорад: «Фарқияти шӯриши Усмон аз шӯриши Восеъ ва ғайраҳо дар ин ҷост, ки гегемонияи асосии ин шӯриш коргароне ҳастанд, ки онҳо дар район ва шаҳрҳои саноатии Осиёи Миёна ба таври хусусӣ дар истеҳсолот кор мекарданд. Шӯриши Усмон ин ҳамон шӯрише аст, ки аз тарафи ҳамин коргарони мавсимӣ бо якҷоягии оммаи ҷабрдида ва ситамкашидаистодаи норозӣ аз зулми подшоҳӣ барпо гардида буд».

Дар ҳақиқат, Усмон чун ҷавони далеру нотарс ва адолатҷӯ бо зиёда аз ҳазор нафар ҷонибдорони хеш қалъаи ҳокими Ҳойитро забт ва салтанати Шоҳмардонқули Бухорӣ (Манғит)-ро шикаст дода, ғалабаи пурра ба даст меорад. Ҳарчанд ки ҳанӯз Усмон таҷрибаи кофӣ надошт, вале барои аз байн бурдани ҷабру зулм, талошу мубориза ҳо карда, соли 1919 – моҳи декабр волии Ғарм – кали Неъматуллоро низ муҳосира мекунад. Усмон беш аз 8 рӯз дар маркази Ғарм қарор дошта, ба ҷанг тайёрӣ дид. Аммо сад афсӯс, ки надоштани саводу малакаи корӣ боиси каҷфаҳмиҳо шуд. Натавонист тамоми аҳолии Ғарму Обигармро ҷониби худ кашад. Азбаски Усмон қалби поку беолоиш дошту ба ҳамроҳонаш бовар мекард, дар ҳар қадам ӯро фиреб дода, хиёнаташ мекарданд. Оқибат зудбоварии Усмон ба он оварда расонд, ки худи як гурӯҳ ҳамроҳонаш пинҳонӣ ба тарафи ҳокими Ғарм гузаштанд. Ва ана ҳамин манзараи мудҳишро Алӣ Хуш устокорона тасвир сохтааст: «Усмон мебинад, ки ҳуҷум сахт аст, ба тарафи Ғарм мегурезад. Вай бо ҳамин аз қалъаи Ғарм ҳам гузашта ба қишлоқи Нимич меравад. Иборат аз 400 нафар шарикони Усмон, ки дар Ғарм буданд, аксарияташон ба даст афтида

захмдор ва кушта мешаванд. Шумораи шӯришчиёни кушташуда зиёда аз 200 нафар мебошад. Усмон акнун мағлуб шуда ва пушаймон мешавад».

Дар қисса шикасти аввали шӯриш ва боз бо 1300 нафар аскарони худ дуюмбора қалъаи ҳокими Ғармро фатҳ кардани Усмон ва боз фиреб хурдани ӯ бисёр табиӣ, ҳаяҷонбахш инъикос мегардад. Алӣ Хуш манзараҳои кӯҳистон, ҷангу хунрезиҳо, шиакашии аспонро бо ҳам оварда, бараъло нишон медиҳад, ки маҳз содагию дилсофии Усмон сабаби маргаш гаштааст. Дар ин ҷо чӣ гуна бо роҳи хиёнат ба даст афтодани Усмон ва ваҳшиёна кушта шудани ӯ қиссаро ҷамъбаст кардааст.

Тасвирҳои Алӣ Хуш атрофи ёфт шудани ҷисми пурхуни Усмон ва таронаҳои мардумӣ дар ҳаққи ин ҷавонмарди роҳи адолат хеле пурсӯзу гудозанд. Танҳо соли 1921, вақте ки Аскарони сурх водии Ғармро аз дастаҳои босмачиён озод намуданд, қотилони Усмонро дастгир карда, ҷазои сазовор доданд. Ҳамин тавр, қиссаи «Шӯриши Усмон» чун осори таърихӣ-бадеии Алӣ Хуш дорои аҳамияти калони илмӣ буда, ҳоло ҳам аз ҷониби муҳаққиқон омӯхта мешавад.

Алӣ Хуш натанҳо дар мавзуи рӯзгори одамони наҷиб, бунёдкорӣ асар эҷод мекард, балки атрофи таърихи гузашта, талошу муборизаи аҷдодон низ фикри худро дошт. Ӯ гузаштаи начандон дурро таҳлилу баррасӣ намуда, насли ҷавонро ба роҳи нек, худшиносӣ ҳидоят кардааст.

Мутолиаи очерки таърихии «Шӯриши Усмон» равшангари роҳи дилҳои мардуми инқилобист. Алӣ Хуш бо ин асараш анъанаи неки устод Садриддин Айниро идома дода, ҳодисаҳои таърихиро дар заминаи инқилоби халқии Бухоро ва бедории шуури синфӣ қаламдод мекунад.

Адиби нуктасанҷ, машҳури дунё Марк Твен ҳикмате дорад. «Аз касоне парҳез кунед, ки боиси костани эътиқоди шумо

нисбат ба худатон мегарданд. Ин сифати разилон аст. Шахси бузург, баръакс, бовариеро талқин мекунад, ки шуморо ба бузургӣ мерасонад».

Алӣ Хуш низ ҷумлаи адибоне будааст, ки шуълаи боварӣ, умеду орзуро дар асарҳояш тараннум мекунад. Меҳнати бунёдкоронаи мардум дар деҳот ва азхудкунии заминаҳои нав дар водии Вахш ҳамоно дар маркази диққати адиби ҷавон буд. Барои васеътар тасвир намудани ин заҳмату талоши одамони одӣ, фотеҳони Вахш ба навиштани повести «Ду фронт» шуруъ кард. Бо мутолиаи парчаҳои ҷудогонаи асар хонанда бо ҳодисаю воқеаҳои солҳои обёрии заминҳои ташналаби Вахш, кофтани ҷӯйю каналҳои калон, дӯстию бародарии одамони гуногунмиллат дучор мешавад. Муаллиф бо тасвири манзараҳои табиат, обу хоки ин гӯшаи диёр таъкид сохтааст, ки маҳз дӯстии халқҳо боиси эҳёи заминҳои пахта дар ин минтақа гаштааст.

Алӣ Хуш, барҳақ, ҳамқадами замон буда, баробари эҷоди асарҳои насрӣ пайваста мақолаю хабар, очеркҳо низ иншо мекард. Ӯ дар қатори ҳамқаламонаш дар эҷоди асарҳои ҳаҷвӣ низ комёб мешавад ва чун яке аз муаллифони доимии маҷаллаҳои ҳаҷвии «Мулло Мушфиқӣ» ва «Бигиз» бо номи мустаори «Гирончак» ҳаҷвияю фелетон ба нашр мерасонад.

Дар бораи фаъолияти минбаъдаи эҷодии Алӣ Хуш дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик», соли 1988, саҳифаи 143 чунин қайд ҳаст: «Маҳсули адабию бадеӣ ва адабию публисистии Алӣ Хуш хеле зиёд буда, ғайр аз асарҳои номбаршуда, боз муаллифи зиёда аз сӣ ҳикоя ва очерк, повести «Ду фронт» ва як роман будааст, ки дастнависи роман то ба ҳол пайдо нест. Алӣ Хуш донандаи дақиқи назми ғании форсу тоҷик ва эҷодиёти даҳонакии халқ буд ва дар шеърдонию шеърхонӣ маҳорати калон дошт. Бо номи «Доғи асирӣ ва дами дилшодӣ» маснавие эҷод намудааст, ки аз 32 байт иборат

мебошад». Аз мутолиаи пораи маснавӣ овози шевои адиб ба гӯш мерасад. Аз дуриҳо шоир бо дили пур аз шодию фараҳ шеърхонӣ дорад. Он замон Алӣ Хуш ҳеҷ ба гӯшаи хаёл намеовард, ки рӯзе ӯро бо туҳмату буҳтон зиндонӣ мекунанд ва риштаи умраш дар айни камолот канда мешавад…

Ӯ, ки қалби пок, софу беолоише дошт, ҳаргиз гумон надошт, ки дар зери гул-хор рӯидаасту мор интизори заҳр пошидан аст. Зеро Алӣ Хуш ба ҳамаи дӯстону ҳамкоронаш меҳру муҳаббат эҳтиром дошт. Ва ба мақоли «Ҷосуси ҳамкоса дидам басе» хеле дер сарфаҳм рафт. Ҳоло ӯ дар ҳавои мусиқие, ки худаш эҷод кардааст, аз «доғи асирӣ» замзама дошт:

Зи шӯро ёфт ин ҷо зебу зинат,
Бадар шуд ҷаҳлу нодонию зулмат.
Фаранҷиро зи сар андохт Шодӣ,
Бурун омад зи кунҷи номуродӣ.

Маҳз ишқи мусиқӣ, огоҳӣ аз санъату фарҳанги ниёгон буд, ки Алӣ Хуш вақт ёфта, дар ҷамъоварии материалҳои фолклорӣ низ иштирок кардааст, ки «Намунаи фолклори тоҷик» (ҳамроҳи А.Болдирев) ба ин гувоҳ аст.

Боз мегардам сари асарҳои насрии Алӣ Хуш ва ин дам китоби машҳури Бруно Ясенский «Одам пӯсти худро дигар мекунад»-ро ба хотир меорам. Ин асар низ оид ба азхудкунии водии Вахш нақл мекунад ва онро бо қиссаи нотамоми «Ду фронт»-и Алӣ Хуш муқоиса карда, маълум мегардад, ки ин асар низ яке аз беҳтарин офаридаҳои адиби ҷавони он солҳо будааст.

Нахустин раиси Хазинаи адабиёти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Алӣ Хуш, ки ҳанӯз дар анҷумани аввалини адибони тоҷик, соли 1934 ба узвият қабул шуда буд, умри дароз надид. Ӯ мисли дигар мардони соҳибҷавҳари он айём азоби руҳӣ, танҳоӣ мекашид. Шуҳрату овозаи вай, нашри пай дар пайи асарҳои ин бачаи содаи кӯҳистон ба баъзеҳо хуш

намеомад. Зеро ӯ ҳам нависанда буду ҳам шоир ва бо тахаллуси «Найистонӣ» ашъорашро ба табъ мерасонд.

Оқибат бахилону курдилон ӯро ба гирдоби тухмату бухтон тела доданд ва ин адиби боистеъдод баъди маҳрумияту шиканҷаҳои тулонӣ соли 1942 ба ҳалокат расид. Ба қавли шоир:

Ба пирӣ мерасад, хори биёбон,
Вале гул чун ҷавон гардад, бимирад.

Алӣ Хуш дар айни камолоти эҷодӣ аз байн рафт. Мисли ситораи рахшоне як дурахшиду гузашт. Ҳарчанд ки дар зиндагияш баъзе асарҳои вай табъу нашр шудаанд, вале то ҳол на ҳамаи эҷодиёти Алӣ Хуш дастраси хонандаи тоҷик гардидааст. Мо -- дӯстдорони эҷодиёти ӯро зарур аст, ки асарҳои то ҳол рӯйи чоп надидаи ин адиби покро барои нашр омода созем, то рухи Алӣ Хуш аз имрӯзиён миннатдор шавад.

**Зебонисо ЗИЁЕВА**
*ходими калони илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ*

## КОНФУТСИЙ: ЗИНДАГИНОМА ВА МЕРОС

Конфутсий (551-479 то мелод) дар замони пуршӯр ва ҷангҳои ҳамдигаркӯшӣ зиндагӣ кардааст. Ӯ дар вазифаҳои остонадор, вазифаҳои вазир ва мушовири дарбори «Лу» хизмат намуда, бо такя ба суннани гузашта барои ривоҷ додани ахлоқ асарҳо таълиф кардааст. Барномаи дарсии ӯ аз таърих, шеър ва оини мардумдорӣ иборат буд. Ба назари ӯ: «Шеър маниши инсонро месозад, оинҳо бо одоб ва ташрифот парвариш медиҳанд ва мусиқӣ онро камол мебахшад».

Аз Конфутсий 5 китоб боқӣ мондааст, ки онҳоро шогирдонаш ҷамъоварӣ карда, «Панҷ Чинг» ё «Панҷ китоби шаръӣ» номидаанд. Ӯ дар оғози фаъолият «Ли Чи» (Одобнома)-ро, ки шомили маросими қадимаи муошират, ки ба назари ӯ, барои тарбия ва парвариши маниши инсон ва нигаҳдории назму сулҳи иҷтимоӣ манфиатнок буданд, таълиф намуд. Ба «Китоби таҳаввулот» («Эй Чинг»), ки муҳимтарин китоби фалсафаи увло ба ҳисоб мерафт ва ба манзалаи оғози таърихи фикри чинӣ эътироф мешавад, тафсир навишт. Баъдан ӯ китоби «Ши Чинг» (Китоби чакомаҳо)-ро оид ба ахлоқ таълиф кард. Дар марҳалаи чаҳорум «Лу» (Чун Чию) ё «Солномаҳои баҳор ва хазон»-ро дар бораи таърихи ватани худ навишт. Охирин китоби ӯ «Шу Чинг» - «Китоби таърих» мебошад.

Чиниҳо бар ин «Панҷ Чинг» - «Чаҳор шу (китоб)»-ро илова намуданд, ки ҷамъан 9 асари асил (классикӣ)-ро ба вуҷуд

оварданд: аз ин чаҳор, аввалин ва муҳимтарин китоби «Лун Ю» (Гуфторҳо ва гуфтугӯҳо) буда, китоби дуввум «Шу» (дар байни чиниён маъруф ба «Ташуа») – «Омӯзиши бузург» ном дорад ва муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки ин китоб асари яке аз шогирдони ӯ - Чу Ши аст, ки мураттиби осори Конфутсий мебошад. Севумин китоби фалсафии Чин «Чун Юнг» - «Усули миёнаравӣ»-ст, ки онро набераи Конфутсий таълиф кардааст. Охирин китоби фалсафии классикии Чин «Китоби Мансиюс» (Мен-тсизн) мебошад. Ба Конфутсий лақаби «Суқроти Чин»-ро додаанд.

Ғояҳое, ки метавонист ба онҳо муқовимат намояд, мебоист дорои такягоҳи ахлоқӣ мебуданд ва Конфутсий дар ҷустуҷӯи ин такягоҳ ба анъанаҳои қадима рӯ оварда, онҳоро бо бенизомиҳои дар ҷомеа ҳукмрон муқобил гузошт. Аз замони барқароршавии сулолаи Хан дар наздикии асрҳои Ш-II то мелод конфутсичигӣ ба идеологияи расмӣ табдил шуда, меъёрҳо ва арзишҳои он эътирофи умумихалқӣ пайдо намуда, ба рамзи «чинӣ» табдил ёфтанд. Қабл аз ҳама, конфутсичигӣ дар меъёрҳои маросимии ҳар як чинӣ ворид шуда, ҳаёти ӯро таблиғ мекард ва ба он шакли асрҳо ташаккулёфтаро медод. Дар Чини императорӣ конфутсичигӣ нақши дини асосӣ, принсипи ташкили ҳокимият ва ҷамъиятро мебозид, ки зиёда аз ду ҳазор сол қариб бетағйир боқӣ монд. Дар ин дин Худои олӣ – Осмон ба шумор мерафт, ки сахтгир ва ба накӯкории Осмон мутаваҷҷеҳ буда, ба сифати пайғамбари бузург, баёнкунандаи ваҳйи илоҳии ба ӯ додашуда ба мисли Буддо ва ё Исои Масеҳ, балки ҳаким Конфутсий буд, ки такомул бахшидани ахлоқро дар доираи меъёрҳои ахлоқии сабтшуда ва бо нури нуфузи қалима мунаввар гардонида буд. Объекти асосии оини конфутсичигӣ арвоҳи аҷдодон буд. Конфутсий анъанаҳои диниро содиқона ба анҷом расонида, ҳамеша таълим медод, ки онро на ба хотири ба даст овардани лутфу

меҳрубонӣ, балки ба хотири он ки анҷом додани онҳо «барои инсон одилона ва сазовор мебошад», бояд анҷом дод.

Иҷрои қатъии анъанаҳо – қоидаи асосии зиндагӣ ва такягоҳи тамоми низоми мавҷуда мебошад. Эҳтироми фарзандон ва бузургдошту эҳтироми аҷдодон масъулияти аввалиндараҷаи инсон аст. «Бигузор, падар падар, писар писар, ҳоким ҳоким ва амалдор амалдор бошад». Конфутсий барои он талош дошт, ки оламро ба низом дароварад, роҳи (дао)-и инсонро ба роҳи Осмон тобеъ намояд ва ба сифати намуна барои тақлид идеали худ – «марди накӯкор»-ро пешниҳод намуд, ки аз дунёи бостонии ормонӣ, замоне, ки ҳокимон ҳаким буданду амалдорон беғараз ва ихлосманд буданду халқ дар роҳату осоиштагӣ зиндагӣ мекард, гирифта буд. -- «Инсони накӯкор дорои ду афзалият аст - инсондӯстӣ ва эҳсоси масъулият. Марди накӯкор дар бораи қарз (масъулият) фикр мекунаду марди фурӯмоя дар бораи манфиат», -- таълим медод Конфутсий. Ба фазли рафтори дуруст инсон ҳамоҳангиро бо назми ҷовидонаи кайҳон ба даст меоварад ва ҳамин тавр, мабдаи ҷовидона ҳаёти ӯро муайян мекунад. Қувваи урфу одат он аст, ки ба фазли он Замину Осмон якҷоя амал мекунанд, ба фазли он фаслҳои сол иваз мешаванд, офтобу моҳ нурафканӣ мекунанд, ахтарон роҳи худро идома медиҳанд, ба фазли он об ҷорӣ мешавад, хайр аз шар ҷудо мешавад, ба фазли он қаҳру ғазаб равшану возеҳ ифода меёбанд ва ғ. Агар таълимот дар бораи - ян ва ин -, дар бораи аслиёти мабдаи занона (зулмот) ва мардона (нур)-ро, ки бо ҳам муттаҳид мешаванд, ба хотир оварем, пас инсон имкон дорад ба ҳодисаҳои олам ва дар ҳаёти худ, тибқи виҷдони ботинии худ таъсир расонад ва ба мувофиқати кайҳонӣ мусоидат намояд.

Таълимоти ахлоқии конфутсичигӣ ҷавҳари таълимоти динии онро дар бар мегирад, ки асосан ба тарбияи инсони

комил бахшида шудааст ва беҳуда нест, ки Конфутсийро муаллими ахлоқ номидаанд. Асоси ахлоқро бошад дар таълимоти конфутсчигӣ риояи қатъии суннати гузаштагон ташкил медиҳад. Истилоҳи маркази таълимоти ахлоқии ӯро истилоҳи «ли» ташкил медиҳад, ки хеле сермаъно мебошад: покӣ, таҳорат, адаб, инсоният, расму одат, назму тартиб ва ғ. Дар таълимоти ӯ, инсони ормонӣ – «Тсзюн-Тсзи» (инсони комил), «жен» (одамият), «сяо» (эҳтироми фарзандон ба волидайн ва кӯҳансолон) дар тарбияи ахлоқии инсон мақоми бузург доранд.

Дар асри VI то м. таълимоти Лао-цзы (Лао-Тсзи) ташаккул меёбад, ки аксари муҳаққиқон онро шахси афсонавӣ меҳисобанд. Рисолае, ки дар он ин таълимот сабт шудааст «Дао-дэ цзин» мебошад, ки ба асрҳои IV—III то м. мансуб аст.

Ин таълимоти ирфониест, ки дар заминаи он даосизм ташаккул ёфтааст. Дао ба маънои ба инсон дастнорас, дар умқи абадият решадавонидаи «роҳ», худи нахуствуҷуди илоҳӣ, Мутлақ омадааст, ки аз он тамоми ҳодисаҳои заминӣ ва аз ҷумла инсон пайдо шудаанд. Даои бузург халқ накардааст, ҳама чиз аз он бармеоянд, ҳама ашёи бе ному бе шаклро, вай оғоз мебахшад, ба ҳама чизи олам ном ва шакл мебахшад. Ҳатто Осмони бузург ҳам ба дао пайравӣ мекунад. Шинохти дао, пайравӣ кардан аз ӯ, бо ӯ иттиҳод ёфтан маъно, ҳадаф ва саодати дунё мебошад. Ҳадафи олитарини пайравони дао аз шавқу рағбатҳо ва саргардониҳои зиндагӣ дур шудан ба сӯи соддагӣ ва табиӣ рафтан буд. Дар байни пайравони дао аввалин зоҳидон-мистикҳои чинӣ вуҷуд доштанд, ки барои аз фалсафаи дао дини даоиро бо тамоми маъбадҳо ва коҳинонаш, китобҳои муқаддасаш, мароссимҳои соҳиронааш ҷудо намудан, мусоидат менамуданд. Аммо дар ин олам, ки одамон саъю талошҳояшонро ба роҳбарӣ мегиранд ва бо он муқаррароте, ки онҳо муқаррар мекунанд, робитаи инсон бо

нахустмабдаъ халалдор мешавад. Вазъияти қариб барои мавҷудияти ҳама динҳои олам хос ташаккул меёбад ва қудсияти худро аз даст медиҳанд: замоне, ки даои бузург рӯ ба завол меоварад, меҳру муҳаббати одамӣ ва адолат пайдо мешаванд.

Накӯкорон, агар аз берун ба инсон вобаста карда шаванд, нишонаи он аст, ки ӯ аз Мутлақ маъзул мегардад. Зарурати талаб кардани иҷрои ҳадафҳои ахлоқӣ замоне, ки ваҳдат бо абадият амалӣ мегардад, вуҷуд надорад. Дар ин ҳолат онҳо аз рӯи зарурат дар воқеъият амалӣ мешаванд. Барои муроҷиат, бозгашт ба Абадият, «бозгашт ба решаҳо» зарурат дорад. Дар ин замина таълимоти Лао-цзи дар бораи «ғайри амал» (ву-вэй) ба вуҷуд меояд. Ахлоқ қаноатмандиро аз тақдири худ, рад намудани шавқу рағбатҳоро ҳамчун асоси назми ҷаҳонӣ талаб мекунад. Ин ахлоқи муносибати таҳаммулпазирона ба бадӣ ва даст кашидан аз орзӯҳост, ки асоси наҷоти диниро ташкил медиҳад.

Ирфони Лао-тзи бо даосизм, ки амалияи сеҳру ҷоду – дуъоҳо, маросим, пешгӯиҳо, оини сохтани иксири ҳаётро, ки тавассути он метавон намирандагиро ба даст овард, ба ҷои аввал мегузорад, хеле кам умумият дорад.

**Конфутсигарӣ ва даосизм.** Конфусийгарӣ ва даосизм танҳо дар шарқи Осиё ва қабл аз ҳама дар Чин интишор ёфтаанд. Муайян намудани теъдоди аниқи пайравони он ниҳоят мушкил аст. Тибқи маълумоти тахминӣ, шумораи пайравони конфусийчигӣ – зиёда аз 300 млн. нафар ва даосизм зиёда аз 50 млн. мебошад.

Муассиси дини конфусгарӣ мутафаккири Чини қадим Кун-цзы (Конфусий) мебошад, ки дар асрҳои VI-V то м. зиндагӣ кардааст. Дар оғоз таълимоти Конфусий на ба сифати дин, балки ба сифати системаи фалсафӣ-ахлоқӣ эътироф шуда буд. Бо такя ба анъанаи халқҳои чинӣ ва танқиди шадиди вазъияти

замони худ Конфуций идеали инсони комилро пешниҳод намудааст, ки дорои ду хислати ниҳоят муҳим – инсондӯстӣ ва эҳсоси масъулият буд. Мафҳуми «инсондӯстӣ» дар шакли ниҳоят васеъ шарҳу тафсил шуда, бисёр сифатҳоро дар бар мегирифт: хоксорӣ, адолат, таҳаммулпазирӣ, беғаразӣ, муҳаббат ба мардум ва ғ. Зери мафҳуми «эҳсоси қарз» сайю талош барои илмомӯзӣ, масъулияти таҳсил кардан ва азхуд кардани ҳикмати ниёгон фаҳмида мешавад. Инсони комил нисбати тановули ғизо, сарватмандӣ, рафоҳият ва манфиатҳои моддӣ бепарво буд. Тамоми ҳастии худро дар хидмати идеалҳои олӣ, мардум ва ҷустуҷӯи ҳақиқат сарф мекард.

Конфуций асосҳои тартиботи ҷамъиятиро пешниҳод намуда, мехост татбиқи амалии онро дар ҷомеаи Чин бубинад. Ин ҷомеа, ба андешави ӯ, бояд аз ду категорияи асосӣ иборат мебуд – онҳое, ки мебоист идора кунанд (идоракунандаҳо) ва онҳое, ки мебоист итоат (тобеъон) мекарданд. Ба андешаи ӯ, меъёри чунин табақабандиро ба табақаҳои боло ва паст набояд асли баромади иҷтимоӣ ва сарватмандӣ, балки дониш ва хайроти шахс ташкил намоянд. Ҳадафи олӣ ва ниҳоии идоракуниро Конфутсий манфиатҳои халқ эълон намуда буд.

Яке аз муҳимтарин асосҳои тартиботи ҷамъиятӣ, ба андешаи Конфутсий, итоати бечуну чарои калонсолон ташкил медод. Ҳар бузургсол ҳар касе набошад – падар, хизматчии давлатӣ, подшоҳ ва ғ. – барои тобеъон шахсияти бонуфузест нисбати хурдсолон. Итоат кардан ба иродаи ӯ, каломи ӯ ва хоҳиши ӯ – ин оддитарин меъёри хурдсолон ва тобеъон аст, чӣ дар доираи ҳокимият ва чӣ дар доираи клан, корпорация ва ё оила. Аз ин рӯ, тасодуф набуд, ки Конфутсий ба забон овардани чунин андешаро дӯст медошт: ҳокимият оилаи бузург ва оила ҳокимияти хурд мебошад. Оила ҷавҳари ҳокимиятро ташкил медиҳад ва манфиатҳои оила аз манфиатҳои шахсияти алоҳида болотаранд. Дини Конфуций

дар муносибатҳои байниякдигарии Чин ва Осмон ва аз номи Осмон бо қабилаҳо ва халқҳои мухталифи ҷаҳон нақши муҳим мебозид. Парастиши ҳоким, император, «писари Худо», ки аз номи Осмон Чинро идора мекард, мақоми баланд дошт. Бо гузашти айём парастиши Давлати мобайнии Чин, ки ба сифати маркази Олам, нуқтаи олитарини тамаддуни ҷаҳонӣ, ҳикмат, дониш ва амалигардонии иродаи муқаддаси Осмон низ ташаккул ёфтааст.

Оё метавон конфутсичигиро дин номид? Дар шароити мушаххаси империяи Чин конфутсичигӣ нақши дини асосӣ ва вазифаҳои идеологияи расмии давлатиро иҷро мекард.

Ахлоқи иҷтимоие, ки бо таваҷҷуҳи махсуси он ҷиҳати дарёфти  камолоти ахлоқӣ дар доираи меъёрҳои қадима ба сафи аввал бароварда шуда буд, моҳиятан ҳамарзиши ҳамон дине буд, ки асоси дигар динҳоро ташкил медод. Дар Чин мабдаи оқилона ҳанӯз дар замонҳои қадим эҳсосот ва ирфонро танг карда бароварда буд ва худои олӣ накӯкории қатъии Осмон ва нақши пайғамбарро на муассиси таълимоти динӣ (бигзор Исо, Мӯсо, Муҳаммад ва ё Буддо), балки ҳаким Конфутсий иҷро мекард. Дар тӯли зиёда аз дуюним ҳазор соли мавҷудият конфусчигӣ ақлу зеҳн ва эҳсосоти чиниёнро ташаккул дода, ба эътиқоду диндорӣ, рафтору тафаккур, сухану тарзи зиндагӣ ва маишатии одамон таъсири бузург гузоштааст. Дар ин нисбат конфусчигӣ аз ягон дини ҷаҳонӣ паст наомада, дар баъзе ҳолатҳо аз онҳо болотар аст.

Бояд таъкид кард, ки барои конфутсичигӣ ҳамчун дин анъанаи коҳинон тамоман бегона буда, расму маросими онҳоро ҳамеша хизматчиёни давлатӣ ва сарварони оилаҳо иҷро мекарданд. Парастиши арвоҳи гузашта ва имон ба арвоҳ дар конфусчигӣ макони бузург дорад. Дар бораи ҳар як ҳодисаи бузурги оилавӣ – тӯйи арӯсӣ, марг ва ғ. мебоист ба арвоҳи аҷдодони гузашта хабар дода, аз онҳо иҷоза ва дуъо

мегирифт. Барои арвоҳи аҷдодон бояд қурбониҳои бе хун дар шакли ғизоҳои тайёр овард ва ё пул сарф кард. Чиниён бо мурури замон ин расмро бо тасвирҳо иваз намуданд. Ҳатто тоҷироне низ пайдо шуданд, ки бо пулҳои коғазӣ ва расми ғизоҳоро низ барои қурбонӣ ба савдо мебаровварданд. Ҳар як чинӣ аз хавфи бенасл мондан дар ҳарос буд, зеро дар ин ҳолат касе набуд, ки дар бораи ӯ ғамхорӣ кунад. Баъзан чиниёни бенасл қурбониҳои дастаҷамъона анҷом медоданд.

Дар конфутсичигӣ риояи аниқи муқаррароту тартиботи пешгузаштагон чизи муҳимтарин ба ҳисоб мерафт. Маросим барои чиниён ҳамчун воситаи ба тартиб овардани ҳаёт хизмат мекард. Худи Конфутсий новобаста аз он ки ба ибодатгоҳ мерафт, 300 расм ва 3000 қоидаи ахлоқиро аниқ риоя намуда, риояи қатъии онҳоро аз дигарон низ талаб мекард. Аммо баҳсу мунозира намудан дар бораи масъалаҳои илоҳиётшиносиро ӯ кори беҳуда меҳисобид.

Конфутсичигӣ бо мурури замон ба системаи марказӣ ва расмии динӣ-фалсафии Чин табдил ёфта, дар тули таърихи чандинасраи худ табиати халқи Чин, тарзи зиндагӣ, фарҳангу шакли давлатдории чиниро муайян кард. Таълимоти Конфутсий дар асри II мелодӣ шакли таълимоти расмиро гирифта, дар ин шакл ба сифати идеологияи пешрави «Империяи зериосмонӣ» зуҳур кардааст.

**Сино БАРОТЗОДА**
*донишҷӯи курси дуюми ихтисоси Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт)-и факултети Баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии ДМТ*

## ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА НИЁЗҲОИ ИҶТИМОӢ

Рушди иқтисоди миллӣ ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ яке аз ҳадафҳои аввалиндараҷаи ҳар як давлат мебошад. Ин аст, ки ҳар як ҳукумати мардумӣ кӯшиш мекунад, ки давлати худро ба пайраҳаи рушди устувору баландсуръат ворид намуда, тадриҷан сатҳи зиндагии аҳолиро боло барад. Дар ин раванди болоравии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ниёзҳои иҷтимоӣ низ босуръат бештар мегарданд ва ҳукумат водор мешавад, ки ташаббусу ибтикороти навро пайваста рӯйи даст гирад, то фаъолияти худро бо талаботи замон мувофиқ намуда, ӯҳдадориҳояшро дар назди халқ ба пуррагӣ иҷро намояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ҷумлаи ҳукуматҳои мардумиест, ки ҳамеша кӯшиш намуда ва менамояд, ки бо таъмини рушди устувору баландсуръати мамлакат зиндагии халқро беҳтар намуда, вазифаву ӯҳдадориҳои хешро сарбаландона иҷро намояд. Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон шудани солҳои 2025-2030 ҳамчун «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» яке аз амалкардҳои муҳиму саривақтии Ҳукумати кишвар дар ростои нигаҳ доштани рушди босуръати иқтисодӣ ва дар заминаи он таъмини зиндагии шоистатар барои мардум маҳсуб меёбад.

Иқтисоди рақамӣ фаъолиятҳои иқтисодиеро дар бар мегирад, ки дар онҳо пайванди афрод, касбукорҳо, дастгоҳҳо, додаҳо ва амалиёт аз тариқи фановариҳои рақамӣ сурат мегирад. Он иртиботу муомилоти онлайниеро дар бар мегирад, ки дар бахшҳои гуногун бо истифода аз фановариҳое ба монанди интернет, технологияҳои мобилӣ, додаҳои бузург ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба анҷом расонида мешаванд. Ба ибораи дигар иқтисоди рақамӣ ба шабакаи васеи фаъолият ва муомилоти иқтисодие ишора дорад, ки тавассути интернет ва фановариҳои рақамӣ сурат мегиранд. Ин шакли фаъолияти иқтисодӣ дар асри иттилоотӣ ба як ҷузъи ҷудонопазири фаъолияти корхонаву ташкилотҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ мубаддал гаштааст. Ширкатҳо ё пурра ва ё қисман фаъолияти худро тариқи интернет ва фановариҳои рақамӣ ба роҳ монда, дар шароити рақобатноки бозор рушду пешрафти худро таъмин мекунанд. Маълум аст, ки рушду пешрафти корхонаву ширкатҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ дар як кишвар появу асоси рушди иқтисодии давлат дар маҷмуъ мебошад. Ин аст, ки ҳукуматҳои илммеҳваре ба монанди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин масъала саривақт таваҷҷуҳ намуда, кӯшиш мекунанд роҳро барои рушди иқтисоди рақамӣ ҳамвор созанд. Дар ҳамин асос Сарвари давлат дар паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат таъкид намуданд, ки "Тоҷикистон дар ҷодаи гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ҷиҳати таъмин намудани шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявӣ қадамҳои устувор гузошта истодааст". Барои боз ҳам ҳамвортару мувофиқтар намудани шароит барои рушди иқтисоди рақамӣ ва дар заминаи он нигаҳ доштани суръати баланди рушди иқтисоди миллӣ, таъкид намуданд, ки дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад:

Якум. Такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Дуюм. То шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.

Сеюм. Рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

Чорум. Рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Панҷум. Истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

Шашум. Андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.

Ҳафтум. Ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ.

Дар воқеъ, инҳо самтҳое ҳастанд, ки бе таваҷҷуҳи кофӣ намудан ба онҳо рушди иқтисоди рақамӣ дар як кишвар имкон надорад. Ин далели он аст, ки Раҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз мафҳуму моҳият ва шарту шароити лозима барои рушди иқтисоди рақамӣ огоҳии комил доранд ва дар фароҳам овардани фазои мусоид барои пешравӣ дар ин соҳа комилан ҷиддӣ мебошанд.

Дар ҳақиқат, барои роҳандозии як самти нисбатан нав дар иқтисод бояд заминаҳои ҳуқуқии он такмил дода шаванд. Чунки бе мувофиқ намудани қонуну қоидаҳои фаъолияти иқтисодӣ бо воқеиятҳои нав дар ҷаҳон ва истифодаи васеи технологияҳои нав наметавон ба рушди босуръати иқтисоди рақамӣ даст ёфт. Бинобар ин, ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил додани заминаҳои ҳуқуқии гузариш ба иқтисоди рақамиро ҳадафи аввалиндараҷаи худ қарор додааст.

Инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ ва баланд бардоштани суръати интернету қудрати ҳисоббарории сахтафзорҳо дар раванди гузариш ба иқтисоди рақамӣ нақши калидӣ доранд. Ин аст, ки кор дар самти гузариш ба шабакаҳои панҷ-ҷӣ (5G) ҳамчун ҳадафи дигари масъулони соҳа шинохта шудааст. Илова бар ин, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот ва рушди марказҳои коркарди маълумот метавонад барои онҳое, ки дар фаъолияти иқтисодии худ аз имконоти иқтисоди рақамӣ истифода мебаранд, хеле муфид бошанд.

Мусаллам аст, ки ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ҳар як сармоягузор, соҳибкор, тоҷир ва корманди кироя ҳатман уҳдадориҳои худро дар назди давлат иҷро бояд кунад. Гирифтани иҷозатномаҳо, пардохтани андозҳои бевосита, ҷамъоварӣ кардани андозҳои бавосита аз истеъмолкунандагон ва расонидани онҳо ба давлат, гирифтани аксизҳо, пардохтани боҷҳо ва дигар амалиётҳо муомилаву муколама бо масъулони давлатӣ буда, вақти зиёдро талаб мекунад. Рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ дар ин ҷода вақти шаҳрвандон ва масъулони давлатиро хеле зиёд сарфа намуда, фазои сармоягузориву соҳибкориро ҳам дар иқтисоди суннатӣ ва ҳам дар самти иқтисодӣ рақамӣ хубу мусоид менамояд. Ин аст, ки ҳукумати мамлакат рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатиро ба самтҳои асосии фаъолияти худ дар панҷ соли оянда ворид намудааст ва ҳадаф гузошта шудаанд, ки дар ин самт корҳои лозимаро саривақт ба анҷом расонанд.

Дар раванди ҷорӣ намудани технологияҳои нав ҳамеша ба кадрҳои баландихтисос ниёзи бештар пайдо мегардад. Ин аст, ки рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи

кишвар ба самтҳои асосии дар боло овардашуда ворид гаштааст. Воқеан ҳам бе баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ дар миёни аҳолии қобили меҳнат наметавон аз имкониятҳои фановариҳои нав истифодаи пурра намуд. Аз ин рӯ, ин ҳадафи ҳукумати кишвар барои панҷ соли оянда низ комилан асоснок буда, қобили дастгирии ҳамаҷонибаи коршиносону олимон қарор гирифтааст.

Дар ду даҳсолаи охир фаъолиятҳои зиёди иқтисодӣ дар фазои маҷозӣ роҳандозӣ шудаанд. Махсусан, соҳибкории рақамӣ ва тиҷорати электронӣ пешрафти зиёд намуда, ба ширкатҳои алоҳида имконият фароҳам овард, ки тиҷорати худро ба  маротиб васеъ намуда, ҳам барои худ ба ҳам барои давлат даромади бештар оваранд. Дар Тоҷикистон низ чунин самти фаъолияти иқтисодӣ аллакай роҳандозӣ шудааст ва ширкатҳои зиёде қисме аз фаъолияти худро тариқи фановариҳои рақамӣ ҳамарӯза иҷро карда истодаанд. Аммо дар ин самт на ҳама имкониятҳо то имрӯз истифода шуда истодаанд. Ин аст, ки ҳукумати мамлакат дар панҷ соли оянда нақша дорад соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электрониро ташаккул дода, дар заминаи он рушди иқтисоди ватанро таъмин намуда, сатҳи зиндагии мардумро боз ҳам болотар бардорад.

Ҳамин тариқ, мардум ва давлати Тоҷикистон бо дарки дурусти набзи ҷаҳони муосир рӯ ба истифодаи технологияҳои навтарини ҷаҳонӣ оварда, талош меварзанд бо истифода аз онҳо иқтисоди миллиро боло бурда, дар заминаи он қудрати давлатро зиёдтар ва сатҳу сифати зиндагии мардумро болотар баранд. Маълум аст, ки бо баланд шудани даромади мардум қудрати истеъмолии онҳо зиёд мегардад ва талаботу ниёзҳои иҷтимоӣ низ афзун мегарданд. Аммо андешидани чораҳои саривақтӣ аз ҷониби давлат ва таъмини шароити беҳтар барои

фаъолиятҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасонӣ ба соҳибкорону сармоягузорон имконият медиҳад, ки мувофиқ ба он талаботу ниёзҳои мардум сармоягузориву истеҳсолотро ба роҳ монда, ҳам эътидоли бозорро нигаҳ доранд ва ҳам даромади бештар барои буҷаи давлат ба даст оваранд.

Хулоса, рушди технологияҳои рақамӣ имкониятҳои фаровонеро барои ҷомеаи ҷаҳонӣ фароҳам овардааст. Миллатҳои мутамаддин дар фазои сулҳу оромӣ зиндагӣ карда, кӯшиш карда истодаанд, ки аз ин имконон ба пуррагӣ истифода намоянд. Давлату мардуми тоҷик низ то имрӯз дар фазои сулҳу оромӣ аз имкониятҳои мазкур то дараҷае истифода карда истодааст. Аммо ин сатҳи истифодабарӣ Ҳукумати мардумии моро қонеъ намекунад. Ин аст, ки рушду пешрафти бештари иқтисоди рақамиро мавриди таваҷҷуҳи қарор дода, бо муайян намудани самтҳои аввалиндараҷа ҳадаф гузоштааст ки дар панҷ соли оянда густариши васеи иқтисоди рақамиро таъмин намояд. Дар воқеъ, гузариш ба рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ шаффофияти муносибатҳои иқтисодиву молиявиро таъмин намуда, ба рушди иқтисоди рақамӣ ва пешрафти иқтисоди миллӣ дар маҷмуъ такони ҷиддӣ медиҳад. Боварӣ дорем, ки бо дастгирии бевоситаи мардуми шарифи Тоҷикистон ҳукумати кишвар метавонад ҳамаи ҳадафҳои худро дар доираи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» (2025-2030) амалӣ намуда, ба рушду густариши иқтисоди рақамӣ даст меёбад ва дар заминаи он давлати моро ба зинаҳои боз ҳам баландтари тараққиёт мерасонад.

# ОЗОДАНДЕШӢ ВА МАЙДОНИ ХУДСОЗИЮ ҲУВИЯТМАДОРӢ

**Нозим НУРЗОДА**
*мудири Шуъбаи таҳқиқоти стратегии назди Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

## ҲАКИМИ РОЗӢ ВА РИСОЛАТИ ФАЙЛАСУФӢ

Дар бораи Закариёи Розӣ ва орову андешаи ӯ ҳар қадар ки гӯему нависем ва пахшу нашр намоем, кам аст. Чаро ки ин симои истисноии фалсафа, илм, тиб ва фарҳанги миллию ҷаҳонӣ, ки дар муҳитҳои илмию академии Ғарб ҳам кайҳо бо унвони Разес ошно будааст, ҳамеша ва бахусус, дар шароити феълии бархурдҳои тамаддунӣ, ташаннуҷи беҳувиятию хирадситезӣ, болоравии низоъу кашмакашҳои ақидатӣ ва вусъати чашмгири саҳнасозиҳои геополитикӣ ба муаррифии шоиставу боиста ниёз дорад. Мардум ва бавежа, насли наврасу ҷавон, аз як тараф ва қишри омӯзгорию зиёии ватанӣ, аз тарафи дигар, бояд ин чеҳраи бузургу матраҳи илму фалсафаи миллию башариро дуруст донанд, аз осораш баҳраманд гарданд, бо мавқеъгириҳои илмию ихтисосиаш дар заминаи масоили гуногуни илмию фаннию техникию фарҳангию фалсафию иҷтимоию ақидатию маданӣ ошно шаванд, аз мушаххасоти фикрию эҷодию ихтисосии ӯ, назири тарзи баёни фардӣ; ҷасорати махсуси фикрӣ; ҷиҳатгирии илмӣ; сабки таҳлилу баррасӣ; решашиносии мушкилоти ақидатию иҷтимоӣ ва шеваи бархурд бо масоили гуногуни замонӣ огоҳӣ

пайдо намоянд. Танҳо дар ин сурат мо метавонем, иддао кунем, ки Ҳакими Розӣ файласуфи миллист ва бо ин исм бояд ифтихор намоему аз тариқи барномарезиҳои ҳадафнок сатҳи тафаккури мантиқӣ ва шуури миллии наслҳои наврасу ҷавони ҷомеаи тоҷикро боло бубарем.

Бояд тазаккур дод, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти марбутаи давлатӣ ҳанӯз 12 соли пеш, дақиқтараш, соли 2013 масъалаи таҷлили 1150-солагии Абубакри Розиро нақшабандӣ намуда, дар ин замина ибтикороти ҷиддие рӯйи даст гирифта буд. Бар асоси ибтикороти Ҳуқумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои марбутаи давлатӣ, минҷумла Вазорати вақти маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соири мақомоти дахлдор нақша-чорабиниҳоро дар заминаи таҷлили 1150-солагии Абубакри Розӣ таҳия намуданд. Дар ин асос, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ низ маҳофили илмӣ баргузор гардид. Ҳамчунин, бар мабнои қарори Сессияи 38-уми конференсияи генералии ЮНЕСКО аз 2 ноябри соли 2015 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷашни 1150-солагии Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар чаҳорчӯбаи рӯзҳои тақвимии ЮНЕСКО дар солҳои 2016-2017 18 октябри соли 2016 дар толори Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳозира Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) бо ибтикори Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов Ҳамоиши байналмилалӣ таҳти унвони "Нақши Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар илм ва фарҳанги ҷаҳонӣ" баргузор шуда, дар он чеҳраҳои матраҳи академӣ бо шумули академик Мусо Диноршоев (равонаш шод бод), академик Кароматулло Олимов ширкат ва суханронӣ карданд (10). Дар ин миён, файласуфи муосири тоҷик, шодравон Мусо Диноршоев ба забони русӣ монографияи муфассале таҳти унвони "Плюралистическая философия Абу

Бакра ар-Рази" (2013) ба табъ расонда, дар он роҷеъ ба шахсият, андеша, оро ва афкори ин файласуфи бузурги асримиёнагии форсу тоҷик иттилооти нофеъ ироа доштааст (2). Ҳамчунин, дар фазои илмии ватанӣ дар робита бо афкору орои Закариёи Розӣ таҳқиқоти арзишманде анҷом гирифта (6), мақолоту мутолиботи назаррасе ҳам дар заминаи омузишу таҳқиқи фалсафа ва дидгоҳҳои Закариёи Розӣ нашр гардидаанд (2, 3 ,4 ,5, 7, 11, 12). Дар Ирон ҷиддитарин таҳқиқот дар заминаи зиндагинома ва меросу андешаи Абубакри Розӣ ҳамоно таълифи устоди Донишгоҳи Теҳрон, доктор Меҳдии Муҳаққиқ бо номи "Файласуфи Рай" аст (8), инчунин мақолаи хуби Ҳушанг Муинзода таҳти унвони "Розӣ – ситораи дурахшони осмони фарҳангу тамаддуни башарӣ" (9) низ дар шинохти шахсияти файласуф ва дидгоҳи ӯ ба унвони мадраки ҷолибу муассири илмӣ ба ҳаводорону ихлосмандони фалсафаи миллию ҷаҳонӣ кумак мекунад. Бар илова, мақолаи муфассали ду тан аз донишмандони иронӣ -- Сурайё Мансурӣ ва Аббосалӣ Мансурӣ таҳти унвони "Муҳаммад бинни Закариё Розӣ файласуфи дигарандеш ё табиби файласуфнамо" дар таҳқиқи масъала ба мо мусоидат намуд (13). Ҳангоми таълифи матлаб мо бештар ба манобеи болоӣ таваҷҷуҳ намудем.

Аммо Ҳакими Розӣ -- Абубакр Закариёи Розӣ (865-925) ба сифати симои номдору бузургтарини илму фалсафаи миллию ҷаҳонӣ дар қаламрави кишвари мо ҳанӯз ба муаррифии ҷиддии илмию амалӣ ва маданӣ ниёз дорад. То имрӯз, аксаран дар бораи иқдомоти Закариёи Розӣ дар улуми кимиё, тиб, пизишкӣ, гиёҳдармонӣ, риёзӣ, заминшиносӣ ва амсоли инҳо огоҳӣ дорему халос. Ҳол он ки Закариёи Розӣ ба ҷуз иқдомоти ҷиддие дар заминаи улуми табиатшиносию риёзӣ, дар фалсафа ва андешаи фалсафӣ низ талошҳои қобили таҳсин анҷом додааст. Мероси Абубакр Закариёи Розӣ, махсусан дар

бозкушоии мушкилоти фикрӣ, боло бурдани сатҳи огоҳиҳои иҷтимоию маърифатӣ, тақвияти руҳи интиқодгарӣ, таҳкими ҷараёни озодандешӣ, шеваи арзёбиҳои фалсафӣ, нақду бознигарии мантиқӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ дар ҷомеа аз ҳар ҷиҳат мусоиданд.

Барои рӯшан шудани матлаб дар қадами аввал, аз зиндагиномаи Абубакр Закариёи Розӣ ба таври мухтасар ёд мекунем. Ба қавли муҳаққиқон, номи ӯ Муҳаммад, номи падараш Закариё, номи бобояш Яҳё, кунияаш (куния -- лақаби эҳтиромии одамон ба расми арабҳо, ки дар қолиби "аб", "абу", "абӣ", "ибн", "ум" ва ё "бинт", мисли Абӯ Алӣ, Умми Гулсум, Ибни Сино ва амсоли инҳо зуҳур мекунад – 18) Абубакр ва нисбаташ ба зодгоҳи худ Рай "Розӣ" аст. Ба Розӣ, бо таваҷҷуҳ ба бузургии шахсиятӣ, нубуғи касбӣ ва тавоноиҳои эҷодӣ унвонҳое назири "Ҷолинуси араб", "Файласуфи араб", "Табиби мористонӣ (мористон-бемористон, касалхона-Н.Н.), "Табиби мусулмонон", "аллома дар улуми авоил", "Ҳакими Розӣ", "Файласуфи Рай" додаанд. Ононе, ки осори Ҳакими Розиро ба забони лотинӣ тарҷума кардаанд, бештар ӯро ба шакли "Rhazes", баъзе маворид дар қолиби содаи "Razi" ва "Abubater" ишора намудаанд (8, 3-4).

Ҳакими Розӣ дар моҳи шаъбони соли 251 ҳиҷрӣ мутобиқ ба соли 865 мелодӣ дар Рай ба дунё омадааст. Рай, ки имрӯз аз он қариб ки ному нишоне намондааст, дар он рӯзгор аз ҷумлаи шаҳрҳои номдори минтақа ба шумор рафта, бузургони зиёдеро ба таърих ҳадя намудааст. Аз замони наврасию ҷавонии Розӣ дар ин шаҳр иттилооти зиёде ҷуз таъкидоти андаки мутарҷимони осори ӯ чизе дар даст нест. Мегӯянд, ки дар ибтидо заргарӣ мекардааст, баъдан ба умури саррофӣ (заршиносӣ) пардохта, дар заминаи илми кимиё таҷриботе андӯхтааст. Аммо дар натиҷаи таҷрибоbooту таҳқиқоти кимиёӣ ва кимиёгарӣ чашмаш осеб бармедорад ва ба куҳҳол

(чашмпизишк) муроҷиат карда, 500 динор харҷи табиб дода, аз ин боис ба илми тиб рӯ меоварад (8,5). Донишмандони дигар таваллуди Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розиро дақиқтар дар **28 августи соли 865** дар шаҳри Райи Ирон гузориш дода, (7,32) вафоташро **26 октябри соли 925** дар шаҳри Рай дақиқ кардаанд (7,38).

Тибқи тазаккуроти муҳаққиқон, аз ҷумла Меҳдии Муҳаққиқ, Ҳакими Розӣ дар чиҳилсолагӣ ба омӯзиши китобҳои пизишкӣ ва фалсафӣ пардохта, қисмати зиёди умр ва зиндагиашро ба мутолеаву мурури кутуб ва навиштан сарф кардааст (8,6). Яъне, дуруст он замоне ки ба лиҳози синнию фикрӣ ба як мақому ҷойгоҳе расидааст, ба омӯзиши улуми тиббию фалсафӣ таваҷҷуҳ фармудааст. Ин маънои онро дорад, ки Закариёи Розӣ дар ибтидо хуб мулоҳиза фармуда, сониян, ба дарку фаҳми масоил расида, дар ҷустуҷӯйи ҳақоиқи табиату ҳастию инсон шуда, ковишҳояшро бар мабнои ҷаҳоншиносии фалсафӣ ва таҷриботи тиббӣ-пизишкӣ таҳаққуқ бахшидааст. Муҳимтар аз ҳама, Розӣ аз нодиртарин мутафаккиронест, ки аз улуми таҷрибӣ ба фалсафӣ гузашта, назариёти фалсафии хешро аз тариқи улуми кимиё, пизишкӣ, тиббӣ ва табиатшиносӣ собит кардааст. Бо таваҷҷуҳ ба сатҳи фарогирии донишу иттилоот ва табаҳҳури ӯ дар улуми замонӣ, ӯро минҳайси бузургтарин файласуф ва донишманди асримиёнагии башарӣ донистаанд (9, 2).

Бад-ин тартиб, Ҳакими Розӣ ба Бағдод, ки он замон маркази тамаддуну фарҳанги исломӣ маҳсуб мешуд, меравад ва дар бемористонҳои шаҳр ба табобати беморон ва муолиҷаю муоинаи онҳо пардохта, донишу таҷриботашро дар заминаи улуми пизишкӣ тақвият медиҳад. Дар илми пизишкӣ ва маҳорати табобатӣончунон муваффақ мегардад, ки ба мақоми раҳбарии бемористонҳои Бағдод пазируфта мешавад. Ӯро амирону ҳокимони дарбор ба ҳамкорӣ даъват карда, бобати

муолиҷа зиёд муроҷиат намудаанд. Мутарҷимону муҳаққиқон бар онанд, ки Розӣ охируламр ба зодгоҳаш Рай бармегардад ва бар асари бемории чашм онҷо вафот мекунад. Тибқи ахбори сарчашмаҳо ва манобеи зарурӣ, дар охири кор шогирдаш барои муолиҷаи ӯ ба Рай меояд, вале Розӣ ба ӯ таъкид мекунад, ки умраш ба поён расида, раво нест, ки ба муолиҷа бипардозад. Ҳамин тариқ, шаъбони соли 313 ҳиҷрӣ (925 мелодӣ) Розӣ дар синни 60-солагӣ аз дунё чашм мепӯшад (8,7).

Донишманди иронӣ Меҳдии Муҳаққиқ аз устодони Закариёи Розӣ ба унвони Абулҳасан Алӣ ибни Саҳл Раббани Табарӣ (838-870-устоди Розӣ дар пизишкӣ), Абузайди Балхӣ ва Абулаббоси Эроншаҳрӣ (устодони Розӣ дар улуми фалсафӣ) ёд карда, бо такя ба баъзе сарчашмаҳои муътамади асримиёнагӣ дар мавриди устоди Розӣ будани шахсиятҳои болозикр шакку гумонҳоеро ба миён мегузорад. Аммо тамаркузи Меҳдии Муҳаққиқ бештар сари назарот ва мавқеъгириҳои илмии Абузайди Балхӣ (850-934) ва Абулаббоси Эроншаҳрӣ (асри 9), ки устодони Розӣ дар улуми фалсафӣ будаанд, тамаркуз намуда, бар он ишора мефармояд, ки ин ду нафари фалсафӣ дар мабоҳиси ҷиддии фалсафӣ ва мавриди шакку тардид қарор додани хушкандешиҳои замонӣ хеле фаъол буда, ба тафаккури Розӣ таъсир доштаанд. Махсусан, мавқеъгирӣ ва ҷадалиёти Эроншаҳрӣ, ки бо номи Ҳаким Эроншаҳрӣ низ маъруф будааст, дар нақди афкори мазҳабии замонӣ рӯйи зеҳниёти Абубакри Розӣ асар гузоштаанд (8,11-19).

Осори Закариёи Розиро муҳаққиқон, аз ҷумла Абурайҳони Берунӣ **184 муҷаллад**, Ибни Абӣ Усайбия **238 адад** ва устоди Донишгоҳи Теҳрон доктор Маҳмуди Наҷмободӣ **271 адад** баршумурдаанд. Абурайҳони Берунӣ бар мабнои мавзуъ ва мазомини ихтисосӣ, осори Розиро бад-ин тартиб тақсимбандӣ кардааст: **56 китоб** дар тиб, **33 китоб** дар табииёт, **7 китоб** дар

мантиқ, **10 китоб** дар риёзиёту нуҷум, **7 китоб** дар тафсиру талхису ихтисори кутуби фалсафӣ ё тиббии дигарон, **17 китоб** дар улуми фалсафӣ ва тахминӣ, **6 китоб** дар мофавқуттабиа, **14 китоб** дар илоҳиёт, **22 китоб** дар кимиё, **2 китоб** дар куфриёт, **10 китоб** дар фунуни мухталифа (8,54-55).

Муҳаққиқон дар илми тиб ва пизишкӣ мутабаҳҳир будани Розиро ишора намудаанд. Мавсуф дар илми тиб ба дараҷае боло рафтааст, ки нуфузу эътибораш на танҳо дар Шарқ, балки дар Ғарб ҳам қобили мулоҳиза будааст. Дар Ғарб ва муассисоти тиббии ғарбӣ аз рӯйи таълифоти беназири Розӣ то асри 17 таълим дода мешудааст, то ҷое ки дар ҷаҳони илмии ғарбӣ ба унвони Разес ва Абу Батер машҳур будааст (7,40). Дар баробари Ибни Сино, дар тибби назариявию амалӣ бузургтарин чеҳраи дигар Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ буд, ки ба унвони шуҷоътарин ташхисгар ва ҷарроҳи замон муаррифӣ гардидааст (14,50). Аз ин гузашта, Розӣ ба унвони поягузори илми шимӣ (кимиё)-и навин муаррифӣ шуда, пизишкиро ба ҳадди камол расонида, дар фалсафа тарҳҳои навине ҷо додааст (9).

Закариёи Розӣ дар боби тиб зиёда аз 60 асар таълиф кардааст, ки муҳимтарини онҳо “Китобу-л-ҳовӣ” ва “Китобу-т-тибб-ил-мансурӣ” (иборат аз 10 ҷилд) буда, тамоми илмҳои тиббии асри Закариёи Розиро фаро гирифта, осори мазкур дар рушди минбаъдаи илми пизишкию дармонгарии кишварҳои Шарқи мусулмонӣ таъсири калон расонидаанд. Ин асарҳо дар асри XII ба забони лотинӣ тарҷума шуда, тайи чандин аср барои табибони Ғарб минҳайси дастур-раҳнамои аввалияи ихтисосӣ хидмат кардаанд. Аз ин гузашта, Закариёи Розӣ дар асарҳояш “Ат-тиб-ул-мулукӣ” ва “Тиббу-л-фуқаро” масъалаи дармонгарии фардиро матраҳ карда, роҳҳои раҳоӣ аз бемориҳоро мушаххас намудааст. Мавсуф дар “Тиббу-л-фуқаро”, ки барои авом навишта шудааст, бемориҳои

мутадовил, роҳ ва воситаҳои роҳати дар шароити манзилӣ (хонагӣ) пешгирӣ ва табобат кардани онҳоро нишон додааст. Меҳдии Муҳаққиқ дар бахши кутуби фалсафия ва тахминия аз таълифоти Розӣ муфассал ёдовар мешавад (8,102-117).

Чун масъалаи мавриди назари мо шахсияти илмӣ ва мавқеияти фалсафии Розист, ногузир ба мавзуи асосӣ мепардозем. Дар таълифоти Меҳдии Муҳаққиқ сари китоби "Сирати фалсафӣ"-и Розӣ, ки аз ҷумлаи таълифоти арзишманди файласуф аст, тамаркуз шудааст (8,211-234). Дар ин бахш аз китоб, ки мавриди баҳси мо қарор мегирад, бар он таваҷҷуҳ мешавад, ки Розӣ дар "Тибби руҳонӣ"-и худ ҳам гоҳ-гоҳе аз сабку шева ва равиши зиндагию афкори файласуфон ёд кардааст. Махсусан, дар заминаи равиши фикрӣ ва шеваи зиндагии фалсафии худ китоби ҷудогонае таҳти унвони "Сирати фалсафӣ" эҷод кардааст.

Ҷуръату ҷасорати фалсафии Розӣ ба дараҷае будааст, ки осори файласуфону донишмандони мутақаддиму мутаахирро мавриди нақду баррасӣ қарор дода, мавқеъу назароти инфиродиашро бар мабнои далелу бурҳони мантиқӣ арз доштааст. Махсусан, дар радди андешаҳои хушки асримиёнагӣ ва умуман, афкори зидду нақизи замонӣ сахткӯш буда, дар садри ҷараёни инқилоби фикрӣ ва ҷадалиёти асримиёнагӣ қарор гирифтааст. Сиёсатшинос ва муҳаққиқи маъруфи амрикоӣ Фредерик Старр аз ҷунбишҳои фалсафии асримиёнагӣ дар Осиёи Марказӣ ёд оварда, бар он таъкид мекунад, ки дар баробари рушди илмҳои нақлию динӣ, улуми ҷададӣ инкишоф ёфта, шахсиятҳои варзидае мисли Ҳивии Балхӣ, Ибни Ровандӣ ва Закариёи Розӣ ба майдони илму ҷадали Осиёимарказӣ ворид гардиданд, ки ба сифати шаккокони ҷадалӣ дар баробари хушкандешии динию мазҳабӣ мардонавор воистода буданд (15,53).

Ба назари муҳаққиқон, нақди адёну мазоҳиб ва шеваи интиқоди фикру ақидаи қадимиёну асримиёнагиён дар робита бо дину мазоҳиб ва хурофапароканиҳои саросарии замонӣ, ки дар қолиби андешаи илҳодӣ дар имтидоди асри севуми ҳиҷрӣ дар қаламрави Шарқи мусулмонӣ русух карда буд, қабл аз ҳама, бо исми Закариёи Розию Ибни Ровандӣ тавъам будааст (16). Муҳаққиқон бо такя ба ду китоби Розӣ – "Нақз-ул-адён" ва "Махориқ-ул-анбиё" андеша ва дидгоҳҳои фалсафии ӯро дар заминаи интиқодоти хурофаҳои адёну мазоҳиби минтақавию башарӣ ироа доштаанд. Бавежа, ҷасорати фикрию эҷодӣ ва фардии Розӣ дар ростои интиқоди хурофаҳои динӣ-мазҳабӣ ва куллан, омӯзаҳои хурофии замонӣ, ки ҷомеаҳоро ба гирудороти ақидатию бархурдҳои ҳамагонӣ мекашониданд, сазовори таҳсину офарин аст. Дар китоби "Фӣ нақз-ил-адён" Розӣ бар он иддао мекунад, ки чун ҳамаи афроди башар мусовианд, пас, паёмбарон наметавонанд бартарияту мазийят бар онҳо дошта бошанд. Муъҷизоти паёмбарон фиреб ва ё аз афсонаҳои пешиниён аст, таолими мазоҳиб хилофи ҳақиқат аст, мазоҳиб, яке аз иллали ҷангҳое аст, ки башарро ба нестӣ мекашад. Бар илова, мазоҳиб душмани тафаккури фалсафӣ ва таҳқиқ ҳастанд (14,133-134). Муҳимтар аз ҳама, дар китоби "Махориқ-ул-фалосифа" Розӣ бар тамомии адёну мазоҳиби башарӣ нақд кардааст ва бар мабнои ақлу мантиқ онҳоро мавриди интиқоди илмию фалсафӣ қарор додааст (17). Ҳарчанд ки дар баробари нақди Розӣ аз адёну мазоҳиб Абуҳотами Розӣ, Носири Хусрав ва амсоли онҳо барин муҳаққиқони исломӣ қад алам карда, изҳороту мавқеъгириҳои файласуфро зери суол бурдаанд, ба ҳеҷ ваҷҳ, натавонистаанд руҳи интиқодгарӣ ва ҷуръатмандиро, ки тавассути Розӣ дар минтақа буруз карда буд, батамом шикананд.

Дар бахши ахирии матолиби “Сирати фалсафӣ” Розӣ худро бо Суқрот – пири фалосифа ва файласуфони қадимӣ муқоиса мекунад ва гуфтугузори пешиниёну мутааххиринро дар заминаи шинохти ин файласуфи Юнонӣ матраҳ месозад. Аз ҷумла, Розӣ дар мавриди Суқрот, ки ба унвони сархати ҳакимони саршиноси Юнонӣ талаққӣ шудааст, изҳори назар карда, мегӯяд, ки дар ибтидои кор Суқрот ба зуҳду гӯшанишнӣ ва дур аз наъамоти дунявӣ ба сар бурда, ҳангоми ба сатҳи камолоти эҷодӣ расидан, ҷисму равони худро дар ҳадди адл (баробарӣ) қарор додааст (8,229-230).

Розӣ дар заминаи таърифи илми фалсафа бар он таъкид меварзад, ки “фалсафа ташаббуҳ ба худованд ба андозаи тавоноии одамӣ аст” ва ин таъриф аз машҳуртарин таъорифи фалсафа аст, ки дар манқулоти юнониён ва ахбори мусулмонон дида мешавад (8,231). Мунтаҳо, Розӣ мекӯшад, ки худро аз ҷиҳати илму амал минҳайси файласуфи воқеӣ муаррифӣ кунад. Бад-ин ҷиҳат, ӯ аз муҳимтарин китобҳои худ дар риштаи фалсафа, тиб, нуҷум ва ҳандаса ёдовар шуда, аз навиштани зиёда аз дусад асару мақолот болида, иддао мекунад, ки илми риёзиро ба андозаи зарурат ва то ҳудуди ниёз аз худ карда, зарур надонистааст, ки аз ин беш худро заҳмат диҳад, мисли ин ки нафаре мавсум ба файласуф ба ҳандаса иштиғол варзида, умри худро табоҳу нобуд сохтааст.

Ӯ рисолаҳое ҳам таҳти унвони “Фи азл мин иштиғол бифузул-ул ҳандаса мин ал-мавсумин билфалсафа” доштааст, ки дар китоби “Сирати фалсафӣ” бад-он ишора кардааст (8,232). Баъзе нуқтаназар ва мавқеъгириҳои Розӣ ба Абурайҳони Берунӣ хуш наомадааст ва ӯ ба нуктагирӣ аз мавқеияти Розӣ дар ростои фузулӣ дар улуми ҳандасӣ пардохта, Файласуфи Райро бар он интиқод кардааст, ки ба маънои вожаи “фузул”, ки зиёдат бар кифоят аст, сарфаҳм нарафтааст. Аммо он чи ки Розӣ ба унвони намуна аз сатҳи

фарогирии донишҳояш дар заминаи улуми риёзию ҳандасӣ ироа намудааст, ҷасорати эҷодӣ ва дидгоҳи илмии ӯро дар қиболи масоили илмии замонӣ ва фарогирии иттилооти илмӣ ба намоиш мегузорад.

Ҷасорати фалсафии Розӣ то ин ҳад будааст, ки ӯ Арасту ва фалсафаи арастуиро мавриди шакку тардиди ҷиддии илмӣ қарор дода, алайҳи фаҳмишҳои маъмулии фалсафию динии замонӣ қиём намудааст. Розӣ на танҳо фалсафаи арастуиро интиқод кард, балки равиши наве дар қиболи он ироа дод. Дар ин маврид Розӣ навиштааст: "Ин усуле, ки барои фикри башар вазъ шудааст ва ҳалли тамоми мушкилоти фикрии башарро бад-онҳо боз бастаед, қатъӣ ва қонеъкунанда нест" (9,1). Илова бар ин, Розӣ минҳайси файласуфи ҷадалӣ (диалектик) усули нақди фалсафӣ, нигариши мантиқӣ ва сабки таҷрибавиро дар таҳлилу арзёбиҳои илмию фаннӣ ҷорӣ карда, асрҳо қабл аз Френсис Бекон (1561-1626) ва Рене Декарт (1696-1650) равиши таҷрибавӣ ва шеваи баррасиҳои мантиқиро бар мабнои хирадбоварӣ пешниҳод намуд.

Ӯ дар китоби машҳури "Тибби руҳонӣ" ба калидвожа ва калидмафҳуми фалсафии "хирад" таваққуф намуда, дар ин замина менависад: "Хирад бузургтарин мавоҳиби Худо ба мост ва ҳеҷ чиз нест, ки дар судрасонӣ ва баҳрабахшӣ бар он сар ояд... Бо хирад бар он чи моро бартар месозад ва зиндагонии моро ширину гуворо мекунад, даст меёбем ва ба хосту орзуи худ мерасем... Хирад аст, ки ба василаи он афъоли ақли худро пеш аз он ки бар ҳавос ошкор шаванд, тасаввур мекунем ва аз ин раҳгузар онҳоро чунон дармеёбем, ки гӯйӣ эҳсосашон кардаем..."(9,5-6). Дар зимн, Розӣ дар таърихи афкори фалсафии ҷаҳонӣ ба унвони бузургтарин симои хирдагаройи башарӣ муаррифӣ шудааст. Беҳуда нест, ки яке аз машҳуртарин муҳаққиқони осори исломӣ Габриэл Фрон Розиро бузургтарин хирадгаройи ҷаҳони то қарни ҳафдаҳум

шумурда, доктор Парвизи Спитамон дар китоби “Ҳакими Розӣ” осори файласуфро “Шоҳнома”-и фалсафии паҳнои Ирон муаррифӣ карда, менависад: “Ҳамон тавр ки Фирдавсӣ ҳамосаҳои миллии Иронро дар “Шоҳнома” эҳё намудааст, афкору андешаҳо ва осори фалсафии Ҳаким Розиро ҳам, ки нашъатгирифта аз фалсафаи хирадгароёнаи Ирони бостон аст, ба ҳақ мебояд “Шоҳнома”-и фалсафии Ирон номида шавад” (9,6).

Розӣ дар поёни рисолаи “Сирати фалсафӣ” бад-он ишора мекунад, ки ҳеҷ гоҳ қадам аз эътидол фаро наниҳодааст ва дар мурочеа ба мухолифонаш мегӯяд, ки фаразан, агар ман дар қисмати амал муқассирам, вале дар қисмати илми ман чӣ метавонед бигӯед ва бо ин байт рисоларо ба поён мебарад: “Ба илми ман рафтор кун, агар дар амал муқассир ҳастам, илми ман туро суд медиҳад ва амали ман туро зиён намерасонад” (8,233). Дар зимн, китоби “Сират-ул-фалсафия”-ро Розӣ маҳз ба хотири дифоъ аз хеш таълиф карда, дар он худро ба сифати файласуф муаррифӣ сохта, шеваи фалсафидани худро аз табиб будан боло донистааст. Ба сухани дигар, Розӣ худро бештар файласуф медонистааст, то пизишку табиб (13,167).

Гузашта аз ин, Розӣ бар мабнои тафаккури интиқодӣ ва дидгоҳи фалсафӣ кулли масоили мавҷудаи замонию макониро мавриди шакку тардиди мантиқӣ қарор додааст. Аз ҷумла, бархурди мантиқӣ-илмӣ ва интиқодии ӯ бо дин, ки он замон ҳарфи аввалро мезад ва чархаи калидии ҳаётӣ ва умури асримиёнагӣ маҳсуб меёфт, файласуфи ҷиддӣ буданашро ба намоиш мегузорад. Розӣ динро аз фалсафа ҷудо медонад ва дар ҷараёни арзёбию баррасиҳои илмию мантиқӣ равиши фалсафиро дунбол менамояд. Аз сӯйи дигар, интиқоди мунсифонаю мудаллалонаи назароти Арасту ва фалсафаи машшоия, ки дар он замон дар садри феҳристи афкори

фалсафӣ қарор дошт, симои фалсафии Розиро бармало мекунад (13,172).

Розӣ минҳайси файласуфи замон бо такя ба равиши илмӣ ва мавқеияти мантиқӣ дар радди андешаву афкори файласуфону мутафаккирону донишмандону мутаддайинони пешину пасин китобҳо навиштааст, аз ҷумла: дар нақзи китоби "Ат-тадбир", нақзи китоби "Фарфуриюс ило ан Абумансурӣ", "Ҷавоба ан интиқоди Абилқосим алайҳ", "Фи эзоҳи ғалат-ул-мунтақид алайҳи фи илм-ил-илоҳӣ", "Фи интиқод ва-т-тазҳир илал аҳл-ил-эътизол", "Ал-ишфоқ алал мутакаллимин", "Нақз ал-китоб-ул-вуҷуд лӣ Мансур бинни Талҳа", "Ар-рад алал Сис ас-санавӣ", "Ар-рад ала Шаҳид фӣ луғз-ул-маъод" (13,173).

Муҳаққиқ ва файласуфи муосири тоҷик академик Мусо Диноршоев бар мабнои мутолеоту мурурот дар заминаи фалсафаи Розӣ ба натиҷае мерасад, ки истифодаи панҷ унсур (дар баробари чаҳор унсури маъмулӣ) дар фаҳмишу баҳогузории фалсафии пайдоиши олам ва бар хилофи андешаҳои маъмулии илмии замонӣ ҳаракат кардани Розӣ симои ҷиддии фалсафии ӯро дар қиболи кӯҳи афкори дар ҷомеа мусаллати асримиёнагӣ хеле хуб ба ҷилва дармеоварад (2,140).

Муҳаққиқон бар он ишора мефармоянд, ки симои фалсафии Розӣ дар ойинаи фарҳанги асримиёнагӣ ба увнони файласуф хеле камранг аст ва ӯро бештар минҳайси табибу кимиёшиноси маъруф муаррифӣ кардаанд, дар ҳоле ки андешаву орои фалсафии Розӣ аз тарафи мусаннифону муаллифони мутақаддим ё рад шудааст ва ё ин ки аз онҳо сарфи назар кардаанд. Тавре ки дар боло тазаккур ёфт, андешаву дидгоҳи илмию фаннии Розиро нафарони зиёде аз зумраи муҳаққиқину мусаннифину мутафаккирини асримиёнагӣ бо шумули Абунасри Форобӣ, Ибни Ҳайсам,

Ибни Ҳазми Андалусӣ, Ибни Ризвони Мисрӣ, Носири Хусрави Қубодиёнӣ, Ибни Маймун, Шаҳиди Балхӣ, Муҳаммад бинни Ямони Самарқандӣ, Аҳмад бинни Марзуқии Исфаҳонӣ, Фахриддини Розӣ, Наҷмиддини Котибӣ нақд кардаанд (13,164).

Мероси Закариёи Розӣ, бо он ки мавриди ҳамлаи ақидатию фикрӣ ва сиёсию мафкуравӣ қарор гирифтааст, дар бозшинохти мушкилоту уқдаҳои фикрию равонию ахлоқию ақидатию иҷтимоӣ ба насли имрӯзу ояндаи мо кумак мекунад. Новобаста аз он ки бо Розӣ файласуфону донишмандони мо -- аз Форобию Ибни Сино шуруъ карда, то Носири Хусраву Ғаззолӣ часпида, нуқтаназароти фалсафию илмии ӯро эрод гирифтаанд, ҳамоно андеша, дидгоҳ, нақду арзёбиҳояш, ки бар мабнои далоили ақлӣ, мадорики фикрӣ, мушоҳидаву қиёсоти мантиқӣ ва таҷрибаву озмоишоти амалӣ рӯйи кор омадаанд, моро дар шинохти ҳаводис ва тааммул дар кори коиноту ҷомеа кумак мерасонанд. Асрҳо қабл аз таҷрибагарон ва рӯшангарони Ғарбӣ Френсис Бекон ва Рене Декарт Розӣ бо силоҳу андешаи фалсафӣ, фаросати мантиқӣ ва диди илмӣ ба мушкилоти фикрӣ, ақидатӣ, равонӣ, ахлоқӣ, ҳувиятӣ, иҷтимоӣ, сиҳҳатӣ ва маданӣ бархурд карда, силсиламасоили замониро бар пояи далоили ақлонӣ ва равиши таҷрибавӣ мавриди арзёбӣ қарор дода, роҳро барои тафаккури фалсафӣ, нақди мантиқӣ ва биниши илмӣ ҳамвор сохтааст. Ба ин тартиб, равиши вежаи илмию фалсафии Закариёи Розӣ – **мушоҳида, таҷриба ва истиқро** (таҳқиқи ҳадафмандона) баъдан дар Ғарб мутадовил гардида, дар коргоҳи фикрию эҷодии файласуфоне чун Бекону Декарт асар мегузорад ва равиши навинеро дар олами андешаи фалсафӣ ва доварии ҳои илмии замонӣ ба вуҷуд меоварад.

Матлаби мухтасари худро дар чанд нукта метавон хулоса кард:

**Якум.** Абубакр Закариёи Розӣ дар таърихи фарҳанги миллию ҷаҳонӣ ба унвони бузургтарин чеҳраи илмию фалсафӣ шинохта шуда, андеша, оро, афкор ва дидгоҳу мавқеъгириҳои илмию фалсафии ӯ то имрӯз қимату аҳаммияти худро гум накардаанд.

**Дувум**. Мусалламан, Розӣ дар улуми шимӣ-кимиё, дорусозӣ ва пизишкӣ то ба дараҷаи устодӣ расидааст ва кашфиёте, ки дар ин се илми бунёдӣ анҷом додааст, ӯро минҳайси бунёдгузори улуми болоӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ кардааст. Бад-ин тариқ, Розӣ бо иштиғол варзидан дар илми шимӣ-кимиё вориди майдони илм шуда, бо кашфи дорувории шимиёии самии олколуидӣ беморонро ба табобат фаро гирифтааст. Аз ин гузашта, улкул ва ҷавҳари гугирд аз ҷумлаи кашфиёти ӯ маҳсуб меёбанд ва ба сабаби ибтикороти ҷиддии Розӣ дар кимиё ва дорусозӣ ӯро ба унвони поягузори кимиёи навин шинохтаанд. Афзун бар ин, Розӣ бо нигариши "зарраёбӣ" ва ба истилоҳ, "атомистӣ" дар феҳристи номвартарин донишмандони ҷаҳонӣ қарор гирифтааст. Ҳарчанд ки донишмандон бар мабнои назарияи арастуӣ, бар онанд, ки аносир қобили тағйиру табдиланд, аммо Розӣ бо пешниҳоди нигариши "зарраёбӣ"-и худ бар он иддао кардааст, ки аносир ғайриқобили табдил ба якдигаранд. Маҳз ҳамин тарзи бинишу нигариш кимиёи куҳанро ба марҳилаи кимиёгарии ҷадид овардааст ва биниши илмии кимиёвии Розӣ бар мабнои нигариши "зарраёбӣ"-и ӯ марҳилаи наверо дар таҳаввули илми кимиё заминагузорӣ намудааст (9, 2-3).

Афзун бар ин, китобҳои "Ал-ҳовӣ", "Тибби Мансурӣ" ва дигар кутуби пизишкии Розӣ чандин маротиба ба забони лотинӣ тарҷума шуда, аз рӯйи онҳо дар донишгоҳҳои пизишкии аврупоӣ тадрис мешудааст. Барои намуна, китоби "Обила ва сурхак"-и Розӣ аз соли **1498 то соли 1866** чиҳил маротиба дар кишварҳои аврупоӣ таҷдиди чоп шудааст.

Файласуфи Рай бар иловаи кутуби "Ал-ҷомеъ-ал-кабир" (Ал-ҳовӣ), ки онро доиратулмаорифи тиббӣ номида, муътабартар аз "Ал-қонун"-и Ибни Сино донистаанд ва "Тибби Мансурӣ", **56 ҷилд** китоби тиббӣ таълиф карда, дар онҳо услуҳои муолиҷаи бемориҳои замонро пешниҳод намудааст (9, 3).

**Севум**. Розӣ, дар қадами аввал, ба омӯзиши улуми табиӣ бо шумули кимиё ва пизишкӣ пардохта, аз тариқи улуми таҷрибӣ-эксперименталӣ ба фалсафа ворид гардида, минҳайси файласуфи шаҳири асрию башарӣ бар мабнои дониши илмӣ ва равиши мантиқӣ ба интиқоду радди назариёту кутуби пешиниёну муосирон машғул шуда, барои нахустин маротиба дар қаламрави хилофати исломӣ наққодии илмӣ-фалсафиро мақому ҷойгоҳи махсус бахшидааст. Ҳарчанд ки равиши фикрию эҷодӣ ва сабки таҳқиқии Розӣ марсум нашуда, алайҳи он радду наққодиҳои ақидатию фикрӣ зиёд сурат гирифтааст, мавқеъгириҳои илмию фалсафии ӯ аз миён нарафта, барои доираҳои илмию тахассусию эҷодӣ ҳамоно ба сифати марҷаи фалсафию илмӣ хидмат мекунанд.

**Чаҳорум**. Розӣ дар қаламрави фикрию фарҳангию илмию фалсафии минтақавӣ (манзур густураи ҷаҳони исломи асримиёнагӣ аст) дар баробари марҷаияти марсум, меъёру мадорики илмӣ-фалсафиро бар мабнои усулу мабонии **мушоҳида, таҷриба ва истиқро** пешниҳод намуда, омӯзишу таҳқиқи масоилу мушкилотро бар пояи довариҳои ақлӣ тадовум бахшидааст. Усули мушоҳидавӣ ва таҷрибавӣ-эксперименталӣ, пас аз мутадовил шуданаш дар ҳавзаҳои фикрию ихтисосии Шарқи мусулмонӣ, дар имтидоди асрҳои баъдӣ дар Урупо машруият пайдо намуда, ба сифати мабодии илмӣ-ихтисосӣ дар муҳитҳои илмӣ тадриҷан ҳамагонӣ мешавад. Ба ин маъно, хидмати Закариёи Розӣ дар

решадоршавии усулу мабодии таҷрибавӣ-эксперименталӣ дар Урупо назаррас аст.

**Панҷум.** Розӣ дар "Сирати фалсафӣ" худро файласуф номида, бо соири андешамандону файласуфони мутақаддиму мутааххир муқоиса мекунад. Аломату нишона ва вежагиҳои як файласуф: шаккокӣ, илммадорӣ, дидгоҳи интиқодӣ, биниши фалсафӣ, назари мантиқӣ, ҳунари нодири наққодӣ, тавоноии фардии эҷодӣ, озодагӣ, озодандешӣ, ҷасоратмандӣ, носозгорӣ бо хушкандешӣ, мубориза алайҳи хурофазадагӣ ва ҳар навъ равиши андешакӯши башарӣ, бешубҳа, дар шахсияти Закариёи Розӣ зуҳур кардааст. Нақду баррасиҳои мунсифонаи Розӣ дар қиболи масоили иҷтимоию фалсафию фикрию динии замон ӯро минҳайси файласуфи нодири замон ба ҷилва дармеоварад. Дар зинм, Розӣ аз ҷумлаи нахустин файласуфон ва мутафаккиронест, ки фалсафаи машоии арастуиро нақд карда муътақид буд, ки ба василаи қиёсоти мантиқӣ, ки фақат мубтанӣ бар муқаддимоти зеҳнӣ ҳастанд, наметтавон пай ба маҷҳулот бурд. Ба ин сабаб, дар баробари фалсафаи арасутӣ равиши навинеро барои шинохт дар қолиби "**мушоҳида, таҷриба ва истиқро**" арза кардааст. Дақиқтараш, Розӣ ҳудуди ҳашт қарн пеш аз файласуфи англис Френсис Бекон (1561-1626) ин равишро кашф ва ироа кард. Мутаассифона, Розиро дар Шарқи мусулмонӣ бар суннатшиканӣ ва бидъатгарӣ муттаҳам карда, равиши илмии ӯро инкор намуданд. Дар Ғарб бошад, баръакс, Беконро "паёмбари илми ҷадид" ва "бунёдгузори фалсафаи илмӣ" шумурда, назариёти ӯро пайгирӣ намуда, пешрафтҳои ҷаҳони кунуниро бар ибтикороти вай марбут донистаанд.

**Шашум**. Розӣ озодандеширо ҳамчун равиши шоистаи фикрию ақлонӣ, иҷтимоию маданӣ ва ҳувиятию ахлоқӣ таҳаққуқ бахшида, таҷрибаи озодандешию ақлбоварию хираддовариро барои асрҳо ва садсолаҳо ба мерос гузошт. Ӯ

хуб медонист ва аз хилоли мутолеоту таҷриботу баррасиҳои мудавомаш дарк карда буд, ки миллатҳо ва умуман, мардум бидуни огоҳию донишу ҷаҳоншиносӣ ва тафаккури интиқодӣ, ки аз озодандешии башарӣ сарчашма мегиранд, ба сарманзили мақсуд – шукуфоию пешравию рушду тараққӣ намерасанд. Ба ин маънӣ, Розӣ бо таълифоту нуқтаназароти интиқодии худ озодандеширо ба унвони равиши дархури зиндагӣ ва раванди сохтусози инсонӣ машруият бахшида, роҳро барои раҳоӣ аз қайдубанди хурофоту таассуби ҳамешагӣ, ки ҷомеаи шарқиро ҳамеша ба қафо кашонида, аз ҳаракати мудавоми фикрию эҷодию иҷтимоию тамаддунӣ боздоштааст, ҳамвор сохтааст.

**Ҳафтум.** Розӣ бар асоси ақл ва хирадбоварӣ ба кулли масоили ҳастӣ бархурд карда, зимни арзёбию баррасиҳои ихтисосӣ танҳо аз зовияи хирад ва ақл доварӣ менамояд. Ин гуна равиш ва сабки андешаву баррасию арзёбӣ ба шахси Розӣ хос аст ва ӯро аз кулли файлсуфону мутафаккирони мутақаддиму мутааххир мутамоиз месозад. Бар илова, Розӣ ба лиҳози ахлоқӣ аз соири файласуфону мутафаккирони пешину пасин мутафовит аст. Ӯ ба сифати як инсони холиси ахлоқӣ дар арзёбию баррасию нақду наққодӣ падидор мегардад. Махсусан, мушаххасоти ахлоқии баинсофию мардонагӣ ӯро аз соири андешамандону мутафаккирону файласуфон мутафовит месозад. Ба гунаи мисол, зимни бархурди илмӣ-мантиқӣ ба афкори Ҷолинуси ҳаким (Гален-пизишк ва файласуфи юнонитабори Рими қадим) дар китоби "Шукук бар Ҷолинус" дар доираи инсофу мардонагӣ менависад: "Ман бо касе баробар шудаам, ки беш аз ҳар кас бар ман миннат дорад ва беш аз ҳама аз ӯ суд бурдаам ва ба василаи ӯ раҳнамоӣ шудаам ва аз дарёи фазли ӯ сероб гардидаам, ба он андозае ки бандае аз хоҷаи худ ва шогирде аз устоди худ ва мунъим аз валинеъмати худ бархурдор намегардад"(9,10). Аз

ин гуна мавқеъгирии баланди ахлоқӣ маълум мегардад, ки Розӣ дар интиқод ҳам ахлоқу одоби инсониро риоят мекунад, аммо мутафаккироне, ки ӯро интиқод кардаанд, дар бисёр маворид аз марзи ахлоқ бурун рафта, танҳо бар асоси ҳасодату бадбинӣ ба мерос ва нуқтаназароти ғайримуқаррарии Розӣ баҳо додаанд. Ин аст, ки мавқеияти ахлоқии Розӣ ҳам сазовори омӯзишу тақлид будаву ҳаст.

**Ҳаштум.** Як бахши муҳимми фаъолияти Закариёи Розӣ рӯшангарии ӯст. Розӣ ба унвони рӯшангар (просветитель) ба ҳавзаи муҷодилоти фалсафӣ ва мубоҳисоти мафкуравӣ дар қиболи масоили ҳассоси ақидатӣ ворид мегардад. Яъне, дуруст он замоне ки Розӣ аз тариқи илмҳои табиӣ-риёзии кимиё, тиб, пизишкӣ ва риёзию ҳандасӣ ба ҳақиқати ашё пай мебарад, ба арсаи фалсафа гом бармедорад ва ҳамин тур, падида, зуҳурот ва ҳаводиси замонро бар мабнои ақлу мантиқи зинда интиқод карда, интиқодоти мустадлали хешро ҷасурона пахшу нашр менамояд. Ҷасурона пахшу нашри интиқоди илмӣ-ихтисосӣ ва нақду баррасиҳои мантиқӣ дар қиболи масоили доғи замонӣ, аз ҷумла ҳангомапароканиҳои қишри руҳониёни муҳофизакори замонӣ ва хушкандешони мазҳабӣ, ки руҳу равони ҷомеаро зери тасаллути комил доштанд, Розиро минҳайси рӯшангари асили миллӣ ҷойгоҳ ва мақоми шоиста бахшидаанд. Аз сӯйи дигар, бо қишри руҳонияти муҳофизакору мутаассиби замонӣ, нухбагони улуми мадрасӣ ва шаритамадорони пурқудрати дарборӣ аз тариқи андеша ва қазоватҳои фалсафӣ дасту панҷа нарм кардан кори саҳлу осоне набудаву нест. Ҳатто имрӯз доираҳои илмию фарҳангии миллӣ, бо он ки дар муҳити солими давлатдории дунявӣ ба сар мебаранд, дар қиболи афкори хушку хурофотии қишри руҳонияти ватанӣ ҷуръати сухан гуфтанро надоранд, баръакс, дар бисёр маворид, дар баробари ҳузури хушкандешӣ хомӯширо аз садозаниҳои ҳадафмандона авло дониста, ба

хурофапароканиҳо ҳамроҳ шуда, андешаи миллию дунявиро ба ҳошия меронанд. Аммо Закариёи Розӣ дар он замони пуртаҳлука, ки шариатмадорони мутаассиби расмӣ бо давлатмадорони замонӣ бар мабнои афкори хушки мазҳабӣ ҳукумат мекарданд, алайҳи низоми хушки ақидатӣ ва фазои сиёсӣ-мазҳабӣ тавассути мабоҳиси фалсафӣ ва қиёсоти мантиқӣ қиём карда, парчами озодандеширо барафрӯхт. Аз ин ҷост, ки Розиро ба лиҳози хадамоти илмӣ-фалсафӣ, ҷасорату ҷуръатмандии фикрию иҷтимоӣ ва тасмимоти рӯшангарӣ метавон дар баробари маорифпарварони фаронсавӣ Франсуа Мари Аруэ Волтер (1694-1778), Жан Жак Руссо (1712-1778), Дени Дидро (1713-1784), Шарл Луи де Монтескиё (1689-1755) қарор дод. Воқеан, кореро, ки маорифпарварони фаронсавӣ дар асри 18-и мелодӣ анҷом доданд, Розӣ дар асрҳои 9-10 аз тариқи ибтикороти илмӣ-фалсафӣ ба сомон расонид. Ба ин маъно, бемуҳобо, метавон Розиро дар сафи пеши рӯшангарони миллӣ қарор дод.

**Нуҳум**. Ҳакими Розӣ дар таърихи афкори башарӣ минҳайси файласуфи миллӣ зуҳур кардааст, ҳарчанд ки ӯро файласуф ва табиби арабу исломӣ номидаанд, аммо ба назари нажодӣ як эронӣ ва форс-тоҷик буд. Аз сӯйи дигар, Розӣ дар баробари таваҷҷуҳ ба фалсафаи юнонӣ (дар мисоли файласуфи қадима Пифагор), ба афкори фалсафии ориёӣ ва махсусан, шахсияти Монӣ мутамоил будааст (6,16). Ин нукта бар он гувоҳӣ медиҳад, ки Закариёи Розӣ аз ҷумлаи файласуфони матраҳи миллиест, ки аз тариқи омӯзишу таҳқиқу баррасии осори ниёкон, аз ҷумла андешаву орои файласуф, шоир, пизишк ва нависандаи маъруфи эронӣ Монӣ (216-277) эҳтироми худро ба андешаи қадимаи аҷдодӣ қоил шуда, дар низоми интиқодии фикрӣ аз афкори фалсафии ориёӣ истифода бурдааст. Ба ин маъно, баъзе муҳаққиқон бар ин назаранд, ки осори фалсафии Ҳаким Розӣ, ки аз фалсафаи

хирадгароёнаи Ирони бостон сарчашма гирифтааст, дар воқеъ, бояд ба унвони "Шоҳнома"-и фалсафии Ирон муаррифӣ гардад" (9,6).

**Даҳум.** Омӯзиши муназзаму ҳадафмандонаи осори Розӣ ва махсусан, вежагиҳои шахсиятию эҷодии ӯ дар доираи барномаҳои таълимӣ-тадрисии муассисоти таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ на танҳо сатҳи донишу биниши хонандагонро боло мебарад, балки тафаккури интиқодиро ба унвони равиши муваффақи фикрӣ-эҷодӣ дар баданаҳои қишри омӯзгорию хонандагӣ ва муҳити донишгоҳии кишвар побарҷо месозад. Мо имрӯз ва оянда ҳам ба насле ниёз дорем, ки ба лиҳози фикрию ҳувиятӣ рақобатпазир бошад ва дар шароити бозиҳои сиёсию геополитикӣ на танҳо худро набозад, балки миллатро аз бади ҳаводис берун кашида, парчами илму дониши зиндаро, аз як тараф ва дирафши ковиёнии миллиро, аз тарафи дигар, боло барафрозад. Ин аст, ки тарбияи насли наврасу ҷавон бар мабнои арзишҳои илмӣ-фалсафӣ (аз ҷумла шахсият, мерос, дидгоҳ, равиш, андеша, оро, миллият ва билохира мавқеияти илмӣ-фалсафии Закариёи Розӣ), ки тавлидгари неруи ақлонию энергияи фикрии миллианд, тақозои замон мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба шароит ва авзои ташаннуҷбарангези имрӯзӣ, мо муваззафем, ки мероси Закариёи Розӣ барин шахсиятҳои бузурги миллиро, ки дар муқобили афкори хушку хашини замонӣ, ки тарафдорону ҷонибдорони зиёде дошт (ва мутаассифона, имрӯз ҳам дорад), ҳадафмандона мубориза бурдаанд, таври бояду шояд муаррифию тарғиб карда, насли наврасу ҷавони миллатро дар руҳияи ҷуръати фикрию эҷодӣ ва тавонмандиҳои ҳувиятию ахлоқӣ тарбия намоем.

## Адабиёт

1. Бекзода, Комил. Таърихи равшанфикрӣ аз даврони Ҷамшед то замони Фирдавсӣ. Нақши шуубия дар таърихи худшиносии халқи тоҷик. Зери назари доктори илми фалсафа Муҳаммадқул Ҳазратқулов. -Душанбе: “Дониш”, 2012. -433 с.

2. Диноршоев, М. Плюралистическая философия Абу Бакра ар-Рази. -Душанбе, 2013. - 350 с.

3. Диноршоев, М, Мирбобоев М.К. Абубакр ар-Рази и его “Духовная медицина” //Абу Бакр ар-Рази. Духовная медицина. - Душанбе: Ирфон, 1990.

4. Джонбобоев, С. Учение Абубакра ар-Рази в контексте философии иранских (таджикских) натуралистов. //Известия Института философии, политологии и прав им. А. Баховаддинова АН РТ. - Душанбе, 2016. № 3. - С. 52-61.

5. Додихудоев, Х. Философские дебаты Абу Бакра ар-Рази и Абу Хатима ар-Рази. //Известия Института философии, политологии и права им.А.Баховаддинова АН РТ. - Душанбе, 2016. № 3. - С. 16-29.

6. Джураева Нигора Ниёзбобоевна. Антропология Абу Бакра -ар-Рази. Автореферат. -Душанбе, 2020. -26 с.

7. Комилов, А.Ш. Физика Ар-Рази и Ибн Сины. Отв. ред. М.М.Рожанская. –Москва: Изд-во Моск. Ун-та, 1999. -160 с.

8. Муҳаққиқ, Меҳдӣ. Файласуфи Рай. -Теҳрон, 1352 (1974). - 464 с.

9. Муинзода, Ҳушанг. Розӣ – ситораи дурахшони осмони фарҳангу тамаддуни башарӣ -- манбаи электронӣ: www.moinzadeh.com.

10. Маводи Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба 1150-солагии Абубакр Мухаммад Закариёи Розӣ тахти унвони “Нақши Муҳаммад Абубакр Закариёи Розӣ дар илм ва фарханги ҷаҳонӣ”. - Душанбе, 2016. - 418 с.

11. Олимов, К., Аскардаев К. Масъалаи ҳастишиносӣ ва маърифат дар таълимоти Абубакр Мухаммад Закариёи Розӣ. //Известия Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова АН РТ. - Душанбе: 2016. №3.

12. Олимов, К., Аскардаев К. Абубакр Закариёи Розӣ-донишманди ҷаҳоншумул. - Душанбе, 2016. -32 с.

13. Сулаймонӣ, Сурайё (донишомӯхтаи коршиносии аршади фалсафаи исломӣ, Донишгоҳи Розӣ, Кирмоншоҳ, Ирон), Мансурӣ, Аббосалӣ – устодёри гурӯҳи фалсафаи исломӣ, Донишгоҳи Розӣ, Кирмоншоҳ, Ирон). Муҳаммад бинни Закариёи Розӣ файласуфи дигарандеш ё табиби файласуфнамо. //Маҷаллаи илмии пажуҳишҳои фалсафии Донишгоҳи Табрез, соли 10. Шумораи 34, баҳори соли 1400. - С.160-177.

14. Ровандӣ, Муртазо. Таърихи иҷтимоии Ирон. -Ҷилди 10. Чопи дувум. -Теҳрон: Интишороти Нигоҳ, 1382.

15. Фредерик, С. Старр. Маърифати гумшуда. Асри Тиллоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2016. – 692 с.

16. https://fa.wikinoor.ir/wiki/رسائل_فلسفية

17. https://www.islamquest.net/fa/archive/fa52964

18. https://vazhaju.tj/search/куния

**Хуршед Шозедов**
*ходими калони илмии Шуъбаи*
*таҳқиқоти стратегии назди*
*Раёсати АМИ*

# ОЗОДАНДЕШӢ ҲАМЧУН РАВАНДИ ФИКРИЮ ИҶТИМОӢ ДАР БАРОБАРИ ЧОЛИШИ РАДИКАЛИЗМИ ДИНӢ

***(Гузориши масъала)***

Ҷомеаи муосир бо зуҳуроти ифротгароӣ дар шаклҳои мухталифи он – аз сиёсӣ ва мазҳабӣ гирифта, то фарҳангӣ ва идеологӣ, ки таҳдиди мустақим ба сиёсату амнияти ҷаҳон маҳсуб мешавад, муттасилан рӯ ба рӯ аст. Таъсири он ба манотиқи мухталифи ҷаҳон ва паёмадҳои қобили таваҷҷуҳ, ҳам барои кишварҳои ҷудогона ва ҳам барои ҷомеаи байналмилалӣ комилан эҳсос мешавад.

Радикализми динӣ яке аз шаклҳои нисбатан шадиди зуҳуроти таҳаммулнопазирии идеологӣ ба ҳисоб меравад, ки таъсири қобили таваҷҷуҳ ба равандҳои сиёсии дохилии кишварҳо ва ба таври куллӣ, ба равобити байналмилалӣ дорад. Густариши он манотиқи мухталифи ҷаҳонро дар бар мегирад ва паёмадҳои печидаи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва гуманитариро барангехтааст, ки на танҳо ҷавомеъи хос, балки ҷомеаи ҷаҳониро низ таҳти таъсир қарор медиҳад.

Моҳияти радикализми динӣ ин гузариш аз шаклҳои суннатӣ ва ниҳодинашудаи дин ба тафсири оштинопазир, ҷазмӣ ва таҳоҷумии омӯзаҳои динӣ мебошад. Ин падида бо иддаҳои инҳисори ҳувияти динии худ, радди қатъии динҳои дигар ва хостори маҳви «кофирон» ҳамроҳ аст[3] Ба ақидаи С. Хантингтон, идеологияҳои радикалӣ дар бисёр ҳолатҳо дар

чорчӯби дигаргунии низоми ҷаҳонӣ ба абзоре барои рӯёрӯйии фарҳангӣ ва тамаддунӣ табдил мешавад.

Дар қаринаи илми сиёсатшиносӣ радикализми диниро метавон ба унвони як ҷунбиш бо ангезаи идеологӣ тавсиф кард, ки ба дунболи тағйири низоми иҷтимоӣ – сиёсӣ аз тариқи равишҳои хушунатомез аст. Ин амр бо усули асосии як низоми ҳуқуқии демократии муосир, ба монанди гуногунандешӣ, дунявияти давлат ва эҳтиром ба ҳуқуқи башар дар тазод аст. Боризтарин намунаҳои радикализми динӣ дар чорчӯби ифротгароии исломӣ (ваҳҳобия ва салафия), инчунин дар фаъолияти бархе аз созмонҳои радикалии масеҳӣ ва яҳудӣ, ки низоми ҳукумати демократӣ ва ҳуқуқи башари ҷаҳониро инкор мекунанд, ироа мешаванд. Аз вижагиҳои муштараки ин ҳаракатҳо, тамоил ба эҷоди як режими теократӣ, мубтанӣ бар тафсири мутлақ аз ҳинҷораҳои динӣ аст, ки танаввуи иҷтимоӣ – фарҳангӣ ва сиёсиро нодида мегирад.

Фаъолияти сиёсии ҳаракатҳои радикалии динӣ дар мушорикоти онҳо дар даргириҳои мусаллаҳона, фаъолияти террористӣ ва тазъифи суботи давлат баён мешавад. Мисоли радикализми исломӣ, монанди фаъолияти созмони байналмилалии террористии «Давлати исломӣ» ва «Ал-Қоида» нишондиҳандаи тамоил ба густариши фаромарзии қудрат бо ангезаҳои динӣ аз тариқи хушунат аст, ки таҳдид ба амнияти ҷаҳонӣ дошта, бӯҳрони гуманитарӣ, аз ҷумла раванди густурдаи муҳоҷиратиро эҷод мекунанд. Таҳдиди сиёсии дохилии радикализми диниро метавон дар тахриби ниҳодҳои ҷомеъаи шаҳрвандӣ, маҳдудияти ҳуқуқу озодиҳо, ба вижа, дар робита ба занон ва намояндагони ақаллиятҳо мушоҳида кард. Касби нуфузи сиёсӣ аз ҷониби ҳаракатҳои радикалии динӣ дар бисёр ҳолатҳо ба ташдиди низоми ҳуқуқӣ ва ҷорӣ кардани ҳинҷорҳои саркӯбгарона, ки ба стандартҳои

байналмилалии ҳуқуқи инсон мухолифат мекунад, оварда мерасонад.

Ҳамин тариқ, радикализми динӣ бояд на танҳо ба унвони як падидаи динӣ – идеологӣ, балки ҳамчун як неруи сиёсӣ бо иқтидори баланди даргирӣ баррасӣ карда шавад. Муқобилаи муваффақиятомез бо ин падидаи номатлуб маҷмуи рӯйкард, аз ҷумла иқдомот барои тақвияти ниҳодҳои дунявӣ, ҳимоят аз муколамаи байни адёну тавсеаи фарҳанги сиёсӣ, мубтанӣ бар принсипҳои таҳаммулпазирӣ ва баробарии ҳуқуқиро талаб мекунад.

Дар баробари чолишҳои муосир, марбут ба тақвияти ҷазми идеологӣ ва динӣ, падидаи озодандешӣ ба унвони шакле аз худмухтории фикрии фард, аҳамияти вижае пайдо мекунад ва баёнгари тавоноии тафаккури мустақил берун аз чорчӯби нуфузи ниҳодӣ, ҳинҷорҳои суннатӣ ва нигоришҳои идеологӣ мегардад. Ин нигориш дар заминаи ратсионализм, донишҳои таҷрибавӣ ва арзишҳои инсонгароӣ асос меёбад.

Озодандешӣ (лот. libre penseur, фар. libre pensée, англ. freethought) як ҷаҳонбиниву системаи шинохт аст, ки радди пайравии беқайду шарт аз низомҳои ҷазмӣ – динӣ, суннатӣ ва сиёсӣ – идеологӣ мебошад. Онро метавон ба унвони шакле аз худогоҳии маданӣ, ки аз назари идеологӣ холис, вале демократимеҳвар мафҳумсозӣ кард, ки бо фалсафаи инсонгароии секулорӣ ва ақлгароии интиқодӣ марбут аст [4]. Дар заминаи сиёсӣ – фалсафӣ озодандешӣ бояд ба сурати зайл баррасӣ карда шавад:

а) равиши омӯзиш бар асоси тамоили интиқодӣ, тардид ва санҷиши манобеъи муътабар аз тариқи нуқтаи назари ақлонӣ ва равишҳои илмӣ;

б) мавқеъи иҷтимоӣ – сиёсӣ, ки шомили ҳимояти фаъол аз озодии ақида, ҳаққи ибрози ихтилофи назар ва мушорикот дар гуфтумони ҷамъиятӣ мешавад.

Решаҳои таърихии озодандешӣ аз суннати зеҳнии давраи Маърифат (эпоха Просвещения), замоне, ки тасаввуроти ҳуқуқи фардӣ барои таҳлили ақлонӣ, дониши илмӣ ва тардид ба унвони заминаи дарки ҷаҳон[1] ва ҷойгузини машруи имони динӣ ва анъанаи фарҳангӣ падид омад, маншаъ мегиранд. Дар ин замина, озодандешӣ на танҳо ба абзори маърифатшинохтӣ, балки ба манбаи идеологӣ барои шаклгирии ҳинҷорҳои либералӣ – демократӣ низ табдил шуд.

Муътақидан бояд қайд кард, ки озодандешӣ мутародиф ба илҳод нест. Ин ба маънои инкори худи дин набуда, балки ба маънои радди ҳар навъ инҳисорталабии он дар фазои умумӣ ва сиёсат мебошад. Нуқтаи аслии озодандешӣ – ғояи озодии зеҳнӣ, интиқод аз ҳар навъ тафаккури иқтидоргирона ва ҷустуҷӯи ҳақиқат аз тариқи муколамаи ақлонӣ ва шавоҳиди таҷрибавӣ аст. Ҳамон тавре ки Бертран Рассел навиштааст: “он чӣ ҷаҳон ба он ниёз дорад, дониш, меҳрубонӣ ва шуҷоат аст, на таслими ғуломона дар баробари қудрат” [2].

Аз нуқтаи назари сиёсатшиносӣ, озодандешӣ як низоми ҳуқуқии демократӣ аст ва нақши калидиро дар фарояндҳои ниҳодина шудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкили давлати дунявӣ бозида, дар асоси ҳокимияти қонунӣ фаъолият мекунад. Ин амр бо усули дунявият, озодии баён ва мухторияти академӣ муртабит аст ва шароити лозима барои амалкарди мубоҳисаи иҷтимоӣ – сиёсӣ дар низоми демократии бисёрандеширо фароҳам меорад. Озодандешӣ ҳамчун пойдевори ҷамиъяти шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқӣ ҳастии механизмҳои муҳокимаи ошкоро, интиқод аз ҳокимияти давлатӣ ва пешрафти илмии пойдорро таъмин менамояд. Бо вуҷуди ин, озодандешӣ бо чолишҳои ҷиддии зер рӯ ба рӯ мегардад:

а) рушди бунёдгароии динӣ, ки ба эҳёи функсияҳои назоратии ниҳодҳои динӣ дар ҳавзаи оммавӣ равона шудааст;

б) ташаннуҷи тадриҷии хурофоту таассуби динӣ-мазҳабӣ миёни насли наврасу ҷавон ва дар ин замина ба маҳдудият мувоҷеҳ шудани озодандешӣ;

в) гомогенизатсия (поксозӣ)-и шуури оммавӣ дар муҳити рақамӣ ва саноати фарҳангӣ, ки дар он иттилооти бардурӯғ ва тавсифи қолибӣ ҷойи тафаккури интиқодиро мегиранд.

Дар шароити низоми бисёрандешии сиёсӣ, озодандешӣ ба унвони як миёнарави фикрӣ ва довари фарҳангӣ амал мекунад. Ин амр ба расмият шинохтани машруияти ақоиди ҷойгузинро тарвиҷ дода, фарҳанги муколамаро эҷод мекунад ва аз инҳисори идеологии муҳосибаи ҷамъиятӣ ҷилавгирӣ мекунад. Дар ин ҳол, озодандешӣ мухолифи шаклҳои радикалии дин аст, зеро охирин ба инҳисорӣ, тоқатфарсоӣ ва аъмоли саркӯбгарона нисбат ба пайравони адёни дигар такя мезанад. Афзун бар ин, озодандешӣ ба унвони як ҷараёни зиддиидеологӣ мавориди зерро ба иҷро мегузорад:

-муқовимати интиқодӣ дар баробари радикализми динӣ, ки мавҷудияти як ҳақиқати воҳидро иддао ва ҳаққи мухолифатро инкор мекунад;

-ҳифозат аз танаввуи фарҳангӣ ва фикрии дар заминаи усулҳои мадоро, эҳтиром ба ақоиди дигар ва озодии виҷдон асосёфта;

-ҳимоят аз мухторияти фикрӣ, тариқи ташвиқи таҳлили мантиқӣ, рӯйкарди собиткунанда ва радди фишори идеологии хушунатомез.

Ҳамин тариқ, озодандешӣ дар қаринаи сиёсии муосир на сирфан ба унвони як категорияи фалсафӣ, балки ҳамчун унсури сохторсозӣ дар фарҳанги сиёсии демократӣ амал ва ба муқобили равандҳои худкомагӣ радикализми динӣ ва хушунати маърифатшинохтӣ зуҳур мекунад. Тавсеа ва ҳифозати ниҳодӣ аз он шароити лозима барои пойдории низомҳои сиёсии боз ва фарогир аст.

Консепсияи озодандешӣ дар илми сиёсатшиносӣ ба унвони нуқтаи мустақими муқобил ба радикализми динӣ ба назар гирифта мешавад ва ҳамчун амали интиқодию роҳнамоии идеологӣ фаъолият мекунад, ки сохторшикани шаклҳои ҷазмӣ ва иқтидоргаронаи таълимоти диниро тасҳил (саҳлу осон) мекунад. Озодандешӣ, инҳисоргароии як система, аз ҷумла, эътиқоди диниро аз тариқи хушунат ё иҷбори ниҳодӣ рад мекунад ва бар лузуми таомили ақлонию таъйиди таҷрибии усули эътиқодӣ таъкид дорад.

Аз дидгоҳи назарияи сиёсӣ, озодандешӣ, шаклгирии субъектҳои мухторро, ки қодир ба таомили интиқодӣ ва бознигарии мусаллама ҳастанд, таҳрик мекунад ва ин амр ба амали иртиботии кушода ва озод аз ситами идеологӣ оварда мерасонад. Чунин истиқлоли фикрӣ ба як душмани сохторӣ дар баробари ҷазмандешӣ мушаххасан ҷунбишҳои динӣ – радикалӣ табдил мешавад, ки бар асоси иддаои ҳақиқати мутлақ ва машруияти инҳисорӣ амал мекунад.

Дар шароити имрӯза, озодандешӣ аз як мавзуи сирфан идеологӣ ба механизми муҳимтарини иҷтимоии муқовимат дар баробари таассубу хушунат табдил мешавад ва ба унвони як стратегияи мубориза бо радикализм амал мекунад. Дар ин росто, озодандешӣ дар се сатҳи ба ҳам пайваста амал мекунад:

а) ба унвони як равиши шинохт – тазмини сохторшикании ақлонии иддаҳои ҷазмӣ ва радди эътиқоди кӯркӯрона;

б) ба унвони як мавзуи иҷтимоӣ – дифоъ аз ҳуқуқи асосии башар, озодии баён ва дин;

в) ба унвони як арзиши фарҳангӣ – тарвиҷи тавсеаи муколама, таҳаммул ва бисёрандешӣ дар ҳавзаи умумӣ.

Бо назардошти таъкидоти болоӣ метавон гуфт, ки озодандешӣ ба унвони як манбаи ниҳодӣ ва идеологӣ бисёр муҳим падидор мешавад, ки суботи ҷавомеи демократӣ ва бисёрандеширо дар мувоҷеҳа бо чолишҳои радикализми динӣ

тазмин мекунад. Озодандешӣ бо хусусияти ҳартарафаи хеш, аз ҷумла равиш, мавқеъ ва арзиш ба абзори муассир дар муқобила бо шаклҳои мухталифи радикализм табдил меёбад. Ин амр, ба вижа дар ҳавзаи ифротгароии динӣ, ки дар он озодандешӣ метавонад ба унвони мувозина дар баробари идеологияҳое, ки ҳуқуқи башарро нақз мекунанд, ба мушоҳида расад.

Дар доираи баҳсҳои муосири илми сиёсатшиносӣ радикализми динӣ ба ҳайси як падидаи номатлуб, ҳамроҳ бо нақзи системаноки ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, ба вижа ҳаққи озодии баён, андешаву ақида баррасӣ карда мешавад. Доктринаҳои динии ифротӣ дар бисёр ҳолатҳо ҳамчун абзори идеологӣ барои машруият бахшидан ба амали табъйизомез аллайҳи занон ва ақаллияти динӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ин амал аксаран бо риторикаи "покизагии динӣ" ва "қонуни ахлоқӣ" асоснок карда мешаванд, ки интиқод аз онҳоро дар ҷавомеи марбута душвор мегардонад.

Адабиёт


1. Бердяев Н.А. О назначении человека. Амрита 2019. — 256 с.
2. Рассел, Б. "Почему я не христианин". -М., Политиздат, 1987. С. 95-113.
3. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций и новое мировое устройство. М.: АСТ, 2003. — 603 с.
4. Конспект лекций религиоведение. Тема IV: свободомыслие. https:// studfile.net/ preview/ 5681413/page:11/.

**Нодир НУРОВ**
*докторант (Phd)-и*
*ДДФСТ ба номи М. Турсунзода*

# ҲУНАРИ ТЕАТРӢ - МИНБАРИ ҲУВИЯТМАДОРИЮ ХУДСОЗӢ

(гузориши масъала)

Бо пешрафти илму навоварӣ, мутаассифона, таваҷҷуҳ ба ҳунари театрӣ ва бозигарӣ кам шуда истодааст ва ин вазъ, албатта, ки ниҳодҳои марбута ва ҷомеаи ҳунарию мадании моро нигарон месозад. Бо вуҷуди он ки дар ҷумҳурӣ театрҳои касбӣ ва тими бозигарӣ аз тариқи барномаю намоишномаҳои ҳунарӣ фаъолият мекунанд, рӯз ба рӯз таваҷҷуҳ ба ин институти маърифатию маданӣ ва муҳимтар аз ҳама, минбари худсозӣ камтар мешавад. Ҳол он ки театр ба сифати минбари худсозию ҳувиятмадорӣ дар ҳама давру замон тавониста ва метавонад ҷомеаро аз бунбасту мушкилоти ҷиддии ҳувиятию ақидатию ахлоқию фарҳангию мафкуравӣ берун кашад. Ба ин маъно, ҷомеа ба ин интиступи иҷтимоию маданӣ, ки театр ном дорад, бояд ҳамеша таваҷҷуҳ дошта бошад.

Зимнан, ҳунар, ки театр аз мушкилтарин ва муассиртарини анвои ҳунарӣ маҳсуб меёбад, саъю талоши ҳадафмандона барои тағйир додани зеҳни одамӣ ва ба масири инсондӯстию мардумсолорӣ раҳнамун кардани ҷомеа мебошад. Маҳз масъалаи гузоштани таъсире зинда бар зеҳну тафаккури инсонӣ ҳунарро имрӯзӣ ё модерн мекунад (ниг.: Ҳаузер Арнолд. Фалсафаи таърихи ҳунар. Тарҷумаи Муҳаммадтақии Фаромарзӣ. –Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1363. – С.13) ва миёни мардум соҳибнуфуз месозад. Ин аст, ки ҳунарҳо

рукни муҳиме аз ҳаёт ва фарҳанги одамӣ буда, таваҷҷуҳи фаровонеро ба худ ҷалб мекунанд ва ҳаводорони зиёде доранд (ниг.: Греҳем Гордон. Фалсафаи ҳунарҳо: даромаде бар зебоишиносӣ. Тарҷумаи Масъуд Улё. –Теҳрон: Қақнус, 1383. - С.9). Махсусияти намоишӣ-демонстративӣ касб намудани ҳунар, минҷумла ҳунари театрӣ ба хотири эҳё намудан ва зиндаю пӯё сохтани тафаккуру тахайюли тамошобин сурат мегирад ва он як навъ забони зиндаю гӯёи табиат ва сиришти инсони ҳушёру зирак ва дурусткору ҷуръатманд аст.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, театр, қабл аз ҳама, бо ҷисм ё организми зинда – инсон-тамошобин, ки аз ҳуш, ақл, шуур, тафаккур, хотира, дарк ва дигар прусаҳои равонӣ-маърифатӣ таркиб ёфтааст, иртибот мегирад. Ба намоиш гузоштани осори гуногунмуҳтаво, вале муассир ва аз тариқи гӯшзад кардани масъалаҳои мубрами рӯзгори инсонӣ ҳалли мушкилоти доғу рӯзмарра аз ибтидо рисолати ҳунари театрӣ буда ва имрӯз низ чунин бори масъулияти муҳимро бар дӯш дорад. Бар ин асос маорифпарвар ва мутафаккири бузурги рус В. Г. Белинский гуфта буд, ки "театр воситаи беҳтарини ҳалли мушкилоти рӯзгори мост". Аз ин ҷост, ки театр инъикосгар ва бозгӯкунандаи мушкилоти рӯзмарра ва ҷиддии ҷомеа маҳсуб мешавад.

Дар воқеъ, театр ба унвони пешоҳанги низоми сиёсӣ-мафкуравӣ ва фарҳангӣ-ҳунарии давр дар марҳилаи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол аст ва ҷиҳати ба риштаи баҳси тамошобин баркашидани масоил ва мушкилоти рӯзмарра саҳми муносиб мегирад. Ҳамасола санаи 7-уми ноябр Рӯзи театр таҷлил мегардад ва ин рӯзро метавон ба унвони Рӯзи баҳамоии ҳунармандони ҳирфаӣ, бозбинии

донишу таҷриботи ҳунарӣ, такмили маҳорат, тавлид ва бозтавлиди ғояҳои башарӣ, тавсеаи биниши фалсафӣ ва билохира таҳкими раванди муҳитсозии театрӣ дар ҷумҳурӣ шинохт ва қадр кард. Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба театр ҳамеша итминон дошта, дар самти ободу зебо сохтани театрҳои касбӣ, сохтмони иншоотҳои замонавии театрӣ, бароварда сохтани ниёзҳои фикрӣ, эҷодӣ, адабӣ-бадеӣ, ҳунарӣ, зебоиписандӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии мардум тавассути тахсис додани маблағҳои калони буҷавӣ гомҳои устувор бардоштааст ва ин кор ҳамоно босуръат идома дорад. Муҳимтар аз ин, имрӯзҳо сохтмони муҳташамтарин бинои ҳунарии ҷумҳурӣ – **Театри миллӣ** идома дорад ва он ба масобаи макони фасоҳат, салосат, отифат, муҳаббат, иффат, самимият, латофат, назокат, ибодат ва мунтаҳо, минбари худсозию ҳувиятмадорӣ минбаъд дар хидмати ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол қарор хоҳад гирифт. Истилоҳи ҳувият, ки маънои худшавӣ ва худбоширо дорад, ба василаи абзори фикрию мафкуравӣ, ки бо номи дастгоҳи театрӣ (театральная машина) муаррифӣ мегардад (ниг.: Бушеева С. Итальянский современный театр. –Ленинград: Искусство, 1983. –С.5), дар баданаҳои иҷтимоӣ реша мегирад. Воқеан, худбошию худшавию худсозӣ маънои озоду мустақил, фориғ аз ҳар гуна бандубасти хурофоту таассуб буданро ифода мекунад. Худсозию худбошӣ ва ё ба истилоҳ, ҳувият он вақт ба инсон муяссар мегардад, ки фазо ва муҳити муколимоти фарҳангӣ вуҷуд дошта бошад. Ин гуна муҳитро, ки ба ҳувиятсозии ҷомеа бевосита рабт дорад, дар баробари дигар анвои ҳунар ва дониш театр ва дастгоҳи театрӣ месозад.

Вобаста ба ин, масъалаи ҳадафрас ва муассир баён ёфтани матлаб ва муҳтавои намоишнома пеши назар меояд ва рисолати манзур сохтани матолиби диданӣ, шуниданӣ, фаҳмиданӣ бар уҳдаи ҳайат-персонали театрӣ – драматург, сенариянавис, коргардон, актёр вогузор мешавад ва кайфияти матолиби саҳнавӣ аз маҳорату маърифат ва диди бадеӣ-эстетикӣ ва илмӣ-таҳқиқии ҳунарманд ва персонали ҳунарӣ сахт вобаста аст. Дар зимн, ҳунарманди асил дорои шахсияти ҷомеи ҳунарӣ, иҷтимоӣ, фикрӣ, эҷодӣ ва фарҳангӣ аст. Тору пуди ин шахсияти ҷомеи эҷодкор, ки дар доираи омӯзиш, дониш, таҷриба ва мушоҳидоти рӯзмарра шакл гирифтааст, дар театр – макони манзур намудани муқовимату муноқиша ва набарду даргирии ҳувият ва беҳувиятӣ ва бо ин тарзи конфликт(зиддият) таҳрик додани зеҳниёти тамошобин ҳувайдо мегардад. Дар доираи ин тарҳи шахсиятӣ ҳунарманди имрӯза бояд ҳайсият ёбад ва он чӣ ки дар назария аз бар намудааст, дар амалия татбиқ кунад. Татбиқи амалии назария ба ҳунарманд шахсият ва ҳувият ато мефармояд ва дар муҳитсозии театрӣ аз ҳар ҷиҳат кумакаш менамояд. Мусалламан, ҳунармандро тамошобини андешаманд, ҳушёру зирак ва ҳозирҷавоб тағйиру таҳрик медиҳад ва баръакс, тамошобин донишу маҳорати ҳунармандро тавассути нигоҳ, ҳаракат, имову ишора, нутқу сухан. Муколамаву мубоҳиса ва эҳсосу авотиф такмил медиҳад. Ба таъбири дигар, дар ҷараёни тамошо ҳунарманд ва тамошобин ҳамдигарро тарбияву такмил мекунанд ва муносибати мутақобилан судманди айнию зеҳнии ҳунарманду тамошобин боиси ташаккул ва рушди шахсияти тарафайн мегардад. Дар назди ин гуна

тамошобини ҷиддӣ ҳунарманд эҳсоси масъулият мекунад ва дар пайи ислоҳи шахсият ва нақшу образ гомҳои устувор мебардорад. Дар баробари ин, ҳунарманд ва дар маҷмӯъ, персонали театрӣ тамошобини зинда, ҳозирҷавоб, пӯё, ҷустуҷӯгар ва андешамандро ба таври тадриҷӣ тарбия мекунанд ва дар ниҳоят, ҳувият мебахшанд. Аз ин лиҳоз, театр макони ҳувиятсозӣ ва муҳити инсонсолорист.

Ҳамин тариқ, вазифа ва рисолати театри миллӣ дар шароити бархӯрдҳои тамаддунӣ ва бозиҳои геополитикӣ, ки аксаран, ҷомеаро ба гирдоби беҳувиятӣ мекашанд, дар ҷустуҷӯ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, равонӣ, идеологӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маънавӣ зоҳир мегардад. Агар театр ниёзҳои фитрии иҷтимоъро ташхис ва бароварда насозад, ба таври худогоҳ ва нохудогоҳ рисолаташро таҳриф мекунад ва безавқию кӯрзавқӣ, беилтифотӣ, бетафовутӣ, беназмӣ (хаос), саҳлангорӣ, бетараҳҳумӣ, нодонӣ, ноаҳлӣ, таассубзадагӣ ва маҷмӯан, беҳувиятӣ ҷойи бузургтарин арзишҳои инсониро баргирифта, фазо ва муҳити мусибатборро ба вуҷуд меоваранд. Бар илова, танҳо хирад ва тафаккури зиндаю созанда оммаро аз безавқӣ ва ҷаҳолатписандӣ наҷот медиҳанд ва ба сӯйи офаринишу тавлидгарӣ раҳнамун месозанд. Шароити имрӯзӣ аз персонал ва ҳунармандони театри миллӣ тақозо мекунад, ки бо истифода аз донишу биниши зинда, таҷрибаву мушоҳида ва ҳунару маҳорати созанда, аввалан, тамошобинро ба ин кори зебои ҳунарӣ ҷалб созанд, сониян, бо намоишномаҳои таваҷҷуҳбарангезу таассубзудо бинои зеҳни худу тамошобинро таъмиру тармими куллӣ (капиталӣ) намоянд ва ҳамеша сари мушкилот ва масоили муҳими

миллию фаромиллӣ тамаркуз кунанд, то марҳилаи навини худсозию ҳувиятмадорӣ муътадил ҷараён бигирад.

Суннати неки дар ду сол як маротиба аз тариқи баргузории Фестивал-озмуни театрҳои касбӣ -- Парасту ба ҳам овардани тими ҳунарӣ-бозигарӣ ва ҳайат-персонали ҳирфаии театрҳои касбии ҷумҳуриро ҳадафмандона идома бояд дод, вале таваҷҷуҳ ба масъалаҳои драматургияи миллӣ, интихоби мавзуоти ҷиддии замонавӣ, рушду тавсеаи ҳунари бозигарӣ, болобарии сатҳи тафаккури ҳунармандони театрҳои касбӣ, тарбияи тамошобини имрӯзӣ, робитаи танготанги тими бозигарӣ бо фаъолони иҷтимоӣ ва ҷалби насли наврасу ҷавон ба намоишномаҳои театрӣ амри зарурист.

Аз сӯйи дигар, омода кардани кадрҳои ҳирфаии соҳаи театрӣ ва тарбияи насли нави ҳунармандони касбӣ вазифаи ҷиддиест, ки назди мудир-омилони соҳавӣ қарор гирифтааст. Солҳои тулонист, ки Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода макони омодасозии кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ ба шумор рафта, дар ин даргоҳи маърифатию фарҳангию ҳунарӣ садҳо ва ҳазорон нафар ҷавонони соҳибистеъдод тарбияву камол ёфта, ба кор дар муассисаҳои театрии ҷумҳурӣ ҷалб шудаанд. Қатъи назар аз он ки мушкилоти соҳавӣ кам нест, раҳбарият ва ҳайат-персонали профессорӣ-омӯзгории ДДФСТ ба номи М. Турсунзода бар он мекӯшанд, ки кадрҳои ба талабот замон ҷавобгӯро омода созанд. Дар ин даргоҳи бузурги ҳунарӣ аз ибтидо то имрӯз шахсиятҳои матраҳи соҳаи театрӣ бо шумули Аслӣ Бурҳон, Маҳмудҷон Воҳид, Ҳабибулло Абдураззоқ, Ҳошим Гадо, Носир Ҳасан, Фотима Ғулом, Марям Исо, Ато

Муҳаммадҷон, Тағоймурод Розиқ, Шералӣ Абулқайс, Муҳаммадҷон Шодӣ, Қурбон Собир ва садҳои диар ба шогирдон нозукиҳои ҳунари бозигариро омӯхта, дар тарбияи мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯйи соҳаи театрӣ саҳми назаррас гузоштаанд. Ҳанӯз ҳам раванди тарбияи кадрҳои ба талаботи замон ҷавобгӯ ва муҳимтар аз ҳама, худшиносу ҳувиятмадор ҳадафмандона давом дорад.

Аммо солҳост, ки барои вайрону хароб сохтани шууру тафаккуру ҷаҳоншиносии насли наврасу ҷавони ҷомеа сенариясозону коргардонони саҳнаҳои геополитикӣ даст ба кор шуда, аз тариқи роҳандозии пружаҳои хурофотию зиддимиллӣ зеҳни ҷомеаро таҳти тасаллут қарор медиҳанд. Дар баробари “иқдомот”-и тарроҳону сенариясозону коргардонони бозиҳои геополитикӣ мо метавонем тариқи барномарезиҳои маданию маърифатию ҳунарӣ иқдом намоем ва роҳро барои худсозию ҳувиятмадории насли наврасу ҷавони ҷомеа ҳамвор созем. Дар ин кор ба мо, пеш аз ҳама, институти маданӣ-маърифатии театри миллӣ кумак карда метавонад. Ҷалби ҳарчи бештари ҷомеа ба театр ва намоишномаҳои хуби театрӣ, аз як тараф, сатҳи ташаннуҷи хурофазадагию беҳувиятиро коҳиш медиҳад, аз тарафи дигар, раванди худсозҳию ҳувиятмадории ҷомеаро боло мебарад.

Агар мудир-омилони пружаҳои театрӣ, тими бозигарӣ ва дастандаркорони ниҳод-институти ҳунарӣ мавзуоти ҷолибу ҷиддии миллӣ-дунявиро ба саҳна гузошта, насли наврасу ҷомеаро ба дидани намоишномаҳои дархур даъват намоянд, театр, воқеан, ба макони огаҳию худсозию ҳувиятмадорӣ

табдил ёфта, миллати моро ба ҷовидонию безаволӣ раҳнамун хоҳад сохт. Ба ин маънӣ:

Бошад охир огаҳӣ моро камол
В-аз камоли огаҳӣ - мо безавол.

## ТАҚРИЗ ВА БАРДОШТ

**Нуриддин ШАҲОБИДДИНОВ**
*устоди Донишгоҳи*
*миллии Тоҷикистон*

# РОМАНИ "НОНИ ШАРИКӢ" ВА ТАШХИСИ МУШКИЛОТИ ЗАМОНӢ

*(Бардоштҳо аз романи Мирзо Саидзода (Мирзонасриддин) "Нони шарикӣ" (Сад сол бо Русия). -Душанбе, 2025. -415 саҳ.)*

Як асари бадеӣ ва ҳунарӣ дар болотарин дараҷаи эъҷоз ҳама гуна марзҳоро мешиканад, дигар тарзи эҷоди асар, шакл ва ё қаҳрамонони он ба зуддӣ ба масъалаи дуюмдараҷа табдил меёбанд ва он чизе ки зеҳниятҳоро бармеангезад, ин танҳо маъниҳое ҳастанд, ки дар сухан ва амали қаҳрамонҳо таҷассум меёбанд. Маҳорати нависанда дар устухонбандии асар, таҷассум, шаклдиҳӣ ва бозкушоии образҳо, манзараҳо, характерҳо ва ғайра ногузир ва ҳатмӣ мебошад, аммо боз ҳам маъниҳо бар ҳамаи инҳо бартарӣ пайдо менамоянд. Ҷаҳони ҳақиқии асарҳои бадеӣ ин на ҷаҳони зоҳирие, ки қаҳрамонҳо дар он вуҷуди хориҷӣ доранд, балки идеяи асосии асар, ҷаҳони ботинии қаҳрамонҳо, бархурд ва бардоштҳое, ки онҳо аз ин ҷаҳон мебардоранд, мебошад. Агар воқеа ва ҳодисаҳои беруна нисбат ба ҷаҳони ботинии қаҳрамонҳо бартарӣ дошта бошад, гумон аст, ки асар дар байни нуктадонон арзиши даркорие касб карда тавонад. Масалан, агар идеяи дод ва ё адолат дар бунёди ҳодисаҳои "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ набошад ва ё пучӣ ва абсурд дар бунёди "Устураи Сизиф"-и А. Камю

дар бунёди асар қарор надошта бошад, ин асарҳо бо тасвири танҳо қиссаю ҳодисаҳо наметавонистанд, ки мондагор гарданд.

Он асарҳое, ки супоришӣ ҳастанд, дар зери таъсири идеологияи ҳукмрон ба вуҷуд меоянд, ҳодисаҳои зоҳирӣ ангезаи эҷоди онҳо гардидаанд, дар ҳар замони муайян адабиёти муайянеро ба бунбаст мерасонанд ва ҳатман тавассути навовароне қолабҳо шикаста мегарданд ва тасаввуроти хонандаи асилро оид ба шакл ва моҳияти асари бадеӣ ва умуман, адабиёт аз нав шакл медиҳанд. Ҳар асари ҳунарие, ки мазмуни бо ҷовидонагӣ алоқаманд надошта бошад, умри кӯтоҳе мебинад.

Ба наздикӣ кӯшиш намудам, ки романи "Нони шарикӣ (Сад сол бо Русия)"-ро бо назари ибрат хонам ва мехостам барои худ маълум созам, ки нафаре, ки ғайриқолабӣ мебошад, яъне дар чаҳорчӯбаҳои идеологӣ ва анъанавӣ камол наёфтааст ва ҳамчунин, каме дертар ба арсаи эҷод қадам гузоштааст, то кадом андоза тавонистааст бо эҷоди худ ба адабиёт навгонӣ ворид намояд. Оё муваффақ гардидааст ва ё хайр? Дар як вақт унвон ва зерунвони асар ҳам ба тариқи розгуна ва ҳам ба тариқи бевосита ба бисёре аз ҳодиса ва масъалаҳои муҳим далолат менамоянд.

Дар адабиёт ва фарҳанги мо масъалаҳое, ки сухан дар бораи онҳо табу ва хомӯшӣ дар баробари онҳо одат гардидааст, нисбат ба масъалаҳое, ки сухан кардан дар бораашон имкон дорад, бамаротиб зиёдтар ҳастанд. Сабаби асосӣ дар он аст, ки дар мо мутолеаи бисёр, анъанаи густариши мактабҳои таҳлилӣ ва баҳс густариш наёфтааст. Вобаста ба зарфияти маҳдуди ҷаҳонбиниамон, офариниши асарҳо ва пажуҳиши масъалаҳо низ хело маҳдуд аст. Дар ин муносибат як равиши табиӣ ва худкор ба назар намерасад, бояд бо супориш ва дар доираи қолаби муайян андеша намоем. Ҳамчунин, дар ҷомеаҳои анъанавӣ имкони рушди

андешаи мустақил ва нигоҳи беғаразонаи фардиро намедиҳанд, ба ҷойи он, тасаввуроти умумии ғайривоқеии сафеду сиёҳро талқин менамоянд. Фарҳанги мо ҳам дар замони пешазшуравӣ ва ҳам дар замони шуравӣ аз ҷиҳати вусъати андеша ниҳоят фишурда буд. Ҳанӯз дар замони шуравӣ, ки дорои як идеологияи хушк ва якнавохт буд, равшанфикрони баъзе халқҳо камбудӣ ва нуқсҳои мавҷударо дар ҳар навъ, аз ҷумла дар шакли роман ва ё повест баён менамуданд, аммо барои мо чунин амалҳо номумкин ҳисобида мешуд ва аз андактарин ишораҳо эҳсоси хатар намуда, барои пешгирии он чора меандешиданд. Агар дар асрҳои миёна ба хотири ҳифзи дини ислом мутакаллимон барои андешаи озод монеаҳо месохтанд, пас дар замони шуравӣ ба хотири ҳифзи арзишҳои сотсиалистӣ идеологҳои шуравӣ аз ҳар гуна дигарандешӣ пешгирӣ менамуданд.

Яке аз чунин масъалаҳо ин бархӯрдҳое, ки мардуми Осиёи Миёна бо русҳо доштанд ва ё доранд, мебошад. Россия, дар ҳақиқат, беш аз сад сол аст, ки дар минтақаи мо аст ва ба тариқи анъанавӣ бархурд кардан, яъне комилан сиёҳ ва ё баръакс, комилан сафед кардан, дигар бо табиати замон мувофиқ намеояд. Бо сарфи назар кардани ин воқеият низ масъала ҳал намешавад, дар ҳар сурат, бояд як назаре дошта бошем. Сарфи назар намудани ҳузури Русия дар минтақа аз сари тарс ё бепарвоӣ сурат мегирад, таърифу ситоиши ҳузури он танҳо нишонаи кундзеҳнӣ ва сарсариандешӣ мебошад, ки дар солҳои шуравӣ анъана буд. Агар дар солҳои шуравӣ назари мо ба тариқи ифротӣ мусбат буд, пас дар солҳои пасошуравӣ, бо тарғиботи ғарбиҳо назарҳо ба тариқи тафритӣ манфӣ гардиданд. Дар солҳои шуравӣ бо васфу ситоишҳо мехостанд ба ҳизби коммунист ва идеологияи ҳукмрон писанд оянд ва дар солҳои пасошуравӣ бо мазаммати Русия кӯшиш менамуданд, ки ба кадом як амрикоӣ ва ё англис ва ё араб

писанд гарданд. Ҳаргиз дар мо анъанаи мактаби ақлгароӣ шакл ва реша нагирифтааст, вокунишҳо ҳеҷ вақт худҷӯш набуданд, бинобар ин, ба ном рӯшанфикрони мо рангпарида боқӣ монданд. Назари банда пеш аз хондани асар чунин буд, ки муаллиф ҳатман ё дар сафи ифротиён аст ва ё дар сафи тафритиён.

Аммо ин гумон хато баромад, муаллиф тавонистааст ин масъаларо холисона таҳлил намояд, тавассути тасвири ҳодисаҳо ва ё сухани қаҳрамонҳо ҳам ҷанбаи мусбат ва ҳам ҷанбаи манфии ҳодисаҳоро нишон диҳад. Бештар бо тасвири ҳодисаҳо ва нишон додани шиддати ҷанбаи асосии он муаллиф хонандаро водор менамояд, ки худ қазоват ва натиҷагирӣ намояд. Романи мазкур масъалаҳои зиёдеро дар бар гирифтааст ва ба ҳодисаҳои муҳими зиёде ишораҳо шудааст ва мо аз рӯи имкон ҷанбаҳои асосии онро мавриди таҳлил қарор медиҳем. Дар ин асар ҳар як образ ба мисли рамзест, ки пайгирӣ кардани он, як падида ва ё ҳодисаи муҳимро бозкӯшоӣ менамояд.

Пеш аз ҳама, бояд зикр намуд, ки дар бунёди асар, ҳамчун хатти асосӣ як дуализм, набарди тазодҳо ва зиддиятҳо ба назар мерасад, ки ҳеҷ як ҳодиса якнавохт набуда, ҳамеша ҳама чиз дар ҳолати “гирду гардон” қарор мегирад. Ин маъниро мо дар идома ҳангоми тасвири образҳо, ҳодисаҳо ва равандҳои асосӣ бозкӯшоӣ менамоем. Ҳодисаҳо аз оғози корҳои ободонӣ дар водии Вахш ва ҳамчунин Ҷовид Мансуров, аз як шахси оддӣ оғоз ёфта, тамоми ҳодисаҳо дар атрофи онҳо чарх мезананд. Дар ҳамин муносибат, муаллиф кӯӯшидааст, ки назари бунёдӣ ва таҳлилҳои худ дар мавриди моҳият ва ҳақиқати сохти шуравӣ дар Тоҷикистон, ҳодисаҳои асосии дар ин рӯзгор рухдодаро бозкушоӣ намояд. Муаллиф мехоҳад ду риштаи асосӣ: аз як тараф, иқдоми офарандагӣ ва созандагии шуравӣ ва аз дигар тараф, як идеологияи шикананда ва

кӯтоҳандешонаи онро ба намоиш гузорад. Дар асар ишораҳое низ вуҷуд доранд, ки далолат бар ҷанбаҳои мусбати идеологияи шуравӣ доранд, аммо агар мо худро ба хатти асосии асар маҳдуд созем, онгоҳ маҳз як назари танқидӣ нисбат ба ин ҷанбаи идеологияи шуравӣ ба назар мерасад.

Масъалаҳо, паҳлуи масъалаҳо, идеяҳо ва андешаҳои наве, ки дар асар оварда шудаанд, барои замони имрӯза нав нестанд, ҳанӯз аз солҳои охири шуравӣ онҳо баён мегардиданд, аммо ҳамаи онҳо дар шакли алоҳида, пароканда, шиоргуна ва аксаран тӯтивор садо медоданд. Равиши фарққунандаи муаллифи асар ин бевосита, тавассути тасвири ҳаёти воқеӣ, ҳодиса ва амалкарди қаҳрамонҳои асар, ҳамчунин тавассути образнокӣ биниши ғайрианъанавии худро ба намоиш мегузорад.

ххх

Дар оғози асар чунин маънӣ таъкид мегардад, ки шуравӣ як Тоҷикистони обод ва шукуфоро ба мерос набурдааст. Дар баробари ташкили Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии алоҳида ва ба низом даровардани сохтори сиёсии он, корҳои ободкорӣ, бахусус дар соҳаи кишоварзӣ низ оғоз гардида буданд ва дар асари мазкур Водии Вахш ҳамчун намунаи иқдомҳои созандагӣ интихоб гардидааст. Ирода ва заҳмати боварнакардании шуравӣ ва мардуми тоҷик буд, ки ин водӣ аз як биёбони ҳавлнок ба водии зарнисор табдил ёбад.

Дар адабиёти анъанавии мо одат шуда буд, ки ҳодисаҳоро анқариб дар новобастагӣ аз ҷаҳони ботинии инсонҳо ба тасвир кашанд ва ё чунин робита то андозае хело хира ба назар мерасид. Нақли ҳодисаҳо муҳимтар буданд, нисбат ба нақди онҳо ва ё фуру рафтан ба ҷаҳони вуҷудии инсонҳо. Ҳангоми тасвири ҳодисаҳои замони босмачигарӣ, барқарорсозии сохти шуравӣ, Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ғайра қаҳрамонҳои амалкунанда аксаран ҳамчун фотеҳе нишон дода мешуд, ки

танҳо ба хотири пирӯз гардидан ба ҷаҳон омадааст. Худи ҳодисаи асосии сиёсӣ ҳамеша муҳимтар аз ҷаҳони ботинии қаҳрамонҳо, бахусус дарду ранҷи вуҷудии онҳо ба тасвир меомад. На олами вуҷудии инсон, балки ҳодисаҳои таърихӣ ва сиёсӣ ангезаи нависанда шудани бисёриҳо гардида буд ва агар чунин ҳодисаҳо рух намедоданд, шояд бисёре аз китобҳо ба вуҷуд намеомаданд ва бисёриҳо нависанда намегардиданд. Дар мавриди солҳои ободкунонии Вахш бошад, дар мо одат шуда буд, ки бо номи "водии зарнисори Вахш" худро қонеъ гардонем ва танҳо бо суханҳои умумӣ аз ифтихорот ва шукуҳу шаҳомати он сухан кунем. Бо истифодаи истилоҳҳои "меҳнати зарбдор", "ҷоннисорӣ" ва мисли инҳо ба ҳодиса пӯшиши умумӣ дода мешуд ва он ҳодиса ва фоҷеаҳое, ки то ба дараҷаи "водии зархез" расидани водии Вахш амал мекарданд, одатан паси парда боқӣ мемонданд. Чунин амалкард дар ҳамаи ҷамоҳири шуравӣ ва дар нисбати ҳамаи дастовардҳои бузург хос буд. Мактаби реалистӣ бештар як мактаби нақлӣ буд, то таҳлилӣ ва нақдӣ.

Аммо муаллифи "Нони шарикӣ" бисёре аз ҳодисаҳои талх ва таҷрибаҳои ногувореро, ки дар баробари ободкунонии ин водӣ ба вуҷуд омада буд, ба тасвир кашидааст. Яке аз масъалаҳое, ки муаллиф онро матраҳ сохта хело андак, аммо таъсирбахш дунболагирӣ кардааст, аммо сухан дар мавриди он табу ҳисобида мешуд, ин масъалаи ашрофият аст. М. Саидзода нишон медиҳад, ки сафарбарӣ ба водии Вахш на ҳамеша ихтиёрӣ сурат мегирифт, аз ҷумла хонаводаҳои доранда ва ашрофро маҷбуран ба ин водӣ муҳоҷир менамуданд. Бояд зикр намуд, ки дар асар масъалаи ашрофият матраҳ нест, балки бархурди манфии идеологияи шуравӣ бо бозмондагони табақаи ашроф, аммо аз ишораҳо маълум мегардад, ки онҳо аз арзиш ва хислатҳои волои инсонӣ бархӯрдор ҳастанд.

Мутаассифона набудани ҷомеашиносии пешрафта ва ҳамчунин таърихнигории фарогир боис гардидааст, ки мо дар бораи табақаи ашрофи ҷомеаи худ дар асрҳои миёна ва оғози асри бистум маълумоти андак дар ихтиёр дорем. Омӯзиш ва дарки хусусиятҳои ин падида барои мо ҳатмӣ мебошад, зеро дар ҳамаи ҷомеаҳои ҳамаи замонҳо он як унсури асосиро ташкил медод, нашинохтани табақаи ашрофи ҷомеа ин маънии нашинохтани худи ҷомеаро дорад. Аммо ин падидаи иҷтимоӣ дар фарҳангҳои гуногун ва замону макони хос ҳамеша мавриди таҳаввул қарор гирифтааст. Масалан, тамоми файласуфони бостонии юнонӣ ҷонибдори ашрофият буданд, зеро ба гуфтаи Афлотун ашроф фарзанди худро тарбия мекард ва ҷомеа аз ҷониби мардуми тарбиядида идора мегардид, аммо табақаи мардуми оддӣ тавони тарбияи фарзанди худро надошт ва ҷомеаҳои демократӣ дар Юнони Бостон ҳеҷ вақт самараи дилхоҳ намедоданд. Мо ягон файласуфи бузурги Юнони Бостонро намедонем, ки аз демократия пуштибонӣ карда бошад. Конфутсий низ қонуни жен, ё инсондӯстиро, ки ҷавҳари таълимоти ӯро ташкил медиҳад, танҳо хоси табақаи ашроф медонист. Камолоти арзишҳои ахлоқӣ, зебоишиносӣ, ҳунарӣ ва ё сиёсӣ маҳз ба табақаи ашроф тааллуқ дошт ва маҳз ин табақа меросбари арзишҳои воло буданд. Дар инкишофи андешаҳои рӯшангарӣ дар Фаронсаи асри 18-ум маҳз хонумҳои ашрофзода мусоидати бештарро анҷом дода буданд. Аммо аз хиёнати ашрофзодаҳо барои давлатҳо ва ҷомеаҳо низ маълумоти зиёд вуҷуд дорад. Масалан, дар ҷанги 12-рӯзаи миёни Эрон ва Исроил ҳоло гурӯҳи калоне аз табақаи ашроф ва сарватманди Эрон ҳамчун хиёнаткор гумонзанӣ карда мешавад, ки бар хилофи манфиатҳои ватан амал кардаанд.

Ашроф дар баробари доштани маблағи зарурӣ аз дониши касбӣ низ дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ, бахусус соҳаи

кишоварзӣ, баҳраманд буд. Аммо ҳеҷ вақт зиддияти байни табақаи ашроф ва сарватманд бо халқи оддӣ аз байн нарафтааст. Масалан, агар дар Юнони Бостон қудрати сиёсӣ ба дасти ашроф меафтод, аввалин кори ҳокими ашроф ин қасам хурдан дар мавриди он буд, бо тамоми вуҷуд дар муқобили мардуми оддӣ қарор мегирад ва бо онҳо мубориза мебарад. Ҳукумати шуравӣ, ки моҳиятан аз мардуми оддӣ пуштибонӣ мекард хилофи ашрофзодагони юнони бостониро анҷом дод, яъне бо тамоми қудрат дар муқобили табақаи ашроф мубориза бурд ва ҳеҷ вақт дар баробари онҳо гузашт накард.

Муаллиф ба шеваи бархурди ҳокимияти шуравӣ ба табақаи ашроф ва сарнавишти минбаъдаи онҳо таваҷҷуҳ менамояд, ки ниҳоят омӯзанда мебошад. Ӯ ин ҳақиқати талхро дунболагирӣ намуна, нишон медиҳад, ки онҳо на танҳо ба хотири ашрофзода будан ба водии Вахш маҷбуран муҳоҷир гардидаанд, балки чун "унсури бегона" барои ҳамеша боқӣ мондаанд, он ҳам бо вуҷуди садоқати онҳо ба сохти шуравӣ ва ҷоннисории онҳо дар роҳи ободонӣ, иштирок дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва маъракаҳои ҳаётан муҳим. Муаллиф ноадолатиҳои сарзада дар нисбати табақаи пешрафта аз ҷониби дастандаркорони идеологияи шуравиро дар симои Алишер ва суҳбати ӯ бо раиси ҷавон ба тасвир мекашад. Муносибати оштинопазири идеологияи шуравӣ бо табақаи нисбатан ашроф танҳо хоси Тоҷикистон набуда, муаллиф дар қадами аввал дар мисоли суханони Иван ва руъёи Ҷовид, ки ҳарду бисёр монанд ҳастанд, нишон медиҳад, ки дар Русия низ вазъ чунин будааст. Масалан, азбаски Максим Буров аз оилаи ашрофзодаҳо буд, ҳамчун "унсури бегона" дар Русия зиндагӣ карда наметавонад ва маҷбур мешавад, ки Тоҷикистонро ҳамчун ватан интихоб намояд.

Ҳам Ҷовид Мансуров ва ҳам Алишер, ки ҳар ду қаблан ба табақаи "дастбакор", ё "одамшаванда", муаллиф табақаи

ашрофро бо чунин калимаҳо ифода намудааст, тааллуқ доштанд, бо вуҷуди аз даст додани тамоми сарват ва бойигарии падариашон, бо умед ва дилгармӣ барои ояндаи дурахшон амал менамоянд. Ҳамонҳое, ки ба табақаи одамшаванда тааллуқ доштанд, нашъунамои заминҳояшон хуб буд, нисбат ба дигар муҳоҷирон. Инҳо ҳамонҳое буданд, ки шуравӣ ҳамаи дороиҳояшонро кашида гирифта, барояшон гуфта буд "ҷойи ту саҳрои Вахш". Масалан, Алишер танҳо ба хотири дар солҳои қаблазинқилоб аз авлоди доранда ва сарватманд буданаш, ҳамеша мавриди хусумат ва бадбинии одамон ва идеологҳои шуравӣ қарор мегирифт. Дар симои ин образ муаллифи асар табақаеро нишон медиҳад, ки дорои огоҳии муайяни сиёсӣ мебошад. Лоақал ӯ фаҳмида метавонад, ки шуравӣ бо ваъдаҳои адолат ва баробарӣ мардумро фиреб додааст, аммо ҳанӯз идеалҳо ҳамчун ормон боқӣ мондаанд. Ӯ мегӯяд: "Лекин зиндагӣ беҳ нашуд. Баробарӣ ҳам нашуд-ку". Алишер нисбат ба сохти шуравӣ хусумат дошт, зеро ҳама сарваташро шуравӣ гирифта буд: "Хонаву дороиамро гирифтанд, аспамро, қутани моламро гирифта колхоз сохтанд". Новобаста аз ин ҳама Алишер тағийр ёфта буд, ӯ сохти шуравиро эътироф мекунад ва нисбат ба дигар сохторҳо онро беҳтар меҳисобад ва фарзандонашро низ дар руҳияи нав тарбия мекунад: "Донед, ки аз замонаҳои амирону подшоҳони худбину худкомаи гузашта, ҳамин давлати фуқаропарвар беҳтар аст. Дар ҷумҳуриямон тарраққию пешравиро дида хурсанд мешудам. Вале ин давлат ин қадар солҳо боз бо ман ба чашми душманию адоват менигаристааст. Бадбинии ин тоифа ... ношустанӣ будааст. Ва боз бадтинатиашонро бинед, ки "инҳо кулаки беҳуқуқанд" , ба фарзандонам ҳам сироят мекардааст". Алишер 4 сол "барои ҳамин коммунистҳои баддил ҷанг кардааст. Пахта, плон, партия гуфта, худамро дардманд кардам" (саҳ. 110).

Ҳолати дигаре, ки муаллиф ин идеяро тақвият медиҳад, ин суханони муҳоҷири ҳоитӣ -Аваз мебошад, ки ба Алишер мегӯяд: "Ака, дар ватанам маро Авазхон мегуфтанд. Хонаву дари муносиб доштам. Хона, замин барзаговҳоямро гирифта ба колхози бетагашон ҳамроҳ карданд... Ману занамро мисле, ки мурдаро дар тобут мегузорӣ, ба дасти холӣ ба ин тараф роҳӣ карданд" (саҳ. 90).

Муаллиф нишон доданӣ мешавад, ки ба муҳоҷират муваҷҷаҳ кардани мардум на танҳо бо хубӣ ва ихтиёрӣ сурат гирифтааст, балки раванди корҳои ободоникунӣ низ якнавохту ҳамвор сурат нагирифта, меҳнати тоқатфарсо ва ҳамчунин фоҷеаҳоро ба ҳамроҳ доштааст. Замин ба осонӣ намехост қамишро аз даст диҳад ва набарди шадид байни инсон ва замин сурат мегирифт. Мардум дар бадтарин шароит кор мекарданд, норизогиҳои зиёд вуҷуд дошт, аммо иродаи созандагӣ ва офарандагӣ дар ниҳоят бар ҳама чиз пирӯз меояд ва водӣ дар ниҳоят ба "водии зарнисор" табдил мегардад. Муаллиф як раванди бисёр мушкил ва сахтро бо маром тасвир карда, аз бадтарин вазъиятҳо то ба беҳтарин шароитҳо расиданро ба намоиш мегузорад. Бинобар ин он ҳама норизогиҳои Алишер, ҳамчунин Аваз ва хусуматҳои онҳо танҳо ними масъала аст ва дар қисматҳои минбаъдаи роман муаллиф нишон медиҳад, ки Алишер нисбати сохти шуравӣ дорои назари мусбӣ мегардад. Бахусус, пас аз оне, ки Ҷовид Мансуров аз зиндон бармегардад ва ба воқеият бо чашми мушоҳида менигарад, аз ободониҳо ва пешрафт шигифтзада мегардад. Акнун ба ҷои хонаҳои хасину гилин мардум дар хонаҳои барҳаво зиндагӣ мекарданд, соҳиби автомошина шуда буданд, ба пахтачинӣ бо либоси махсус мерафтанд ва мисли ин. Алишер низ аз суханҳои манфие, ки ба Мансуров дар мавриди шуравӣ ва идеологияи он гуфта буд, пушаймон мешавад.

Муаллиф мехоҳад ноустуворӣ ва кӯтоҳбинии идеологияи шуравиро низ ба тасвир кашад, ки ҳамеша пас аз дастоварди андаки руҳбаландкунанда, як ҳодисаи ниҳоят манфӣ ва шикандаи идеологӣ сурат мегирифт, ки дар ниҳоят, ба фурӯпошии шуравӣ оварда расонид. Марҳалаи аввал ин дар солҳои сиюм ба амал меояд, яъне пас аз дастовардҳои андаки созандагӣ сиёсати “ҷустуҷӯи душмани синфӣ ва унсури бегона” сурат гирифт, ки ба ҳар баҳона мардум ва он ҳам мардуми таҳсилдида ва огоҳро аз ҷомеа берун карда ба ҷойҳои нообод ва мудҳиш бадарға менамуданд. Марҳалаи дуюм ин дар солҳои шастум рух медиҳад, ки дар авҷи корҳои ободонӣ ва созандагӣ, ҳодисаи “изофанависӣ” ба миён меояд ва боз ҳам ба тариқи дағалона инсонҳои кордон, варзида ва содиқ ба сиёсати шуравиро ба ҳар баҳона “мешикастанд”, ин як зарба ба худи пайкари давлати шуравӣ буд. Ин ҳодиса аз гиребони шахси якуми Тоҷикистони онвақта сар карда то ба раисони колхозҳои дурдастро дарҳам печида буд ва дар ҷумҳурии Узбекистон, ки ин сиёсат дертар омада буд, ниҳоят мудҳиш буд. Ин ҳақиқатро муаллиф аз забони модари Гулнисо, оилаи Мансуров, пас аз хабари дастгирии Мансуров баён месозад, ки онро ба тақдир нисбат медиҳад (саҳ.207). Марҳалаи сеюмро муаллиф бо масъалаи забон ва ба назар нагирифтани арзишҳои миллӣ рабт медиҳад, ки дар ниҳоят бо фурупошии низоми сохташуда ба анҷом мерасад.

xxx

Ҳадафи асосии нависанда ин бозкӯшоӣ намудани ҳақиқати замон аст, бинобар ин дар баъзе мавридҳо кӯшиш намудааст, ки ҷанбаи бадеии асарро қавӣ гардонад ва дар мавриди дигар, аз бадеисозии шахсиятҳо ва образҳо дурӣ ҷуста, ҳақиқати замонро ҳамчун воқеияти объективӣ ба тасвир кашидааст. Масалан, ба хубӣ эҳсос мегардад, ки Ҷовид Мансуров, қаҳрамони асосии асар, типикунонидашуда мебошад, аммо

шахсиятҳои зиёде дар асар вомехӯрад, ки ҳамчун шахсияти таърихӣ ва воқеӣ оварда шудаанд, аз ҷумла Улҷабоев, Ковал, Боқӣ Раҳимзода, Ҳайдар Қосимов, Сталин ва даҳҳо нафари дигар. Дар ин мавридҳо асар бештар ба худ хусусияти шояд очерк, ё умуман публитсистикаро мегирад. Шояд чунин таҷриба дар адабиёти ҷаҳонӣ вуҷуд дорад, аммо дар сурати вуҷуд надоштан низ наметавон онро ҳамчун нуқс қабул намуд, эҷодкор бояд пеш аз ҳама аз озодии эҷодӣ бархурдор бошад. Ба хотири аҳамияти табиати замон ва ҳодисаи воқеиро нишон додан, нависанда аз бадеиёт дурӣ ҷуста ба воқеият баргаштааст. Кушода додани асли матлаб муҳимтар аст нисбат ба нишон додани тавоноии худ дар образпардозӣ ва типикунонии шахсиятҳо.Масалан, дар яке аз суҳбатҳо Мансуров ба Алишер, ки дар мавриди моҳият ва ҳақиқати ҳокимияти шуравӣ ва мафҳуму шиорҳои асосии он бисёр меандешид, истилоҳи "пролетар"-ро чунин шарҳ медиҳад: "Пролетар илмест, ки нуктадонҳо аз қаъри замонаашон берун кашида ба мардум бинамуданд. Онҳо диданд, ки одамони заводу фабрик, бонк, соҳибони роҳи оҳан, яъне дороҳо беҳад бой шудаанд, аммо ба мардуми баҳрашон хидмат мекарда, яъне ранҷбарон маоши ночиз медиҳанд, онон рӯз то рӯз дармондаву гадо мешаванд, донишмандон то ки ҷамъият яктарафа шуда саранҷом ба фоҷиа гирифтор нашавад, ранҷбаронро "пролетар" ном ниҳода маслиҳат медиҳанд, ки онҳо бояд ҳама даст ба даст гирифта бо роҳи инқилоб гардиши ҳаётро дигар намоянд".

Яке аз ҳодисаҳои барҷастаи роман ин тасвири ҳодисаи марбут ба Улҷабоев мебошад, ки бо зиндагии қаҳрамони асосӣ Мансуров низ печидагӣ дорад. Дар муносибат бо ин ҳодиса муаллиф як қатор масъалаҳои бунёдиро ошкор месозад: якум, бунёди беморгуна ва ғайрисолим доштани ҳизби коммунист, он ҳамчун механизме, ки новобаста аз таъсири шахсият бошад,

амал карда наметавонад, шахсҳои алоҳида, дар мисоли Ковал ва ё Казлов, ба хотири ғаразҳои шахсӣ ҳизб ва ҳамин тавр ядрои як давлати абарқудратро ба хостаи худ суиистифода мебаранд, ки дар умум яке аз нишонаҳои барҳамхӯрии шуравиро ифода менамояд; идеологияи коммунистӣ дар худии худ бад нест, он олитарин ормони башарият аст, аммо дар мисоли худи русҳо дида мешавад, ки ҳанӯз барои амалисозии ормонҳои воло як коммунисти шуравӣ тайёр нест, ҳам ахлоқан ва ҳам маънаван оқибмонда, дағал ва хом мебошад. Дар ин ҷо нишон дода мешавад, ки дар сурати набудаи фаҳмиш ва огоҳии зарурӣ чи гуна як ормони воло ба як падидаи бад ва ғайри қобили қабул табдил меёбад; савум, беҳувиятӣ, бешахсиятӣ ва тарсуии давлатдорони тоҷик: шахси якуми ҷумҳуриро бо туҳмати ошкор бадном менамоянд, ҳама хомӯш ва бепарво. Натиҷагирӣ дуруст, ин айби худамон аст: "Не, касе даҳон накушод. Ҳама тарс доштанд. Дар канори Улҷабоев – он ҷавонмарди номии ватан қанот шудан натавонистем" (саҳ. 137). Дар ин муносибат ҷасорати тоҷикон дар мисоли Низорамо Зарифова, Назаршоев ва Мастибеков ба намоиш гузошта шудааст, ки бо Ковал ва Казлов нотарсона ва бепарвоёна зиддият меварзанд ва хиёнаткорони дохилиро низ ошкор менамоянд. Нухбагони ҳизби коммунисти Тоҷикистон номуттаҳид, мутеи нафарони боло ва бе маснуият ҳастанд: дар сурати эътироз нафари Москав таҳдиди бастани ҳизбашонро мекунад ва ҳама хомӯш мемонанд.

Ба хотири он ки ҳақиқатҳои пусидаи бунёди сохти шуравиро бештар нишон диҳад, муаллиф ба тасвири рӯзҳои охири зиндагии Сталин ва муносибати наздикони ӯ бо доҳиро ба тасвир мекашад. Дар сухан ва амалҳои Ворошилов, Хурушёв, Молотов ва ғайра ҳеҷгуна ахлоқи баланд, садоқат, ҳисси инсонигарӣ нисбат ба як инсоне, ки солҳо ҳамкору ҳамнишин буданд, дида намешавад. Бо чунин маънавиёт дар

ҳақиқат ҳам шуравӣ ҳеҷ вақт на дар баробари як ҳукумати асили шарқӣ истода метавонист ва на дар баробари ҳукуматҳои ғарбӣ. Ин нокомилии нухбагони сиёсии шуравӣ буд, ки боиси фурупошии он мегардад. Шояд дар ҳақиқат чунин ва ё шояд муаллиф ба чунин натиҷа расида буд.

Муаллиф нишон медиҳад, ки шуравӣ бо ҳамаи иқтидоре, ки дошт дорои ду чеҳра: аз як тараф ҳомии меҳнаткашон ва сулҳу амонӣ, қудрати бузурги низомӣ ва ҳарбӣ дар баробари султаи ғарб, дорои беҳтарин муассисаҳои илмӣ ва мисли инҳо, аммо аз дигар тараф дорои як идеологияи корноомад, пешбарандагони он на ин ки аз муҳтавои таълимоти коммунистӣ ва ё сотсиалистӣ огоҳ нестанд, балки баъзан аз уҳдаи муносибати оддии инсонӣ баромада наметавонанд. Фарҳанги коммунистӣ тавониста буд шахсиятҳои зиёди вафодор ва поквиҷдонро тарбия намояд, аммо дар як вақт сафи онро шахсиятҳои нокомил ва кутоҳандеш, ки танҳо дар бораи манфиати худ меандешиданд, пур карда буд. Бемасъулиятӣ ва кутоҳандешии нухбагони радаи аввал то андозае баланд буд, ки арзишҳои миллӣ ва фарҳангии дигар миллатҳоро зери по менамуданд, ки дар натиҷа ба зарари худашон анҷом ёфт.

xxx

Қаҳрамони асосии асар Ҷовид Мансуров мебошад, ки муаллиф тамоми кӯшишашро барои барҷаста, комил ва назаррас нишон додани он истифода бурдааст. Мансуров баробари шуравӣ бузург мешавад ва тамоми пастию баландии низоми шуравиро дар худ таҷриба кардааст. Ӯ ҳам як коммунист ва намояндаи шинохтаи ҳизби коммунистӣ дар миқёси як ҷумҳурӣ мебошад, ки аз як комсомоли оддӣ то ба дараҷаи раисӣ ва депутатӣ мерасад, дар ҷанг иштирок менамояд ва бо ҳокимияти онрӯзаи Тоҷикистон дар алоқамандӣ қарор мегирад, аз дигар тараф бошад, як инсони

табиӣ ва зиндагидӯст мебошад, ки дар ишқ, дӯстӣ, ҷасорат, нотарсӣ, садоқат ва ростгӯйӣ беҳамтост.

Муаллиф кӯшидааст шахсияти Ҷовидро аз як ҷиҳат ҳамчун як коммунисти сатҳи миёна, ки аз як тараф бо инсонҳои оддӣ ва аз дигар тараф бо шахсиятҳои аввал ва муҳими ҷумҳурӣ ва шуравӣ сару кор дорад, тасвир намояд ва аз дигар тараф ҳамчун як инсони табиӣ, ки бо зиндагӣ як назари равшан, солим ва инсонӣ дорад. Мансуров зиндагии шахсӣ ва оилавиро болотар аз фаъолиятҳои ҳизбӣ ва сиёсӣ мегузошт. Яке аз ин намунаҳо муносибати ӯ бо оила ва фарзандон. Оилаашро бисёр дӯст медошт ва бо хушдоманаш низ ҳамчун як ҷавонмарди воқеӣ ва асил муносибат менамуд. Дар назди онҳо раис будани худро фаромӯш мекард, ҳамчун як мард ва як инсон зоҳир мегашт. Ҳамингуна муносибат бо фарзандонаш низ ба мушоҳида мерасид, дар аксуламал низ оила ва фарзандонаш ӯро дӯст медоштанд ва дар лаҳзаҳое, ки бо туҳмат ӯро зиндонӣ мекарданд, оилаи ӯ дар паҳлӯяш истода буд ва ин як қувваи азим буд. Гулнисо дар мавриди тӯматҳо мегӯяд: “Ман ба туҳмати ин дайдуҳои берӯйу бебаҳра бовар надорам. Ман ба ин худозадаҳо нафрати бепоён дорам” (саҳ. 216).

Дар ин маврид муаллиф дуруст нишон медиҳад, ки фарҳанги мо ин фарҳанги оилавӣ мебошад, марди ҳақиқӣ новобаста аз мансабу мавқеиятҳои иҷтимоӣ бояд пойбанди оила бошад, оилаашро дӯст дорад.

Мансуров дар дӯстӣ низ устувор буд ва бо дӯстони худ то охири умр содиқ монда буд, бахусус дӯстии ӯ бо Иван ва Максим Буров, Алишер ва ё Сарабек шоёни таҳсин аст. Бо дӯстон беҳуда баҳс намекард, дарҳол намеранҷид, ботаҳаммул рафтор мекард. Дӯстии ӯ бо рафиқони наздиктаринаш на сатҳӣ ва фардӣ, балки дар сатҳи хонаводагӣ аст. Дӯстонашро ба хона даъват намуда меҳмондорӣ менамуд ва ба хонаи

дӯстонаш мерафт ва аҳволпурсӣ менамуд. Чунин дӯстиро мо дар миёни ӯ ва Буров, ҳамчунин бо Сарабек, яке аз раисони колхози Узбекистон, ки дар ҳодисаи "изофанависӣ" гирифтор мегардад ва дар ниҳоят худкӯшӣ менамояд, мушоҳида менамоем. Ҳангоми дар зиндон будан Сарабек ӯро хабар мегирад ва ҳангоми ҳодисаи изофанависӣ Мансуров ба хонаи дӯсти узбекаш рафта аз наздик мехоҳад аз ҳоли ӯ бохабар шавад. Дар ҳамин муносибат Муаллиф ҷанбаҳои зиёди дигареро низ нишон медиҳад, ки аз дӯстию самимияти байни ду миллат сар карда то ба эҳтиром, одоби баланди фарзандон, муҳити зебои хонаводагӣ ва мисли инҳоро дарбар мегирад.

Дар бисёре аз мавридҳо ӯро наметавон ҳамчун як коммунист ва дар доираи виҷдони ҳизбиаш маърифат намуд. Ӯ аз ин чаҳорчӯбаҳо мебарояд ва баръакс дар доираи номус ва шарафи инсонӣ ва мардӣ рафтор менамояд. Масалан, вақте ки ба марг маҳкум менамоянд, ӯ қалбан эътироз менамояд, мурдани бошараф ва обрӯмандона ин як одати ҳар тоҷики асил мебошад. Мурдан зери бори туҳмат ва бадномӣ писанди ӯ нест: "Худоё мурдан амри худат аст. Лекин ман намехоҳам бо чунин рӯсиёҳӣ бимирам" (саҳ. 227). Дар зиндон бо Рашид беибо меҷангад ва дар байни зиндониён метавонад, ки бар ҳарифи худ пирӯз гардад.

Ҳамчун коммунист агар дар равнақи колхоз худро нишон дода бошад, лаҳзаҳои дигаре, ки ӯро ҳамчун шахсият нишон медиҳад ин ҳодисаи Улҷабоев аст. Ӯ яке аз камтарин нафароне буд, ки ба ҷонибдории Улҷабоев сухан мегӯяд ва ба муқобили аз ҳизб хориҷ кардани ӯ овоз медиҳад. Новобаста аз як шахсияти музофотӣ ва ба дур аз дасисаю бозиҳои пасипардагии ҳизбӣ будан, ӯ озодона дар назди намояндаи ҳизби коммунисти шуравӣ аз ҳақиқат ва адолат пуштибонӣ менамояд.

Мансуров иродаи устувори худро дар масъалаи ба гардан гирифтани он туҳматҳое, ки бар сари ӯ мехостанд бор намоянд низ нишон медиҳад. Ӯро маҷбур менамоянд ба гардан гирад, ки ба Улҷабоев "як миллион сум" пора додааст, ӯ тамоми азоби тоқатфарсои зиндонро таҳаммул мекунад ва баёнияи дурӯғин намедиҳад.

Ҳамчун як инсони табиӣ зиндагии ӯ якнавохт набуда, пур аз дуализми шодию хурсандӣ ва мусибату нигаронӣ буд, ки кулминатсияи он ин дар як рӯз иттифоқ афтодани бузургтарин шодӣ, яъне тӯйи хатнаи писар ва дар як вақт бузургтарин мусибат, яъне ҷанозаи духтараш мебошад. Мансуров ва аҳли оилаашро зарур буд, ки дар баробари шодию хурсандиҳои фаровон аз дастовардҳои Раис-бобо, мусибати марги духтарчаашонро низ таҳаммул намоянд. Аммо зиндагӣ бо ҳамин ба анҷом намерасад, Мансуров боз соҳиби духтарчае мешавад, ки ба номи фарзанди фавтидааш мегузоранд ва ин хабар дар рӯзҳое, ки ӯ дар зиндон сипарӣ менамуд, ба гӯшаш мерасад ва қувваи дилаш мегардад.

Аз хусусияти ҷолиби асар он аст, ки ҳар вақт ҳодисаю рӯйдодҳои зоҳирӣ баякборагӣ нопадид мегарданд ва қаҳрамон ба ҷаҳони ботинии худ фуру меравад, замону макон аз байн мераванд ва қаҳрамон мехоҳад дар баробари худ қарор гирад, ҳақиқати худро бишносад ва худ худро қазоват намояд. Маҳз дар ин лаҳзаҳо қаҳрамони асосӣ ва масъалаҳои барои ӯ муҳим ба хубӣ ба таҷаллӣ меоянд. Яке аз лаҳзаҳое, ки ӯро ба ранҷи амиқ фуру мебарад, ин андешаи ӯ дар мавриди падараш буд, ки бо сабаби гирифториҳои зиёд натавониста буд аз дили ӯ ба хубӣ огоҳ гардад ва тавонад марҳами дилаш шавад. Замоне, ки Мансуров бо дили гарм ба идеяҳои шуравӣ бовар карда, онро пеш мебурд, падараш пешакӣ мегуфташ, ки ин давлат оқибат надорад, аммо ба хотири халале ба фарзандаш нарасонидан оҳистагиро пеша мекард ва минбаъд аслан дигар ба

Тоҷикистон барнамегардад. Дар ин образ муаллиф ҳақиқати зиндагии ҳазорон тоҷикеро ба тасвир кашидааст, ки ҳамчун эътироз ба Афғонистон мераванд ва дар он ҷо беному нишон мегарданд.

Мансуров шояд ба хотири ҷавонӣ падарашро фаҳмида наметавонад ва айнан чунин саҳна дар нисбати худи ӯ бо писари раисаш низ рух медиҳад, ки вақте меҳмони писарашро бо порачӯбе мезанад, писараш бо ҳарорат ба ӯ мегӯяд: "Эҳ Шумо чигуна падар шудед. Моро мудом дар бало меафканед" (саҳ. 359). Ин як фалсафаи ҳаётӣ барои инсон аст, ки одатан дар ҳангоми ҷавонӣ инсон падар ва дигар бузургонро фаҳмида наметавонад ва хело дер аз чунин хомии худ огоҳ мегардад.

Пас аз баргаштан аз зиндон Мансуров, ки синну солаш рафта буд, бештар як мушоҳидачии натиҷаҳои ҳокимияти шуравӣ мешавад. Бо вуҷуди соҳиби мансаб гардидан ва як муассисаи оқибмондаро дигарбора obод намудан, бештар дар суҳбати хонавода, ҳамдеҳагон ва ёру дӯстон зуҳур менамояд. Аз зиндагии нисбатан обод ва пешрафта ва фарзандони таҳсилкарда ва муваффақ ҳаловат мебурд, аммо дар ниҳоят шоҳиди бенизомиҳои охири мавҷудияти давлати шуравӣ мегардад.

ххх

Шуравӣ кӯшиш менамуд, ки муқобили хурофот мубориза барад ва осори онро решакан намояд, бояд иқрор кард, ки баъзан ин амалро ба иғроқ мерасонид. Аз рӯи қонун коммунист ҳақ надошт, ки фарзандашро хатна карда, тӯйи калон ташкил намояд ва ё наздикони худро ҷаноза намояд. Хатари калон буд, аммо Мансуров ҳам барои фарзандаш маъракаи калон бо маъракаи бузкашӣ ва ҳам духтарчаашро бо ҷаноза ба хок месупорад.

Дар асл, ҳадаф мубориза бо хурофот буд ва манъи ин маъракаҳо низ ба хотири раҳо кардани мардум аз банди

нодонӣ, аммо азбаски худи намояндагони ҳизб дониши кофӣ надоштанд, ба ҷойи ёфтани як механизми солим ва додани огоҳӣ, дағалона ва хушк мардумро аз ин маъракаҳо манъ менамуданд, ки таъсири баръакс медод. Онҳое, ки дар замони шуравӣ зиндагӣ кардаанд, медонанд, ки маъракаҳои зиёди бемаънӣ вуҷуд дошт, ки бо ислом ва ақли солим ҳеҷгуна робитае надоштанд. Дар ҳамон айём маъракаҳои бодабдабаро боз ҳамон амалдорон мекарданд, ки намунааш худи Мансуров мебошад. Новобаста аз манъ кардан, анҷом додани маъракаҳоро муаллиф чунин баён намудааст: "Дар роҳ ба зеҳнаш омад, ки ҳамин тӯйи суннатиро аз котиби аввал шуруъ карда, то фаррошу гадоҳо баргузор мекунанд. Фарқ ҳамин қадар, ки мо – коммунистҳо корро бо мунофиқӣ, бо таҳлука анҷом медиҳем ..." (саҳ. 140). Баръакс ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон дар ин роҳ муваффақтар нисбат ба ҳукумати шуравӣ баромад. Аксари маросимҳое, ки дар замони шуравӣ роиҷ буданд, пас аз қонуни танзим, аз байн рафтанд.

Дар солҳои навадуми асри гузашта ҳаминро ҳам ҳамчун як баҳонаи эътироз забонзад менамудем, ки шуравӣ моро аз анҷом додани маросимҳо манъ менамояд, ҳоло он ки ин амали шуравӣ дар асл на ба зарар, балки ба манфиати мо буд. Маблағи меёфтаи мардум танҳо барои маърака сарф мешуд ва кор то ба дараҷаи бемаънигии мутлақ расида буд. Масалан, барои анҷом додани маросими хатна, соҳиби фарзандро лозим буд, ки як шом маслиҳатгирон, як рӯз ҳезумравон, як рӯз раисталбон, ҳалвохурон ва мисли инҳо маъракаҳои ғайриақлонӣ ва бемаъниро анҷом диҳад. Агар яке аз ин маъракаҳо анҷом нашаванд, ҳатман соҳиби маърака мавриди таъна қарор мегирифт ва инсони шуравӣ тавони дар баробари таънаи дигарон истодагӣ карданро надошт. Масалан, дар водии Зарафшон агар маводи барои тӯй лозимаро аз Самарқанд харид карда намеомадӣ ва ё дар баъзе ҷойҳо бо

равғани сафед ош мепӯхтӣ маъракаи кардаат ҳисоб намешуд ва ё мавриди таъна қарор мегирифтӣ. Мардуми оддӣ фикр мекарданд, ки ин расму русум хусусияти динӣ дошта, бояд онҳоро анҷом диҳанд, аммо руҳониёни огоҳ худ муқобили чунин маъракаҳои бемаънӣ буданд, ки дар пеши роҳи онро гирифтан оҷизӣ мекашиданд. Пас аз истиқлол ин ҳама бемаънигиҳо барҳам хурданд. Дастгоҳи идеологии шуравӣ ҳатто дар муқобили оддитарин хурофотҳо заиф буд ва онҳоро барҳам дода наметавонист, зеро механизм ва шеваи бархурд бо онҳоро намедонист. Яке аз мисолҳои барҷаста дар ин маврид муносибат бо забонҳои миллӣ буд, ки ба қавли қаҳрамони асар боиси барҳам хурдани "дӯстии халқҳо" ва норизоиятию эътирозҳо гардида буд. Ҳоли идеологияи шуравӣ дар баъзе мавридҳо ҳамон "ҷони нодон дар азоб"-ро мемонд.

ххх

Яке аз боарзиштарин масъалаҳое, ки дар асар муаллиф бо маҳорати махсус ба риштаи таҳрир кашидааст, ин масъалаи марг аст. Дар ин ҷо як навъ синтези фаҳмиши фалсафии марг, ки хусусияти назариявӣ дорад, бо таҷрибаи бевоситаи амалии Мансуров аз марг синтез карда мешавад. Таҷрибаи марг замоне оғоз меёбад, ки дар ниҳоят ба сабаби изофанависӣ, аз худ кардани маблағи калон ва додани пора Мансуров ба "ҳукми қатл" маҳкум мегардад ва ин ҳолат дуру дароз давом менамояд, то лаҳзае, ки ҳукми қатл ба 15 сол зиндон иваз карда мешавад. Дар аввалин лаҳзаи шунидани ҳукми қатл Мансуров дар чунин ҳолат гирифтор мешавад: "Мансуровро хун дар рагҳояш ях кард. Пеши чашмонашро абри тирае пӯшонд. Гӯё бо оҳане ба сараш зада бошанд, моту мутаҳайир бимонд" (саҳ. 225). Пас аз каме ба худ омадан, ки он ҳамчун ҳолати сарҳадӣ шинохта мешавад, дигарбора умеди ӯ ба зинда мондан пайдо мегардад ва аз Худо ёд мекунад. Боз ҳолати

аввала бармегардад ва ҳолати карахтӣ ӯро фаро мегирад ва чизе ба забон оварда наметавонад. Ҳамин ҳолат худ таҷрибаи марг мебошад ва нишонаҳое, ки дар Мансуров пайдо мешаванд, ҳамон хосиятҳои марг ҳастанд. Ҳангоме ки онҳоро мебурданд ба хотири Мансуров сухани Ковал меояд: "Туро напарронам, номам Иван не!" (с.аҳ. 226). Баъди он ҳам боз умед бар фикри марг пирӯз мегардад ва бовараш намеояд, ки ӯро дар чунин ҳол, яъне бо туҳмат ва сарафкандагӣ ба марг расонанд. Мансуров манзараҳои зеборо мушоҳида мекунад, аммо сояи марг, ки дар сараш чарх мезад, зебогии ҷаҳонро барояш барҳам дода буд. Ҳам худро барои марг омода мекард ва дар як вақт умед ба зинда мондан низ ӯро раҳо намекард.

Фикри маргро, ки вуҷуди Мансуровро фаро гирифта буд, тасвири маконе, ки то лаҳзаи ба қатл расонидан бояд Мансуров дар он меистод, боз шиддат мебахшид. Ӯро дар як хоначае ҷой менамоянд, ки бӯйи наму заҳ меомад ва нимарӯшан буда аз сақфи он об мечакид. Хоначa ба ҷӯз аз тахта ва бар болояш як курпаи чиркин чизи дигаре надошт, ки Мансуров онро "оғили пурнам" меномад ва посбон бошад онро "хонаи марг" меномад. Посбон, пас аз оне ки барояш об медиҳад, мегӯяд: "Боз як дафъа дарро задӣ мепаронамат! Туро ҷанозаат хондагӣ!". Ин суханро зеҳни Мансуров такрор менамуд. Муаллиф тасвири ҳолати қаҳрамони худро, ки дигар ба ғайр аз марг дар бораи дигар чиз андешида наметавонист, боз идома медиҳад. Пас аз бедор шудан аз хоб Мансуров бо худ мегуфт "Акнун бароварда мепаронанд ... Сипас мебаранд ба ҷои махсус. Рост мемонанд, паҳлу гашта наметавонӣ. Ту он касеро, ки тират мезад намебинӣ" (саҳ. 230).

"Хонаи марг" дигар барои Мансуров ҷои руъёҳо ва ба хотир овардани муҳимтарин арзишҳои зиндагиаш гардид. Дар аввалин қадам, оила ва фарзандонаш ӯро ба андеша водор карданд ва дар лаҳзаи баъдӣ, нахустин маротиба "аз партияи

ҷоноҷонаш" нафраташ меояд. Дар лаҳзаи дигар падарро ба хотир меоварад ва акнун ҳамин хона низ дар назараш дигар бад наменамояд ва мехоҳад, ки ду-се рӯзи дигар дар он зинда монад: "Кош боз ду рӯзи дигар мемондам. Ин ҷо чандон ҷойи бад нест" (саҳ. 232).

Руъёҳо ва ё андешаҳои вуҷудии Мансуров дар "хонаи марг" идома меёбанд. Бояд зикр намуд, ки дар ин ҳолат беш аз ҳар лаҳзаи дигар ҳақиқати Мансуровро хубтар шинохтан мумкин аст. Дар ин ҳолат ӯ ба худ дурӯғ гуфта наметавонад, ҳар чизе ки ба хотири ӯ меояд, ҳақиқат ва ҳар тасмимгирие, ки мекунад, дуруст аст. Ҳамин тавр, он чизи дигаре ки ӯро ба таҳаммул водор месозад, ин "дур шудан аз Худо ва наздик шудан ба партия" мебошад, дар идома Мансуров ба худмаҳкумкунӣ мегузарад ва чизҳое пайдо менамояд, ки ба марг маҳкум шуданашро дуруст маънидод менамуд. Муҳимтарин далел он буд, ки ӯ то ҳол боре аз марг наандешида буд: "Аммо, бубин, бештари умрат гузаштааст у ту аз ин душмани инсон- марг ёде накардаӣ" (саҳ. 233). Раванди худшиканӣ ва худтаҳқирсозӣ идома меёбад ва дар баробари он эҳсоси ҳам эътироз аз Худо, ки ҳамааш хостаи ӯ ва ҳам эътирофи бузургии ӯ. Дар ниҳоят Мансуров бо обе, ки барои нӯшидан оварда буданд, таҳорат карда намоз мехонад. Аммо боз андешаи он, ки оё намози як коммунист қобили қабул аст ва ё не, ӯро ба ҳазору як гумону тахмин гирифтор мекард. Мансуров ҳамин гуна як моҳро дар "хонаи марг" мегузаронад.

Дар "хонаи марг" Мансуров худ худро дар маҳкама мекашид, бо гузаштаи худ дар набард буд. Худ худро маҳкум менамуд, дар баробари ҳамагуна ба фикри худаш "гуноҳҳо" иқрор мегардид. Мансуров дар зиндон будани худро фаромӯш карда буд ва дар зиндони худӣ бо худ дар афту дарафт буд. Ӯро аз ин ҳолати сарнавиштсоз, ки умри гузаронидаашро аз ғалбери таҳлил мегузаронид, як сухани нигилистӣ, ё

ҳеҷангоронаи Суларкин, яъне "аз оғози дунё ин қатлу кушторҳо буд" наыот медищад. Ин андеша ӯро тасаллӣ медиҳад ва нооромии ботиниашро аз байн мебарад. Барои он ки ҳаққонияти ин андешаро бештар писандад, зеҳни ӯ далели дигаре пайдо менамояд, ки он бо Сукрот ва ҳодисаи марги ӯ мебошад. Ӯ бо маслиҳати Бобои Ҳайдар аз маҷаллае қиссаи қатли Суқротро мехонад, ки барои рангин гардидани муҳтавои роман, як амали наҷиб мебошад. Навгоние, ки муаллиф ворид кардааст ин як андозае ба Мусо, Нуҳ ва худо наздик гардонидани Суқрот аст.

Андешаи ҳеҷангоронаи "аз оғози дунё ин қатлу кушторҳо буд" ва ҳодисаи Сукрот аз як ҷиҳат ночизии умри инсониро нишон диҳад, аз дигар тараф қурбонӣ гардидани ҳақиқатҳо дар баробари қувваҳои манфии ҷомеаро ба намоиш мегузорад. Ҳар касе, ки ба қатл расонида мешавад, ин маънии гунаҳгор будани ӯро надорад. Аммо дар ниҳоят хабар мерасад, ки Мансуров сафед карда шудааст ва ҳукми қатл ба ҳукми понздаҳ сол зиндон иваз карда мешавад.

Баръакси сарнавишти Суқрот дар нисбати Мансуров боз ҳамон фалсафаи бостонии тоҷикӣ, ки "дар ниҳоят некӣ бар бадӣ ва ё Аҳурамаздо бар Аҳриман ғалаба мекунад" ғалаба мекунад.

ххх

Дар сухан ва амали қаҳрамонҳои асар як асолати қавии миллие, ки тавонад дар баробари идеологияи коммунистӣ қад алам кунад, вуҷуд надорад. Эътироз бо як таълимоти аз решаи солими худ дургардида бо як таълимоти баробарвазн сурат намегирад, балки танҳо бо ормонгароӣ бо он зиддият варзида мешавад. Масалан, "шуравӣ урфу одатҳои моро аз байн бурд", "алифбоямонро дигар кард", "дари масҷидҳоро баст" ва мисли инҳо ҳанӯз қудрате нестанд, ки бо идеологияи шуравӣ рақобат карда тавонанд. Инҳо як мушт ормонгароӣ ва хумори

гузашта аст, на як таълимот ва ё идеяи созанда. Дар саросари асар бо ақида ва арзиши бевосита бо таълимоти коммунистӣ дар алтернатива буда ба назар намерасад. Азбаски фарҳанги асил ва қавии худмеҳварӣ вуҷуд надорад, бинобар ин ҳамеша таълимоти бегона аз ислом сар карда то идеологияи коммунистӣ дар ин сарзамин ба шукуфоӣ расидаанд.

Дар қисматҳои охири асар, ки дар баробари дигаргуниҳои сиёсӣ, масъалаи худшиносии миллӣ дар мисоли масъалаи забон зуҳур мекунад, муаллиф ин воқеиятро дар миён мегузорад. Дар суҳбат бо Озар Мансурови таҷрибаи ҳаёт ба балоғати фаҳм ва андеша расонида, яке аз фикрҳои бунёдиро дар нисбати миллат, таърих ва равшанфикри миллӣ баён менамояд: "бояд ба гардан гирем: мардуми мо ҳаваси саъй карда, маъниро баровардан надоранд. Як каме рӯяки корро дида ё шунида, худамонро донишманд мепиндорем, дигаронро писанд намекунем, чунки сабукфикр, сабукмағзем" (саҳ. 314). Агар археологияи фикри халқро гузаронем, дармеёбем, ки дар ҳақиқат фарҳанги мо коста, сарсарӣ ва якҷониба аст. Фарҳанг дар асоси офарида ва эҷоди худ ҳақиқати худро ошкор месозад. Мутаассифона, дар фарҳанги мо баъзе аз бунёдҳо ба назар намерасанд ва ё хело заиф ҳастанд. Яке аз онҳо ин фалсафаи сиёсӣ ва дар ниҳоят худи сиёсати амалӣ дар тули ҳазор сол. Сиёсати мо, фалсафаи мо, илми мо бо ислом сар мешавад ва бо он ба анҷом мерасад. Аммо маълум нест, ки оё ин ислом дар ҳақиқат бунёдан бо ин ҳама алоқае дорад ва ё не.

Ҳангоми мушкилӣ ва буҳронҳои таърихӣ ва вуҷудӣ ба ҳеҷ як аз таълимот, ё боварии тавассути ақли солим бавуҷудомада муроҷиат карда наметавонем, зеро онҳо вуҷуд надоранд. Дар ингуна лаҳзаҳо боз ба ҳамон ислом муроҷиат менамоем. Вақте ки Мансуровро ба марг маҳкум мекунанд ва дар "хонаи марг" интизории қатлро мекашид, ба ҷуз аз ҳамон дин ба чизи дигар

муроҷиат карда наметавонист. Ҳамингуна дар замоне, ки ҳизби коммунист шикаст мехурд, дигарбора муллоҳо ба саҳна пайдо мешаванд. Зеро таълимоти алтернативии дигаре надорем, ки дар лаҳзаҳои мушкил ба доди мо расанд, ин заъфи фарҳанги мо аст. Фарҳанги мо бо ҳамаи расму русум ва анъанае, ки дорад, омиёна аст ва ба умқи ҳастӣ роҳ набурдааст. Танҳо ин эҳсосоти мо аст, ки аз он як падидаи фавқулодда метарошем, аммо он дар баробари ҳеҷ як аз падидаҳои замонҳои алоҳида истодагарӣ карда натавонистааст.

Агар муаллиф ҳавсала карда на аз оғози солҳои ободкунонии водии Вахш, балки аз замони пайдоиши пои русҳо ба ин минтақа романро мушифокона оғоз менамуд, ба хубӣ маълум мегардид, ки ин оқибмондагии фикрӣ ва маънавии мо буд, ки имкон дод пои русҳо ба минтақа расад. Бо эътиқод, боварӣ ва ақидаҳои шахсӣ ва умумӣ наметавон дар баробари ҳеҷ як таҳоҷуми фарҳангӣ истодагарӣ намуд. Имрӯз мо шоҳид ҳастем, ки дигар шуравӣ нест ва мо боз бо ҳамон расму русуми худ зиндагӣ дорем, оё бо ин ба мақоми шоистатаре расидаем?

Ҳодисаҳои солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар ҳақиқат нишон дод, ки мо дар камоли сабукфикрӣ ва сабукмағзӣ амал менамоем. Вақте ки фикри равшан ва амиқ вуҷуд надорад, ҳамагуна амалҳои ислоҳотхоҳӣ, инқилобие, ки бидуни фикри равшан ва дониши зарурӣ сар мезанад, на натиҷаи хуб, балки ҳамагуна вазъро бадтар месозад. Беҳтарин намунаи инро мо дар мисоли ҷумҳурии Афғонистон мушоҳида карда метавонем. Набарди онҳо ҳанӯз аз солҳои 80-уми асри гузашта оғоз ёфта буд ва азбаски фикри равшан нест, то метавонанд ватанашонро бадбахттар месозанд. Танҳо як меъёри тавоноӣ вуҷуд дорад, ки он дониш мебошад, ҳамагуна амали бидуни дониш ба зарари худ ба анҷом мерасад. Дар сурати набудани

дониш миллат танҳо бо худ набард карда метавонад ва он ҳам на набарди созанда, балки ба хотири нобудии худ.

Ин фалсафаи ҳаётро муаллиф дар саҳнаи набарди майна бо мусичаҳо ва сипас байни худи мусичаҳо нишон медиҳад. Нахуст майна конфетро аз ихтиёри мусичаҳо мегирад, онҳо худро канор мегиранд ва дар лаҳзае бад мусичаҳо ба ҳам низоъ мекунанд. Мансуров, ки ин лаҳзаро мушоҳида менамуд, дар зеҳни худ мегузаронад: "Ин мурғони куҳнаи мо феъли мардуми бумиро доранд. Зўриашонро ба бегона не, ба худӣ нишон медиҳанд" (саҳ.314). Яке аз натиҷагириҳои боаҳамияти Мансуров ин ниёз ба идеяи миллатсозӣ аст, ки мутаассифона вуҷуд надорад. Ў ба Ораз мегўяд: "Ба мардум идеяи миллатсоз даркор". Муаллиф нишон медиҳад, ки ҳамин идеяи миллатсоз на дар андешаи рўшанфикрон ба назар мерасад ва на дар амали онҳо. Онҳое, ки мехостанд шуравиро барҳам диҳанд ва ҷомеаи нав ба вуҷуд оваранд, дорои оддитарин идея ва ҳатто огоҳии сиёсӣ набуданд. Бо ормонгароии худ, яъне ба дурӣ аз воқеият ва вопасгароӣ, бо як ҳаюло мехостанд сар ба сар шаванд. Ба хотири он ки ин масъаларо дақиқтар нишон диҳем, назари яке аз равшанфикрон дар мавриди ҳаракати "Растохез"-ро ин ҷо меоварем. Вақте ки дар суҳбат оиди "Растохез" бо таваҳумот сухан мегўянд, Эраҷ аз равшанфикрони маҳаллӣ, ки бо муҳтавои фаъолияти "Растохез" ошно буд, ҳақиқати ин созмонро чунин ошкор менамояд: "Он ҷо як гурўҳ рўшанфикрон ҷамъ омада, ба тариқи муросо мегўянд, ки бояд минбаъд одобу русуми гузаштаамонро пос дорем, аз таърихамон, фарҳангу маърифати гузаштаҳоямон ёд кунем. Дар садади он бошем, ки коргузории давлатамон ба забони тоҷикӣ бошад. Ҳамин гуна гуфтугузор, дигар чизе не!" (саҳ. 346). Албатта ҳамаи ин иқдомҳо хуб ҳастанд, чун замоне мавриди маҳкумият қарор гирифта буданд, бояд дигарбора воқеият пайдо намоянд,

аммо дар як вақт онҳо як паёме барои оянда шуда наметавонанд. Тафаккури таҳлилие вуҷуд надорад, ки ҳақиқати расму русуми гузашта ва сабаби баргашт ба онҳоро ошкор карда диҳад. Агар мо он равандҳоро ҳамчун ҳаракати рӯшанфикрӣ номем, он танҳо ду хусусият дошт: якум, вопасгарой, яъне бедор кардани ҳамон расму русуми гузашта ва дувум танҳо ба вуҷуд овардани ноороми, эътироз ба хотири барҳам додани ҳукумат ва дигар андешаи созандае ба назар намерасад.

Пайгирии минбаъдаи ин равишро мо дар суҳбати байни Максим Буров бо Ҷовид Мансуров дар хонаи Сарҳад, фарзанди Мансуров, метавонем дарёбем. Буров аз ба вуҷуд омадани харaҷу марaҷ дар давлати Шуравӣ эҳсоси норизоиятӣ намуда, дар мавриди инкишоф наёфтани тафаккури инсонҳо сухан мекунад: "... дар Тоҷикистон низ корхонаҳо сохтанд, илму амал оварданд, ба пешравиҳои замона пайванд дода бошанд ҳам, бубинед, тафаккур, андешаи халқатон дигар нашуд. Ҳамон зиёияш ҳам нигоҳаш тарафи мавҳумоту хурофот ва авомунносаш ҳам" (саҳ. 380). Дар ин натиҷагирии як нафар, ки ҳодисаҳоро дар гармогармиаш бевосита мушоҳида менамуд, шубҳа карда наметавонем. Аммо Буров ҷониби дигари масъаларо дида наметавонад, ки он ҳам ҷанбаи маънавӣ ва эҷодии идеологияи шуравӣ мебошад. Пешрафт дар замони шуравӣ ба назар мерасид, аммо ин пешрафт якҷониба, ё механикӣ буд, масалан, корхонаҳо сохта мешуд, дигар ободиҳо ба назар мерасиданд, аммо аз ҷиҳати зеҳнӣ ва фикрӣ мебоист танҳо худро маҳдуд ба идеологияи шуравӣ намуд ва чизи дигареро намебоист қабул намуд. Агар шуравӣ имконият медод, ки дар баробари физика ва математика, фалсафа ва равоншиносӣ низ инкишоф ёбад, шояд ба оқибати ногувор дучор намегардид. Дар тамоми собиқ давлатҳои

шуравӣ ба ҷуз аз эътироз, норизогӣ ва даъво андешаи солиме вуҷуд надоштан, реша дар идеологияи маҳдуди шуравӣ дорад.

Дар ҷавоби ин сухани Буров Ҷовид Мансуров андешаи ҳакимонае дар зеҳни Ҷовид Мансуров мегузарад: "Бале, ин дарди мавҳумот дар мо ҳаст, , - фикр кард Ҷовид, -оқибати ин дарди бедаво моро ба гӯр мебарад" (саҳ. 380). Албатта мавҳумот дарди бедаво нест, он дорои даво аст, ки он "огоҳӣ" аст. Аммо чунин огоҳиро, аз тамоми ҷамоҳири шуравӣ сар карда, то ба ҷаҳони араб ва умуман шарқ, касе аз худ накардааст. Аз ин сабаб аст, ки на ягон инқилоб дар собиқ ҷамоҳири шуравӣ ба ҷое расид ва на баҳори арабӣ. Инқилоб, дигаргунӣ ва пешрафт бо дониш ва огоҳӣ тавъам аст, на бо таваҳумот ва расму русум.

ххх

Пас аз оне, ки Мансуров аз зиндони Узбекистон бармегардад, дар аввал чунин менамояд, ки бо ҳамин сюжети достон ба анҷом мерасад, аммо дар ҳақиқат он як марҳалаи гузариш мебошад ва минбаъд ҳодисаҳое рух медиҳанд, ки аз ҷиҳати аҳамият на камтар аз қисмати аввалаи роман мебошанд. Дар ин марҳала мо шоҳиди равандҳое ҳастем, ки моҳияти онҳо пора гардидани нони шарикӣ, яъне ҳамон давлати шуравӣ мебошад.

Дар ин бахш Мансуров дигар дар маркази ҳодисаҳо ва як образи фаъол ва якумдараҷа нест, балки як мушоҳидагари воқеаҳо аст. Агар дар қисмати аввал ҳодисаҳо бо созандагӣ, меҳнати сангин ва зарбдори инсонҳо дар водии тоқатфарсои Вахш оғоз ёфта бошад, дар ин марҳала баръакс ҳодисаҳо аз боло, аз эътирозҳо ва норизогиҳо дар Москва ва таъсири онҳо дар Тоҷикистон оғоз меёбанд. Агар дар қисмати аввал Ҷовид бештар бо амалҳояш худро нишон медод, пас дар ин ҷо ӯ бо таҷрибанокӣ, нубуғи фикрӣ ва мулоҳизоти дурандешона аз ҳама фарқ менамуд. Яке аз фарзандони ӯ раиси колхоз ва

фарзанди дигариаш, ки дар Душанбе устоди донишгоҳ буд, иштирокчӣ ва фаъоли ҳодисаҳои охири асри бистум дар Тоҷикистон мебошад. Худи ӯ бошад, аз забони ҳамдиёрон ва фарзандон ҳодисаҳоро шунида, бевосита ва дарзамон натиҷаҳои қаноатбахш мебаровард.

Яке аз суолҳои бунёдӣ, ки Буров ба миён мегузорад ва он ба Мансуров, ҳамчунин тамоми коммунистҳо тааллуқ дорад, ин "Чаро чунин шудем?" аст. Ҷавоб низ дуруст аст, ки "Қудрат намонд". Давлате, ки сохтани он аз сифр шуруъ шуда буд, дар тоқатфарсотарин шароитҳо сохта шуда буд, ногаҳон дар пеши чашмашон аз ҳам мепошид. Ин ҷо ҷавоб метавонад зиёд бошад, аммо яке аз онҳо, ки дар худи асар ба мушоҳида мерасад, ин нобоварии ҳизби коммунист нисбат ба инсон буд. Он на ин ки намояндагони синфи дар гузашта доранда ва пешрафтаро унсури бегона медонист, балки ҳамонҳое, ки барои он бо виҷдони қавӣ хидмат карда буданд, низ барояш бегона менамуданд ва ҳамагӣ аз он озоре дар дил доштанд. Чунин озорро мо дар ҳодисаи "изофанависӣ" ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар Узбекистон мушоҳида менамоем, ки дар таҳаммулоти Мансуров дар "хонаи марг" ва зиндони Узбекистон ба таҷаллӣ медарояд.

Қаблан фазое вуҷуд надошт, ки нафари оддие, ба ҷуз аз зиндонҳо, бепарвоёна ҳизби коммунист ва ё сохти шуравиро танқид кунад, акнун ин як кори оддӣ мегардад, ки дар суҳбатҳои аҳли гузари Мансуров ин ба назар мерасад. Дар нишастҳо ҳамеша назари Мансуров аз ҳамаи назарҳои дигарон, аз ҷумла фарзандонаш фарқ менамуд. Ҳама бепарвоёна сухан мекарданд, аммо мулоҳизаҳои Мансуров содиқона буданд, ӯ ояндаю гузаштаро дар як он баркашида сухан мекард.

Албатта, вақте ки буду шуди моро таваҳҳумот ташкил медиҳад, ҳатман айбро дар русҳо мебинем. Худи мо чӣ? Яке

айб дар мо набуд? На. Зеро аслан мо дар ҳисоб набудем. Дар ин ҷо ҳақиқати фарҳанги мо бори дигар худро ба намоиш мегузорад. Агар мо дорои фарҳанги пешрафта мебудем, на ин ки дар шикасти шуравӣ маҳз русҳоро муқассир намедонистем, балки умуман иҷоза намедодем, ки шуравӣ ва ё русҳо дар ин минтақа пой бигзоранд. Дар ин ҷо бояд амиқтар назар карда мешуд ва худро низ то ҳадде муқассир медонистем. Шояд пассивтарин халқи шуравӣ мо будем ва ҳангоми барҳам хурдани он низ бо амалҳои кутоҳандешонаи эҳсосотӣ бадтарин зарбаро ба ҷисми худ мо задем.

Яке аз лаҳзаҳои ҷолиби асар ин дар таҳаммул рафтани Ҷовид Мансуров дар бораи сарнавишти шуравӣ дар умум мебошад. Ӯ мехоҳад танҳо ба як савол ҷавоб диҳад, ки "Шуравӣ дар умум дорои бартариҳо буд ва ё не?" Дар ин ҷо ӯ ҳамаи арзишҳое, ки тавассути онҳо мардумро ба зиндагӣ ва оянда умедвор гардонида буд ва ҳамчунин заъфҳои онро якояк аз партави зеҳни худ мегузаронид. Бештар ба сароғози шикасти таҷрибаи шуравӣ мехост роҳ ёбад, аммо ҳар андоза, ки меандешид боз анқариб ба саргаҳи пайдоиши он мерасид ва беҳтарин ташбеҳе. Ки дар ин таҳаммул ба зеҳни ӯ меояд, ин ба мурдаи Сталин шабоҳат додани мурда ва ё рӯзҳои охири шуравӣ мебошад. Вақте ки Сталин вафот менамуд, ҳама дар сари болини ӯ тамошобин буданд, ҳамчунин ҳангоме ки шуравӣ ба ҳолати ҳалокат расид ҳама тамошобин буданд. Дар ин таҳаммулот Мансуров аз инсоф истифода мебарад ва ҷанбаҳои неки онро дар назар мегирад, аммо дар як вақт ҷанбаҳои манфии онро низ баён месозад.

Ҳамин тавр хати сюжети асар бо барҳам хурдани ҳизби муқтадири коммунистӣ ва таҳаммулоти Мансуров дар бораи сарнавишти он ба анҷом мерасад.

ххх

Он миллатҳое, ки аҳли андеша ва таҳлил ҳастанд, ҳар ҳодисаро мавриди ковиш қарор дода доир ба он садҳо мавод омода месозанд, ки дар умум огоҳии мардум ва ҳамчунин мутолеоти онро густариш медиҳад. Марги андеша ва огоҳӣ он вақт аст, ки вақте гуногунандешӣ аз байн меравад ва танҳо як назар доир ба ҳама чиз боқӣ мемонад. Табиатан ҳар кас бояд ҳодисаро ба тариқи худ таҳлил ва маънидод намояд. Аммо мутаассифона дар мо на таҳлили ҳодисаҳо анъана гардидааст ва на гуногунандешӣ дар мавриди онҳо, ки чунин ҳолат бояд аз миён бардошта шавад.

Давлати шуравӣ, аз пайдоиш то ба заволи он як ҳодисаест, ки бевосита бо муҳимтарин марҳалаи таърихи мо, яъне пайдоиш ва ташаккули Тоҷикистон пайванд хӯрдааст, бояд он чи дар шакли умумӣ ва куллӣ ва чи бо ҷузъиёт мавриди шинохт ва таҳлил қарор гирад. Бо мурури замон он аҳамияти худро барои мо нишон медиҳад, дар умум, он як дарси таърихист барои мо, бинобар ин бояд ҳеҷ вақт он ҳамчун як объекти таҳлил аз назар дур андохта нашавад. Ҳамон андоза, ки ҷанбаҳои мусбати он дорои омӯзиш аст, омӯзиши ҷанбаҳои манфии он низ боаҳамият мебошанд.

Асари "Нони шарикӣ", ки бевосита ҳодисаҳои Тоҷикистон дар замони шуравиро ифода кардааст, аз ҳар ҷиҳат барои хонандаи имрӯза дорои омӯзиш ва аҳамият мебошад. Муаллиф бо як ҷасорати хос тавонистааст, реша ва сарчашмаҳоеро мавриди таҳлил қарор диҳад, ки онҳо дар умум, ҳақиқати давлати шуравиро метавонанд ба хубӣ бозкӯшоӣ намоянд. Роман як нақли хушки ҳодисаҳо набуда, балки таҳлил ва ташхиси ҳодисаҳои сарнавиштсози як марҳала мебошад.

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони мухтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 29.07.2025*
*Барои нашр имзо шуд 30.07.2025*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза 70х100$^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии “Дониш”- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*

**Илм ва Љомеа**